В этой классификации учитель должен стремиться к тому, чтобы не только передавать знания, а создавать обучаемому условия для самостоятельного поиска, открытия чего-либо, нахождения и обнаружения. Иначе говоря, учитель иностранного языка – фасилитатор – это тот, кто способствует усвоению и освоению чего-либо нового в предметной области. Безусловно, большую роль здесь призвана играть искренность учителя, его уважительное сотрудничество с учащимися, положительное восприятие личности – субъекта обучения, эмпатическое его понимание. По выражению Роджерса К., «принять ученика – это активно выразить к нему доверие и уверенность в его человеческих возможностях» [3, с. 52].

Наконец, следует остановиться и на экспертной функции учителя иностранного языка при его профессиональной подготовке в вузе. Экспертная или консультативная функция учителя восходит из потребности в учителе, обладающем прочными и глубокими системными знаниями, необходимыми практическими навыками и умениями. Этими своими качествами учитель вовлекает учащихся в сферу своих интересов. Здесь важна компетентность учителя в области преподавания иностранного языка и познания индивидуальных и когнитивных качеств учеников. Все это, в конечном счете, требует высокой профессиональной компетентности и педагогического мастерства учителя.

ЛИТЕРАТУРА

1. Есипович К.Б. Управление познавательной деятельностью учащихся при изучении иностранных языков в средней школе: Учеб. пособие / К.Б. Есипович. – М.: Просвещение, 1988. – 191 с.
2. Зимняя И.А. Психология обучения иностранным языкам в школе. – М.: Просвещение, 1991. – 219 с.
3. Каримова И., Шарифзода Ф. Учитель – творец добра и прогресса. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 180 с.
4. Леонтьев А.Н. Проблемы развития психики. – М.: Изд-во МГУ, 1959. – 584 с.
5. Рогова Г.В., Рабинович Ф.М., Сахарова Т.Е. Методика обучения иностранным языкам в средней школе. – М.: Просвещение, 1991. – 287 с.
6. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. Изд-е 2. – М., 1946. – 720с.

7. Языкова Н.В. Процесс обучения иностранным языкам как предмет профессионально-методической подготовки будущего учителя / Н.В. Языкова // Иностр. языки в школе. – 1994. – № 2. – С. 49-54

ПРОФЕССИОНАЛЬНАЯ ПОДГОТОВКА УЧИТЕЛЯ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА В ВУЗЕ В КОНТЕКСТЕ ЦЕЛОСТНОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ПРОЦЕССА

Профессиональная деятельность учителя иностранного языка в его обучающей функции состоит из трёх основных частей: владение иностранным языком, способность к решению методических задач, способность организовать учебный процесс.

Автор считает, что в процессе профессиональной подготовки учителя иностранного языка необходимо также обратить внимание на следующие функции, которые, в свою очередь, складываются из определенных моментов: эмоциональная поддержка; исследовательская функция; фасилитаторская функция; экспертная функция.

Ключевые слова: *профессиональная подготовка, профессиональные качества, профессиональная деятельность, компетентность, педагогический процесс, вуз, учитель, иностранный язык.*

PROFESSIONAL TRAINING OF THE FOREIGN LANGUAGE TEACHER AT HIGHER EDUCATION INSTITUTION IN THE CONTEXT OF COMPLETE PEDAGOGICAL PROCESS

Professional activity of the foreign language teacher consists of three main parts: foreign language skills, ability to the solution of methodical tasks, ability to organize educational process.

The author considers that in the course of professional training of the foreign language teacher it is also necessary to focus on the following functions which, in turn, consist of certain moments: emotional support; research function; facilitator function; expert function.

Keywords: *professional training, professional qualities, professional activity, competence, pedagogical process, higher education institution, teacher, foreign language.*

Сведения об авторе:

Абдуллаева Мехриниссо, *кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания иностранных языков, декан факультета иностранных языков Худжандского госуниверситета имени академика Б.Гафурова, E-mail: mehriniso25@mail.ru*

About the author:

Abdullaeva Mekhrinisso*, candidate of Pedagogical sciences, Associate Professor of the Department of methods of teaching foreign languages, Dean of the Faculty of the foreign languages under Khujand State University named after academician B.Gafurov, E-mai:l mehriniso25@mail.ru*

ФАРҲАНГИ ПЕДАГОГИИ МОДАР ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ФАРЗАНДОН

Обидова М.И.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Маълум аст, ки шоирону нависандагон ва мутафаккирони форсу тоҷик дар асарҳову навиштаҳои худ дар радифи он, ки мавқеи падарро болотар гузоштаанд, ҷойи зан-модарро низ аз падар камтар надонистаанд, агарчӣ дар байтҳои Саъдии бузургвор:

Чу хоҳӣ, ки номат бимонда ба ҷой,
Писарро хирадмандӣ омӯзу рой.
Ки гар ақлу раъяш набошад басе,
Бимириву аз ту намонад касе.

Ва ё Абулҳасани Фаррухӣ:

З-он ки устоди ту андар ҳама коре падар аст,
Чун падар гаштӣ, ту андар ҳама корӣ устод.

манзалати падар аз модар баландтар гузошта шуда бошад ҳам, мақоми зан-модарро Фирдавсии бузург дар яке аз байтҳои худ чунин арҷгузорӣ намудааст:

Зи гетӣ ҳаме панди модар нӯш,
Ба бад тез маштобу бар бад макӯш!
Шабу рӯз чун ҷон гиромиш дор,
Ки чун ҷон бипарвардат андар канор.

Шеъри машҳури устод Айнӣ дар бобати тарбиятгар ва роҳнамои асосии зиндагӣ будани модар низ тасдиқгари гуфтаҳост:

Кист он кас, ки шири софу лазиз
Ба шумо аз ҷигар расонду чашонд.
Баҳри осоиши шумо аз хоб
Хост, гаҳвораи шумо ҷунбонд.
Шустушӯ карда дасту пои шумо,
Аз муҳаббат бачои пок нишонд?

Дар навбати худ илми педагогика собит менамояд, ки дар пешравии оила ва тарбияи фарзандон мавқеи зани бомаърифат бештар аст.

Дар ҷомеаи кунунӣ нақши модари бомаърифату таҳсилдида шомили чунин вазифаҳост:

– бунёди консептуалии нигоҳи нав ба нақши модар дар тарбия ва рушди кӯдак тибқи амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»;

– беҳдошти рушди равонию ҷисмонии фарзанд;

– баланд бардоштани сатҳи маърифатии модар чун тарбиятгари аввалини инсон;

– дарёфти роҳу усулҳои навини тарбияи хонаводагӣ.

Қабул шудан ва амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» зан- модари тоҷикро водор менамояд, ки ба масъалаи тарбияи фарзанд, рушду камолоти маънавию фарҳангии худ диққати ҷиддӣ диҳад. Амалӣ гардидани ин Қонун ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усул, воситаю амалҳои самарабахши таъсиррасонии тарбиявиро талаб менамояд, ки яке аз беҳдошти сатҳи фарҳанги тарбиятии шахсию хонаводагӣ, касбию иҷтимоии зан-модарро дар навбати аввал талаб мекунад.

Дар педагогикаи халқи тоҷик рисолати афзалиятноки зан-модар тарбиятгар будани фарзанд аст, ки баъди хонадоршавӣ, тавлид, тарбия ва камолоти иҷтимоию маънавии фарзандонро давом медиҳад. Аз ин ҷост, ки вазифаи модар натанҳо ҳаёт бахшидан, инчунин тарбия намудани фарзандони солим, дорои ахлоқи шоиста, соҳибмаълумоту соҳибкасб иборат мебошад.

Одамон фарзандро меваи ҳаёт меҳисобанд ва ӯ аз рӯзи ба дунё омадан ичро гардидани рисолати аҷдодии худро ба зимма мегирад, яъне давомдиҳандаи наслҳо, барқароркунандаи занҷири ногусастаи авлоду халқҳо, қавму миллатҳо, дирӯз, имрӯз ва фардои инсоният мегардад.

Дар тарбия, омӯхтани забон, таъриху фарҳанг, донишҳои муосир ва умуман камолоти маънавию ахлоқии фарзанд дар нақши модар хеле бузург аст. Аз ин ҷост, ки модар баҳри ичро намудани рисолати худ ҳамеша кӯшиш менамояд, то фарзанди солим, ақлану ахлоқан рушдёфта, мувофиқ ба талаботи давру замонро ба воя расонад.

Дар илми сотсиология рисолати оила чунин роҳандозӣ гардидааст, ки дар он нақши зан ва дараҷаи таҳсилотӣ назаррас аст:

– тавлиди фарзандон ва таъмин намудани ҷомеа ба насли солим;

– таъмин кардани талаботҳои моддӣ, маънавӣ, манзилӣ, дастрасии неъматҳои моддӣ ва аҳли

хонавода;

– аз насл ба насл додани таҷрибаи фарҳангӣ, қонеъ гардондани талаботҳо ба фарҳанг, фароғат ва донистани муҳит, муносибатҳои иҷтимоию фарҳангӣ;

– мерос гузоштани мавқеи иҷтимоӣ бо доданиному насаб ва молу мулки шахсӣ;

– ташкили истироҳату фароғат барои барқарор кардани қувваи корӣ, ғамхорӣ барои барқарор кардани саломатӣ, таъмини некӯаҳволии аҳли хонавода;

– баргузории муошираты маънавӣ, рушди шахсияти аъзои оила ва нигоҳ доштани сохтор ва мавқеи иҷтимоии оила;

– қонеъ гардонидани талаботҳои аҳли оила ба ҳурмату эҳтиром, эътироф кардани ҳамдигар, дастгирии равонию иҷтимоӣ [1].

Вазифаи асосии зан дар оила, модар будан аст. Волидон нахустин муҳити иҷтимоии кӯдакро ташкил медиҳанд. Шахсияти онҳо дар ҳаёти минбаъдаи кӯдак нақши муҳим мебозад. Фарзанд дар ҳама лаҳзаҳои ҳаёт ба модари худ муроҷиат менамояд ва аз ӯ кӯмаку дастгириро интизор мешавад, ӯ ба меҳру навозиши модар аз рӯзҳои аввали ҳаёт ниёз пайдо мекунад. Хусусан дар давраи тифлӣ ҳангоми шинохта гирифтани симои модар кӯдак меҳру муҳаббат ва муносибати эмотсионалиро талаб менамояд. Модар бо навозиш, нигоҳубини меҳрубонона ин талаботи кӯдакро қонеъ мегардонад.

Маълум аст, ки мавқеи зан дар оилаи муосири тоҷикон аз бисёр ҷиҳат ба шароити иқтисодии шавҳар, фарзандони баркамол, фарҳанги хонаводагӣ, маълумоту шахсияти муайян карда мешавад. Зан модар ба иҷрои вазифаҳои суннатии хонаводагӣ: таваллуди фарзандон ва нигоҳубину парастории онҳо, нигоҳубини хоҷагӣ ва таъмин намудан равона карда шудааст.

Бояд қайд кард, ки меҳру муҳаббати модарӣ омили муҳими тарбияи фарзанд аст. Фақат модар қудрату тавоноии бузурги таъсиррасонӣ ба шахсияти фарзанд дорад.

Равоншиносон дар он ақидаанд, ки норасоии меҳру муҳаббати модар инкишофи психикӣ, ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва ҳаяҷонии кӯдакро бозмедорад.

Муносибати кӯдак нисбат ба худ, ба атрофиён ва муҳити иҳотакарда дар давраи барвақти бачагӣ ташаккул меёбад. Бовар кардан ба одамон, зоҳир намудани фаъолият ва масъулият нисбат ба олами атроф, ҳисси боварӣ нисбат ба худ, аз таҷрибаи муносибатҳои волидайн вобаста аст. Мактаби модарӣ аввалин мактабе мебошад, ки фарзанд ба камол расида, сабақи одамият меомӯзад.

Педагогҳо дар он ақидаанд, ки вазифаи тарбиятии волидайн аз инҳо иборат аст:

Якум-ташаккули шахсияти кӯдак, инкишофи шавқу ҳавас, қобилиятнокӣ, омӯзондани таҷрибаи иҷтимоии ҷамъият, коркарда баромадани муносибати ахлоқӣ нисбат ба меҳнат, талабот ва маҳорати шаҳрванди асил будан. Дуюм- таъсири доимии тарбиявии оила ба ҳамаи аъзоёни оила дар тӯли зиндагӣ. Сеюм-таъсири доимии фарзандон ба волидайн, ки онҳоро барои фаъолона иштирок намудан дар раванди тарбия водор месозанд. Дар иҷроиши ин вазифаҳо мавқеи модар нисбат ба дигар аъзоёни оила бештар эҳсос карда мешавад.

Зан- модар ки як қисми асосии ҷомеа ба ҳисоб меравад хеле хуб дарк менамояд, ки бофарҳангӣ ва маърифатнокӣ дараҷаи маълумотнокии ӯро муайян менамояд. Тули ҳазорсолаҳо занон барои гирфтани маълумот, таҳсил дар мактабу мадрасаҳо кӯшиш мекарданд. Замоне буд, ки занон чунин имкониятро надоштанду, аммо фарзанд ба дунё меоварданд ва ӯро тарбия дода ба воя мерасониданд. Ба ин модарон аҳсан гуфта сарвари давлат қайд кардааст: «Модари тоҷик дар тӯли асрҳои дароз ба инсоният ҳазорон алломаву нобиғаҳоро додаст, сиёсатмадорону давлатдорони бузург, паҳлавонону қаҳрамонони миллатро дар домани покаш парваридааст…». Зан- модар он мактаби модариеро омӯхтааст, ки аз авлод ба авлод мерос мондааст. Ин мактаб мактаби зиндагӣ аст, ки аз ҳаёт муомила, муошират, таҳаммулпазирӣ, пуртоқатӣ, худдорӣ, покдоманӣ, иззати нафс, озодагӣ, рӯзгордорӣ, меҳмоннавозиро омӯхта ва ин гуна сифатҳоро дар фарзандони худ тарбия менамояд.

Муваффақияти иҷрои вазифаи тарбиятӣ аз маърифатнокии волидайн, ба хусус аз модар, вобастагии зиёд дорад, ки аз маҷмуи шароит ва воситаҳои муайяне, ки имкониятҳои тарбиявии оила, шароитҳои моддию маънавӣ, маърифатнокӣ, муносибатҳои байни аъзоёни оиларо дар бар мегирад, иборат мебошад.

Сатҳи дониши модар оид ба қонуниятҳо ва омилҳои инкишофи равонию ҷисмонии кӯдак имконият медиҳад нисбати солимии равонию ҷисмонӣ, ақлонию ахлоқии кӯдак, аз худ кардани донишу маҳорату малакаҳои ҳаётан зарурӣ роҳнамоӣ карда, муносибаташонро нисбати донишомӯзӣ, азхудкунии касбу ҳунар ба таври мусбат ташаккул дода шавад.

Дар масъалаи маърифатнокии зан сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудааст: «Дар оилае, ки модар дорои маърифати баланд аст фарзандони нек ба воя мерасанд. Бинобар ин, худи модарон бояд соҳибмаърифату бофарҳанг ва дорои ҷаҳонбинии васеъ бошанд, то ки дар тарбияву парастории, камолоти маънавию ҷисмонӣ ва ба ҳаёти мустақилона омода кардани фарзандонашон нақшу мақоми онҳо ба хуби эҳсос гардад. Дар ин ҳолат афроди ҷомеаи таълимдидаву тарбиягирифта, соҳибмаърифату донишманд ва худогоҳу худшинос, пеш аз ҳама, иззату эҳтиромии падару модари худро ба ҷо оварад, дӯст доштани сарзамини аҷдодӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои муқаддаси Ватанро рисолати инсонӣ ва қарзи фарзандии худ медонанд».[6]

Фарҳанги педагогии модар, қисми ҷудонашавандаи фарҳанги инсоният мебошад ва дар он таҷрибаи тарбиявии инсоният инъикос ёфтааст. Ҳаёт нишон додаст, ки зан-модар ҳамқадами замона мебошад ва аз имконоту шароитҳое, ки дар ҷомеа мавҷуд аст васеъ истифода мебарад. Ӯ хеле хуб дарк менамоянд, ки талабот нисбати инсон бо тағйир ёфтани сохтори ҷамъият зиёд мешавад ва бояд дар ташаккул ва рушди насли ояндааш саҳми босазое гузорад. Аз ин рӯ доимо барои баланд бардоштани фарҳанги педагогӣ ва психологӣ кӯшиш менамояд.

Таъсис гардидани кӯдакистонҳо (кӯдакистон-мактаб, кӯдакистонҳои хусусӣ, оилавӣ, Марказҳои рушди кӯдакон), мактабҳои типпи нав (гимназия, литсейҳои давлатӣ барои бачагони лаёқатманд) ва муассисаҳои таҳсилотии рақобатпазир дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ, хизматрасониҳои иловагии пулакӣ (маркетинги соҳаи маориф) гувоҳи дар раванди кори таълиму тарбиявӣ иштироки фаъолона доштани зан-модар мебошад. Зан-модар бо ин амали худ тавонист исбот намояд, ки қудрату тавоноӣ дорад то рисолати модарии худро бо тарбияи фарзандони халқу хонадони хеш пайваст намуда, дар пешрафти илму фарҳанги кишвар ҳиссагузор бошад.

Таҳлили маводи оморӣ нишон медиҳад, ки бештари занҳо барои худ касби омӯзгориро интихоб менамоянд. Тибқи нишондодҳои оморӣ теъдоди занҳо дар соҳаи маориф 49, 3%-ро ташкил менамояд. Ин аз рисолати тарбиятии зан – модар бармеояд. Зан табиатан тарбиятгар аст ва касби омӯзгорӣ дар ҷомеаи мо симои занонаро дорад. Аз рӯи нишондодҳои оморӣ асосан 5781 кормандон дар муассисаҳои томактабӣ ва 22557 омӯзгорон дар мактабҳои ибтидоӣ аз ҳисоби занҳо ба фаъолияти педагогӣ ҷалб карда шудаанд.

Пешрафти ҷомеа, таҳаввулот дар андешаи мардум метавонад ба донишомӯзӣ ва касбинтихобкунии ҷавонон таъсири худро расонад. Мо ҳангоми тадқиқотгузаронӣ муайян намудем, ки дар шӯъбаи ғоибонаи факултети педагогика, аз рӯи ихтисоси таҳсилоти томактабӣ, духтарону модароне таҳсил менамоянд, ки маълумоти заминавии олӣ, миёнаи касбии педагогӣ ва тиббӣ доранд. Бо мақсади такмил додани донишу фарҳанги педагогии худ дар таълиму тарбияи хурдсолон, ки хишти аввали шахсияти инсон гузошта мешавад, такмил додани донишу маҳорати худ дар таълиму тарбияи фарзандони худ ва кӯдакони ба муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ фаро гирифташуда таҳсилу тадриси худро дар шӯъбаи ғоибона идома медиҳанд.

Бо мақсади муайян намудани мавриди истифодабарӣ қарор гирифтани донишу маълумотҳои дар дарсҳо азхудкардашуда мо ба 112 нафар донишҷӯён савол пешниҳод намудем: «Оё донишу маълумоти дар донишгоҳ гирифтаатонро дар парваришу тарбияи кӯдакон истифода мебаред:

– дар тарбияи фарзандон;

– дар фаъолияти касбӣ;

– дар ташвиқу тарғиби фарҳаги педагогӣ байни волидон»

Донишҷӯён ҷавобҳои худро чунин арзёбӣ намуданд:

Савол	Теъдод	Истифода мебаранд дар:					
Оё маълумот ва дониши гирифтаатонро дар амал истифода мебаред?	112	Тарбияи оилавӣ		Муассисаҳи томактабӣ		Ташвиқу тарғиби фарҳанги педагогӣ	
		Нафар	Фоиз	Нафар	Фоиз	Нафар	Фоиз
		102	91, 7%	112	100%	112	100%

Эзоҳ:10 нафар мусоҳибон (информатор-респондентҳо) духтарони оиладорнашуда буданд ва ҷавоби амиқ надоданд.

Аксарияти иштирокчиёни пурсишнома 90 нафар, яъне 80% афзалияти фаъолияти касбии худро дар

инҳо мебинанд: а) кӯдак дар кӯдакистон ҳамроҳи модар аст; б) ӯ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст.

Тибқи квотаи президентӣ ба таҳсилу тадрис ва маълумотгирӣ ҷалб намудани духтарон аз ноҳияҳои кишвар яке аз омилҳои баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти духтарон-модарони оянда мебошад. Дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ тибқи квотаи президентӣ 352 нафар ба таҳсилоти рӯзона, 35 нафар донишҷӯдухтарон ба таҳсилоти ғоибона фаро гирифта шудаанд. Дар давоми таҳсил дар Донишгоҳ онҳо ба иҷрои вазифаи на танҳо соҳиби салоҳияти касбии омӯзгорӣ, инчунин ба иҷро намудани вазифаи модар, тарбиятгари фарзанди хеш ва ояндаи миллату давлат омода карда мешаванд.

Боиси таассуф аст, ки солҳои охир сатҳи дониш ва таҳсилоти духтарону занон, махсусан, дар шароити деҳот беҳбудиро металабад. Далели ин фикрҳо чунин аст:

–на ҳамаи волидон барои таҳсилу тадрис ва маълумтгирии духтарон имконияту шароит фароҳам меоваранд;

–теъдоди муайяни духтарони лаёқатманд вобаста ба вазъи иқтисодии хонавода имконияти дар мактабҳои олии касбӣ ва коллеҷҳо идома додани таҳсилро надоранд;

–мушкилоти хонаводагӣ, анъанаи мардсолорӣ, мавҷудияти зӯроварии равонию эмотсионалӣ, сахтгирии беҷо ва ғайраҳо сади роҳи таҳсилоту рушди зан мегардад. Мавҷудияти чунин раванд дар тадқиқотҳои муосир [1] нишондода шудааст.

Фанҳое, ки дар ин шӯъба тибқи талаботи стандарти таҳсилоти олии касбӣ, нақша ва барномаҳои таълимӣ омӯхта мешавад ба модарони оянда ва мураббияҳо нигаронида шудааст ва чунин донишҳоро дар бар мегирад: хусусиятҳои инкишофи равонии кӯдак дар ҳамаи давраҳои синнусолӣ; хусусиятҳои инкишофи ҷисмонӣ, обутоб додани бадан, малакаҳои тозагию озодагӣ, ҳифзи саломатӣ, нигоҳ доштани солимии бадан; ташаккул ва инкишофи шахсияти кӯдак; истифодаи роҳу усулҳои ташаккул ва тарбия намудани сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ: одобу рафтор, муносибат бо атрофиён; истифодаи дурусти усулҳои тарбия намудани меҳнатдӯстӣ ва ташаккули худхизматрасонӣ; омода намудани кӯдак ба ҳаёти минбаъда, ҷидди муносибат кардан ба омода намудани кӯдак ба мактаб ва ғайра.

Умуман, дар ҳамаи барномаҳои таълимии фании тахассусӣ (педагогикаи томактабӣ, психологияи бачагона, методикаи инкишоф додани нутқи кӯдакон, ташаккулдиҳии тасаввуротҳои аввалини математикӣ, технологияи омӯзонидани фаъолияти мусаввирӣ-расмкашӣ, гулмонӣ, суробсозӣ, тартибдиҳӣ, шинос намудан бо табиат ва тарбияи экологии кӯдакон, тарбияи мусиқӣ-бадеӣ назария ва методикаи тарбия ҷисмонӣ) ва фанҳои интихобии тахассусӣ вобаста ба қисмат ва мавзӯъҳо ба кор дар хонавода, робита ва мутаасилии таҳсилоти томактабӣ дар оила ва кӯдакистон диққати махсус дода шудааст.

Таҳсилоти модар на танҳо ба тарбия ва рушди кӯдак, инчунин ба буҷаи оила ва сарфу харҷи он, маданияти оиладорӣ ва устуворию пойдории оила, комёбию осудаҳолӣ ва саломатии равонию ҷисмонии аҳли хонавода таъсир мерасонад. Имрӯз бояд муҳаққиқони риштаи педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба таҳқиқу дарёфти тадбирҳо барои баланд бардоштани рисолати хонавода диққат диҳанд.

АДАБИЁТ

1. Маджидова Б. Традиции и обычаи таджикского народа в формировании нравственных качеств личности. – Душанбе, 2004. – 212 с.
2. Мацковский М.С. Социология семьи. Проблемы методологии и методики. Москва, 1989. –132 с.
3. Обидова М.И. Рисолати зан-модар аз нигоҳи Президенти ҷумҳур – Эмомалӣ Раҳмон. Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо. – Душанбе: «Адиб», 2015. с. 289-303.
4. Панду ҳикмат. Нашри савуми такмилу тасҳеҳшуда. Мураттиб: Муллоҷон Фозилов. – Душанбе: «Адиб», 2016.
5. Раҳимов Б., Нуров А. Педагогикаи этникӣ ва халқии мардуми тоҷик. – Душанбе: «Шарқи озод», 2008.
6. Современный ребенок. Энциклопедия взаимоотношения. Под.ред. А.Я.Варги. – Москва, 2006 - 640с.
7. Эмомалӣ Раҳмон: Зиндагӣ аз модар сарчашма мегирад. – Душанбе, 2013.

ВЛИЯНИЕ ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ МАТЕРИ НА ФОРМИРОВАНИЕ ЛИЧНОСТИ ДЕТЕЙ

Автор статьи, рассматривая традиционную роль женщины - матери в современном таджикском обществе уделяет особое внимание на влиянии и уровень образования, на целенаправленную

воспитательную деятельность в семье. Особо подчеркивается активное участие женщин в деятельности дошкольных и начальных воспитательно-образовательных учреждений, где детям необходимо именно материнская нежность и любовь. Современная женщина-мать в процессе учёбы в высших учебных педагогических, профессиональных учреждениях и в работе с детьми совмещают свою деятельность в семейном и общественном воспитании, так как призвание женщин это всегда быть воспитателем своих детей и детей народа.

Ключевые слова: *семья, призвание женщины-матери, воспитание и развитие детей, образование женщины-матери, педагогическая культура.*

THE INFLUENCE OF THE MOTHER'S PEDAGOGICAL CULTURE ON THE FORMATION OF THE PERSONALITY OF CHILDREN

The author of article considering a traditional role of the woman - mothers in a modern Tajik society pays special attention to influence and an educational level, on purposeful educational activity in a family. Active participation of women in activity of preschool and initial upbringing-educational institutions where it is necessary for children parent tenderness and love is especially underlined. The modern woman-mother in the course of study in higher educational pedagogical, professional establishments and in work with children combine the activity in family and public education as calling of women it always to be the tutor of children and children of the people.

Keywords: *family, calling of the woman-mother, education and development of children, formation of the woman-mother, pedagogical culture.*

Сведение об авторе:

Обидова М.И. *Докторант кафедры дошкольного образования Таджикского государственного педагогического Университета им.С.Айни, E-mail: munira6464@mail.ru*

About the author:

Obidova M. I. *Doctoral candidatein the Department of the preschool education of the Tajik State Pedagogical University named after S.Aini, E-mail: munira6464@mail.ru*

МАҚОМИ АНДРАГОГИКА ДАР НИЗОМИ ИНСОНШИНОСӢ

Сафаров М. В.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Мафҳуми «андрагогика» соли 1833 тавассути муаррихи педагогикаи олмонӣ - А.Капп ба муомила ворид шуда буд. Он ҳаммонанди мафҳуми «педагогика» сохта шуда, баромади юнонӣ дорад (андрос - мард, инсон; агогейн - пешбурд; пеш бурдан). Агар ба тариқи таҳтуллафзӣ тарҷума кунем, андрагогика - ин «пешбурди шахси калонсол» (инсон-пешбарӣ) аст. Аз сабабе ки истилоҳ бо назардошти воқеияти педагогӣ зуҳур кардааст, сухан оид ба пешбурд тавассути таҳсилу таълим меравад.

Муҳаққиқ В.М.Розин чунин менигорад: «Ҷанбаи гузарандаи давру замон педагогикаро дар вазъу ҳолати ногувор мемонад, зеро номаълуму номафҳум мемонад, кӣ бояд мактабро ташаккулу таҳаввул диҳад, идеалҳои инсони маълумотнок кадомҳоянд?» [6, с.64].

Андрагогикаро метавон аз мавқеъҳои гуногун мавриди баррасию арзёбӣ қарор дод: соҳаи донишҳои илмӣ; соҳаи амалияи иҷтимоӣ; фанни таълимӣ. Барои он ки тасаввуроти махсуси илмӣ оид ба вижагии илмии андрагогика ба даст ояд, бояд муайян карда шавад: предмете, ки он меомӯзад; низоми мафҳумҳое, ки ин предмет тасвиру тавсиф мекунад; усулҳо ва методҳои асосие, ки ба раванди дарку фаҳми илмии он ва таҳаввулот мусоидат мекунанд. Мувофиқи ин нуктаю ҳолатҳо ҷойгоҳу мақом ва вазифаҳои донишҳои андрагогӣ дар низоми илмҳои муосир муқаррар карда мешавад.

Азхудкунии андрагогика ҳамчун соҳаи амалияи иҷтимоӣ соҳибу моликшавӣ ба муқаррароти касбӣ, донишҳо, малакаҳо, қобилиятҳо, муносибатҳои арзишнокро фаро мегирад, ки ба маънию мазмун ва моҳияти фаъолият оид ба таълими калонсолон мутобиқат доранд.

Барои дарку фаҳми вижагиҳои андрагогика ҳамчун предмети таълимӣ муҳим аст, ки ҷойгоҳу мақоми он ва зарфияти таҳсилотӣ дар сохтори омоданамоии мутахассисон муайян карда шавад.

Муҳаққиқ Н.Н.Букина рушди таҳсилоти ғайрирасмии калонсолонро мавриди тадқиқу омӯзиш қарор дода, зикр менамояд, ки мақом ва нақши он дар низоми таҳсилоти идоманок падидаю зуҳуроти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад.[1,с.6].

Андрагогика як бахшу соҳаи ҷавонтари донишу маърифати илмӣ маҳсуб буда, ҳоло дар раванди ташаккул қарор дорад. Қаробати истилоҳоти «педагогика» ва «андрагогика» солиёни дароз сабаби мубоҳиса ва мунозираҳои илмӣ гашта мондааст. Идоманокии маъноию мазмуниро бо соҳаи педагогика ҳифз карда, мафҳуми «андрагогика» айни замон дар худ таъйиноти ҷанбаи таълими ашхоси калонсол ва зарурати тадқиқи хосаи онро таҷозо мекунад. Мабнӣ бар ин ихтилофот байни андрагогика дар доираи дигар илмҳо ҳоло мушаххасан муайян карда нашудааст. Баъзеҳо онро ҳамчун як бахши алоҳидаи педагогика меҳисобанд. Дигарон бо назардошти вижагии табиати шахсони калонсол ҳамчун субъекти таълиму таҳсил андрагогикаро аз доираи соҳаҳои педагогика берун мебароранд, ки ба тариқи истисноӣ ба «пешбурди тифл» машғул мебошад. Пайравони ин нуқтаи назар ва мавқеъ таваҷҷӯҳи худро ба табиати интегративии андрагогика равона мекунанд, ки донишҳоро оид ба шахсони калонсол аз дигар соҳаҳои донишу маърифатҳо муттаҳид мекунад. Фақат як нукта бебаҳс аст, ки - андрагогика ҷанбаи байнифаннӣ дорад.

Робитаи байниҳамдигарии зичи андрагогика бо педагогика ва назарияи таҳсилоти калонсолон зимни муқоисаи предмети онҳо ошкор карда мешавад. Передмети педагогика дар шакли умумӣ метавонад ҳамчун ташаккули инсон дар воқеияти педагогӣ эҳсос карда шавад. Предмети назарияи таҳсилоти калонсолон – низоми таҳсилоти калонсолон ҳамчун сохтору ниҳоди иҷтимоӣ-фарҳангӣ дарку фаҳм карда мешавад. Предмети хосаи андрагогика назария ва методикаи таълими калонсолон дар қаринаи таҳсилоти муназзаму доиманок нуҳуфтааст.

Мусаллам аст, ки соҳаи марзу ҳудуди манфиатҳои илмии ин соҳаҳои донишу маърифат шахси калонсол мебошад. Вазифаи асосии андрагогика мутобиқи маънию мазмуни он, ки дар номаш нуҳуфтааст, - пешбурди шахси калонсол мебошад. Аммо барои ин зарур аст, ки табиат ва моҳияти шахсе, ки пеш бурда мешавад, дуруст дарку фаҳм карда шавад. Биноан, амалкарди мутақобилаи андрагогика бо дигар соҳаҳои илмҳо, ки интиҳои солҳои 60-уми асри ХХ тавассути муҳаққиқи машҳури психология Б.Г.Ананев ҳамчун инсоншиносӣ муқаррар карда шуда буд.

Дар маркази таваҷҷӯҳи инсоншиносӣ инсон дар маҷмӯъ қарор дорад, ки яке аз шаклҳои тасаввуроти он симо (образ) маҳсуб аст. Дар натиҷаи таҷзияи (синтези) навъхои гуногуни дониш симои илмии инсон дар ягонагии «тамоми таъйинотҳои ӯ» ҳамчун «ибтидои кайҳонӣ, биологӣ, иҷтимоӣ ва рӯҳию ҷонӣ бояд дар як замон гирифта шаванд», зуҳур мекунад (В.И.Соловьев). Чунин тасаввуроти маҷмӯӣ ба дараҷаи мушаххаси таърихии рушди маърифат мутобиқат мекунад. Дар ин доира дониши андрагогика вазифаи хосаро иҷро мекунад ва таваҷҷӯҳи худро ба проблемаҳое равона мекунад, ки бо таълиму таҳсил дар низоми амалкарди мутақобилаи шахсони калонсол алоқаманданд.

Андрагогика – ин соҳаи башардӯстонаи илмҳо мебошад. Дар фазои он таҷзияи ғояҳо ва нуктаю ҳолатҳо на фақат аз самту соҳаи инсоншиносӣ, балки донишҳои ҷомеашиносӣ, фалсафаи таҳсилот, фарҳангшиносӣ ва дигар илму фанҳо татбиқ мегарданд. Мантиқи раванд таҷозо менамояд, ки асосҳои назариявии интихоби маълумотҳо нисбати истифодаи таълими гурӯҳҳои гуногуни аҳолии калонсол коркард гарданд. Асосу заминаи муттаҳидгар проблематикаи иштирокдорони равандҳои таълиму таҳсил мебошанд, ки вазъу ҳолати балоғатро муайян мекунанд.

Ҳамин тариқ, андрагогика намунаи барҷастаи ифодаи тамоюлоти умумии рушди донишу маърифатҳои умумии муосирро ифода мекунад. Аз як ҷониб, ин ҳамоишу тавъам будан атрофи доираи проблемаҳои калидӣ аст, аз ҷониби дигар – махсусгардӣ ва тафриқаи он мебошад. Биноан, андрагогика ба тариқи органикӣ метавонад вориду шомили қисмати таркибӣ ва назарияи педагогика гашта монад, ҳамчунин ҷузъи назарияи таълими калонсолон, низоми инсоншиносӣ буда, ҳамзамон ба ҳайси як соҳаи мустақили дониш боқӣ монад.

Қаринаи илмии донишҳои андрагогӣ тавассути баррасию арзёбии чунин категорияҳо, аз қабили инсон, калонсол будан (балоғат), маълумот, таҳсилоти калонсолон, таҳсилоти муназзам ва идоманок, андрагог зоҳир мешавад.

Майдони муосири тадқиқотҳо дар соҳаи андрагогика инҳоро фаро мегирад:

– омӯзиши талаботу эҳтиёҷоти маърифатию таҳсилотии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ бо назардошти синну сол, ҷинсият, мақоми иҷтимоӣ, дараҷаи омодагии касбӣ, вазъу ҳолати саломатӣ;

– омӯзиш ва қолибу намунасозии самтҳо, шаклҳо ва вазифаҳои фаъолиятҳои таҳсилотии шахси калонсол дар дараҷаи таҳсилоти асосию заминавӣ ва иловагӣ, худомӯзӣ, мақоми маълумотнокӣ, фаъолияти маърифатӣ, рушди маънавию ахлоқӣ;

– коркарди таъминоти мазмунӣ – мақсадӣ, технологӣ, таъминоти кадрии низоми маориф.

Усулҳо (принсипҳо) ва рушди донишҳои андрагогӣ чунинанд: интегративият, ба амалия нигаронида шудан, башардӯстона будан.

Дар тадқиқотҳои андрагогӣ ба тариқи густарда чунин навъҳои роҳу шеваҳо истифода мегарданд:

Ҷомеашиносӣ (пурсишҳои дастаҷамъона ва ғ); оморӣ (барои муайян кардани тамоюлоти рушди соҳаи таҳсилоти калонсолон);

Таҳлили муқоисавӣ (барои муқоисаи вижагиҳои давраю марҳилаҳои синнусолӣ, қолибу намунаҳои гуногуни таҳсилоти калонсолон ва ғ.);

Лонгитюд (тадқиқҳои эмпирикии объектҳои иҷтимоӣ, ки омӯзишу таълими ҳамон як гурӯҳ, шахсон, сохторҳои иҷтимоиро, ки бо проблематикаи таҳсилот дар тамоми тӯли умр робита доранд, тақозо мекунад); мониторинг (методи арзёбии сифатии тамоюлоти рушди падидаю зуҳуроти таҳсилотиро дар асоси ченакҳои давратан такроршавандаи миқдорӣ, ки дар асоси сохтори ягона ва нишондодҳо иҷро мегарданд);

Методи тарҷумаиҳолӣ (биографӣ) (омӯзиши маводи биографӣ, ёддошту хотираҳо, ки масъалаҳои таҳсилотро дар тамоми тӯли умр инъикос ва ифода мекунанд);

Контент-таҳлил (таҳлили сифатӣ-миқдории санаду ҳуҷҷатҳо, сарчашмаҳо); шарҳию тафсирӣ (имкон медиҳад, ки маънию мазмун ва арзишҳо, моҳияту муҳтаво ва воситаҳои таҳсилоти гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба эътибор гирифта шаванд).

Дар илми муосири ҷаҳонӣ бархурдҳои нисбатан муфиди илмӣ-методӣ коркард шудаанд, ки имкон медиҳанд фаъолияти сохторҳои иҷтимоӣ ба маҷрои дуруст даровардa шавад.

Усулҳои (принсипҳои) асосии ташкил ва созмондеҳии фаъолияти таҳсилотии шахсони калонсол чунинанд: муназзамию идоманокӣ, шаффофияту кушода будан, гуногунӣ, ҳамкорӣ, худташкилкунӣ.

Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон фоизу теъдоди нафароне, ки ба таҳсилоти иловагӣ, касбӣ ва умумифарҳангӣ ниёз доранд, вобаста ба якчанд омилу сабаб дар ҳолати афзоиш аст:

–тавсеаи мазмуну муҳтавои мафҳуми «босаводӣ» дар ҷомеаи тағйирёбанда ва таҳаввулпазир зарурати ҷуброни норасоиҳоро дар таҳсилоти умумифарҳангии калонсолон тақозо мекунад, ки аз донишу маълумотҳои зиёди муосир, аз ҷумла, дарку фаҳми манзараи имрӯзаи олам, малакаҳои кор дар техникаҳои компютерӣ, малакаҳои муошират, қобилияти мутобиқати иҷтимоӣ ва ғ., бархурдор нестанд;

– рушди тавлидоти вобаста ба илму ақлу дониш қатъан талабот нисбати сатҳу дараҷаи тахассуси кормандонро тақозо мекунад ва зимнан иштироки онҳоро дар раванди афзоиши ҳаётии тахассус ва бозомӯзӣ ангезиш медиҳад;

– бозсозии шадиди сохторҳои нави бозаргонии меҳнат ба он оварда мерасонад, ки теъоди зиёди шахсони қобили меҳнат, аз ҷумла, шахсони дорои маълумоти олӣ, бе ҷои кор мемонанд. Маҳз бо соҳаи таҳсилоти калонсолон ба тариқи мустақим имконоти бозомӯзии инсонҳое, ки бе ҷои кору шуғл мондаанд, алоқаманд аст ва дурнамои иҷтимоии таъмин шудан бо ҷои кори музди хубдошта низ аз ҳамин омилҳо вобастагӣ доранд;

– солҳои наздик интизор меравад, ки фоизи калонсолоне, ки маълумоти пурраи умумӣ надоранд афзоиш меёбад. Сабабу омили асосӣ – афзоиши теъдоди атфол аст, ки ба тариқи муназзам ба таҳсил фаро гирифта намешаванд;

– аз хидмат дар сафи неруҳои мусаллаҳ озод шудани одамон ба зарурати ҷустуҷӯ ва азхудкунии соҳаҳои нави фаъолияти касбӣ оварда мерасонад, ки мустақиман вобаста ба бозомӯзӣ ва мутобиқати иҷтимоӣ-психологӣ мебошанд;

– рушди технологияҳои муосири компютерӣ имконоти усулан навро нисбати таҳсилоти идоманоки касбӣ тақозо мекунад;

– дар ин ҷода ғояи бозгардонӣ ба ҷомеаи солим одамонеро, ки ҷиноят содир кардаанд ва дар маҳбасҳо қарор доранд, ҳадафи дурнамодор менамояд. Бо ин мақсад метавон бо онҳо чораҳои иҷтимоигардонӣ ва рушди маънавию ахлоқӣ андешид ва дар ин маврид шаклҳои гуногуни таҳсилот ва маърифатнокӣ метавонанд мусоидат кунанд.

Бояд донист, ки андрагогика на фақат аз соҳаи амалкарди мутақобилаи иҷтимоӣ-психологӣ ва ё касбии калонсолон оғоз мегардад, ки дар он ҷо қабл аз ҳама пешбурди кору фаъолияти бо мазмуну муҳтавои муайяни азхудшаванда пешбинӣ шудааст. Андрагог – ин инсонест, ки вазифаи асосии касбиаш таълими калонсолон мебошад. Аммо, вазифаи андрагогиии таълимӣ-тарбиявиро мутахассисе ба зимма мегирад, ки дар низоми «инсон-инсон» кору фаъолият дорад. Онро метавон ба тариқи факултативӣ ва ё меъёрӣ дар низоми таҳсилоти муназзаму идоманоки касбӣ ва ё таҳсилоти иловагии педагогӣ аз худ намуд.

Дар байни методҳои ташкилу созмондеҳии амалияи муосири андрагогӣ бояд чунин методҳо ба сифати роҳу усулҳои самаранок ҷудо карда шаванд: қолибу намунасозии имитатсионӣ;

ба нақшагирӣ ҳамчун тағйироти ҳадафмандонаи ташхисии воқеият дар рафти ҷараёни таҳсилот; навъҳои гуногуни рефлексия;

барномасозӣ ва алгоритмизатсия, ки дар асоси онҳо азхудкунии пурраи маълумоти зарурӣ татбиқ мегардад.

Ҳамчун илме, ки амалияи таълими калонсолонро ифода карда, умумӣ мегардонад, андрагогика имкон медиҳад, ки ҳадафҳои таҳсилотии калонсолон ташаккул ва татбиқ карда шаванд. Асосҳои назариявӣ ва методологии фаъолиятро коркард намуда, имкон фароҳам оварда мешавад, ки донишҳои умумӣ ва касбӣ ба даст оварда шаванд, дастовардҳои фарҳангӣ аз худ гарданд, тамоюлҳои маънавию ахлоқӣ ташаккул ёбанд ва ҳамин тариқ андрагогика таҳсилотро дар қаринаи роҳи ҳаётии инсон мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор медиҳад. Он усулҳо, методҳо ва воситаҳоеро мекушояд, ки тавассути онҳо дар ҳаёти калонсолон нақши рушдгар, иҷтимоигар ва мутобиқгари таҳсилот таъмин карда мешавад. Аз ҳисоби таҷзияи маълумот оид ба болиғу балоғат ҳамчун сифате, ки сохтору муҳтавои талаботҳои таҳсилотиро муайян мекунанд, донишҳои андрагогӣ имкон фароҳам меоранд, ки дараҷаи таъминоти илмӣ-методӣ ташаккул дода шавад, ки дар муқоиса бо дидактикаи мактаби олӣ, педагогикаи таҳсилоти касбӣ ва бозомӯзӣ умумитар мебошад. Омодагию тайёрии андрагогӣ ҳаллу фасли проблемаҳои таҳсилотро дар муддати ҳаёт воқеӣ гардонида мемонад.

АДАБИЁТ

1. Букина, Н. Н. Развитие государственной системы неформального образования взрослых в России [Текст] / Н. Н. Букина // Человек и образование.2008. - № 3. - С. 3-9.
2. Змеев, с. И. Андрагогика: Становление и пути развития // Педагогика. -1995.-№2.
3. Змеев, СИ. Технология обучения взрослых.-М., 2002.
4. Российская педагогическая энциклопедия: В 2 т. / Под ред. В. В. Давыдова.-М., 1993-1999.
5. Онушкин, В. Г., Огарев Е.И. Образование взрослых: Междисциплинарный словарь терминологии. - СПб.; Воронеж, 1995.
6. Рабочая книга андрагога / Под ред. С. Г. Вершловского. -СПб., 1998.
7. Розин, В. М. Образование в условиях модернизации и неопределенности / В. М. Розин. - М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», - 2013. - 80 с.
8. Knowls, M. The Modern Practice of Adult Education: from Pedagogy to Andragogy. -N. Y., 1970.

МЕСТО АНДРАГОГИКИ В СИСТЕМЕ ЧЕЛОВЕКОЗНАНИЯ

В статье рассматривается место андрагогики в системе человекознания. По мнению автора, как наука андрагогика позволяет обоснованно формулировать и реализовывать образовательные цели взрослых людей.

Как отмечает автор статьи, андрагогика раскрывает принципы, методы и средства, с помощью которых в жизни взрослых обеспечивается развивающая, социализирующая и адаптирующая роль образования.

Ключевые слова: *система, место, андрагогика, взрослые, подготовка, проблема, развитие, потребности, социальный.*

THE PLACE OF ANDRAGOGY IN THE SYSTEM OF HUMANITIES

The article considers the place of andragogy in the system of human science. According to author's opinion, as the science andragogy allows reasonably to formulate and implement the educational goals of adults.

As the author of the article points out, andragogy discloses the principles, methods and means by which the developing, socializing and adapting role of education is ensured in the life of adults.

Keywords: *system, place, andragogy, adults, preparation, problem, development, needs, social.*

Сведения об авторе:

Сафаров Мунир Ватанович*, кандидат педагогических наук, старший преподаватель Кулябский государственный университет им. А. Рудаки 734360, РТ, Хатлонский область, г. Куляб, ул. С. Сафаров-16, тел: 918665441, E-mail: munir11@list.ru*

About the author:

Safarov Moneer Vatanovich, *candidate of pedagogical sciences, senior teacher in Kulob State University named after A. Rudak, phone: 918665441, E-mail: munir11@list.ru*

ИСТИФОДАИ УСЛУБИ «УСТОД-ШОГИРД» ҶИҲАТИ ОМӮЗИШИ МУСИҚИИ АНЪАНАВӢ ДАР МАКОТИБИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сафари Г.

Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

Дар замони пешрафти босуръати илму техникаи муосир ва пешравӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ тарбияи шахси бофарҳангу босавод ва ҳамаҷониба ташаккулёфта вазифаи муқаддаси ҳар як омӯзгори макотиби миёнаву олӣ ба шумор меравад. Аз он ҷумла, вобаста ба талаботи давру замон тарбияи насли наврас дар рӯҳияи зебоипарастӣ ва фаҳмиши амиқи мусиқӣ, дарки санъату фарҳанги волои ниёгон, яке аз рукнҳои асосии таълиму тарбия дар макотиби олии санъат аст.

Факултаи мусиқӣ-омӯзгории ДДФСТ ба номи М. Турсунзода моҳи феврали соли 1983 дар заминаи шӯъбаи суруд ва мусиқии факултаи корҳои маданӣ-равшаннамоии донишкадаи мазкур таъсис ёфтааст. Факулта дар давраи 26-соли Истиқлолияти давлатӣ зиёда аз панҷсад нафар кадрҳои баландихтисосро тайёр намудааст, ки дар соҳаҳои фарҳангу маорифи ҷумҳурӣ кору фаъолият намуда истодаанд. Факултаи мазкур барои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, коллективҳои касбии ҳунарӣ ва дигар муассисаҳои фарҳангу санъат кадрҳои баландихтисос тайёр мекунад.

Вазифаи асосии мо омӯзгорон, дарёфтани роҳу усулҳои пурсамари таълим баҳри омӯзонидани мусиқии муосиру замонавӣ ва ҳам суннатии ниёгон ба шогирдонамон аст.

Яке аз усулҳои хеле пурсамаре, ки аз санҷишҳои таърих гузашта, то ба замони мо омада расидааст, ин усули «Устод-шогирд» мебошад. Истифода аз ин усул ва ё аз таҷрибаи ниёгонамон -ин амали хайру савоб ва роҳи хеле пурсамари омӯзонидани санъати анъанавии аҷдодонамон «Шашмақом» ва «Фалак» мебошад. Асарҳои классикӣ ва ё мусиқии анъанавӣ хусусияти ба худ хоси услуби иҷроиш дошта, ҳар як ҳофиз ва ё иҷрокунанда онро вобаста ба маҳорату истеъдоди касбӣ ва сабки хоси навозандагӣ ва ё сароянда гии хеш иҷро мекунад ва ин анъана тайи чанд асрҳо сайқал ёфта, то замони мо маҳз тавассути услуби «Устод-шогирд» расида омадааст.

Тибқи тадқиқотҳои олимони соҳа ҷанбаи услуби «Устод-шогирд» ҳамчун сарчашмаи амаликунандаи анъанаҳои касбӣ ба ҳисоб меравад. Роҳу воситаҳои ҷанбаи мазкур ҳаматарафа буда, дар таълиму омӯзиши паҳлуҳои гуногуни санъати анъанавӣ истифода бурда мешавад.

Дар санъати мусиқи имрӯзаи тоҷик дар раванди услуби мазкур омӯзиши мусиқии анъанавии «Шашмақом» ва «Фалак» хеле хуб ба роҳ монда шудааст.

Роҳу воситаҳои услуби мазкурро дар шакли зайл номбар кардан мумкин аст:

– ба тариқи шифоҳӣ яъне «аз даҳон ба даҳон». Дар ин раванд ду нафар-устод ва шогирд иштирок менамоянд;

– азхуднамоии арзишҳои суннатии давру замон.

Аз маданияти халқҳои эронинажод-аҷдодони тамаддуни ориёӣ, ки меъёрҳои ба таври шифоҳӣ «аз даҳон ба даҳон» додани маълумотҳои диниро ташаккул дода буданд, ба эҳёи мусиқии касбӣ дар замони ҳукмронии сулолаи Сосониҳо, то он замоне ки мусиқӣ чун ҳунари волои бадеӣ ва ҳамчун касб мақому мавқеи худро пайдо менамояд, мактаби «Устод-шогирд» ташаккул ёфта, ин ришта ба асрҳои IX-X замони ҳукмронии сулолаи Сомониён кашида мешавад.

Дар баробари дигар макотиби маданияти тоисломӣ, мактаби «Устод-шогирд» низ бо тадриҷ маданияти Исломро қабул намуда, фаъолона инкишоф меёбад: мактабҳои хусусӣ ташкил карда мешаванд, ки дар онҳо таҳсил ба мисли пештара бо забони форсӣ-тоҷикӣ ва бо истифода аз истилоҳоти мусиқии форсизабон гузаронида мешуданд. Дар охирҳои асрҳои миёна (IX-XV) ҷанбаи таълимии «Устод-шогирд» мавқеи устувор пайдо намуда, дар шакли нав дар илм инъикос меёбад. Дар илми мусиқӣ ду ҷараёни дақиқ муайян карда мешавад, ки баъдан боиси пайдоиши ду анъанаи таълифи асарҳои илмии санъати мусиқӣ мегардад:

– асосҳои назариявии мусиқӣ, ки дар он мусиқӣ ва дараҷаҳои он бо воситаи илмҳои дақиқ («Китоб ал-мусиқӣ ал-кабир»-и Ал-Форобӣ, «Донишнома»-и Абӯалӣ Ибни Сино, «Китоб ал-адвор»-и Сафиуддини Урмавӣ, «Рисолаи мусиқӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ);

– амалӣ (иҷрокунандагӣ), ки рисолаҳо ҳамчун раҳнамо барои касби мутрибӣ бо назардошти омӯзиши амалии мусиқӣ таълиф шуда буданд («Рисолаи мусиқӣ»-и Алии Нишопурӣ, «Қонуни илмӣ ва амалии мусиқӣ»-и Зайнулобиддини Ҳусайнӣ, «Дар баёни Дувоздаҳмақом»-и Наҷмиддини Кавкабӣ).

Маҳз омӯзиши чунин асарҳо, ки бо забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф шуда буданд, ба пайдоиш ва ташаккулёбии системаи «Устод-шогирд» замина гузошт. Истифодабарандаи асосии ин рисолаҳо, асосан шогирд ба ҳисоб мерафт, ки дар баробари аз худ намудани сарчашмаҳои хаттӣ, ҳамзамон бо роҳи омӯзиши «аз даҳон ба даҳон» дарси маҳорату малакаҳои иҷрои асарҳои мусиқиро низ меомӯхт.

Қобилияти шунавоӣ ва эҳсосоти дарки мусиқӣ омили асосии таълимоти услуби анъанавиро муайян мекунад.

Тибқи гуфтаҳои Худойбердиев С. «Дар шароити амалияи мусиқии анъанавӣ созҳои мусиқӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд, зеро кулли мундариҷаи асари мусиқӣ маҳз бо тавассути созҳои мусиқӣ истифода мегарданд. Бинобар ин сохти оҳанг, шаклбандӣ ва ҳатто силсилабандии мусиқии анъанавӣ дар сохти муқаррарии дастаи созҳои мусиқӣ бо қонуниятҳои муайян инъикос мешавад. Ин гуфтаҳоро дар мисоли танбӯр ва дутору сетор, ки созҳои асосии мусиқии анъанавӣмебошанд, мушоҳида мекунем. Дар шароити услуби таълими анъанавӣ сохти пардабандии дастаи сози мусиқӣ, натанҳо манбаи иҷрои ин ё он асари мусиқӣ, балки воситаи аёнӣ, ё худ системаи омӯзиши таълимиро низ ифода мекунад. Ин система тавассути ҷӯрҳои алоҳида (муносибати фосила байни торҳо, масалан, кварта, квинта, секста, прима) ва дар натиҷаи он ба вуҷуд омадани пардаҳои устувор (шоҳпарда, зарпарда) зоҳир мешавад. Хулоса, созҳои миллӣ дар амалияи мусиқии анъанавӣ маҳсули эҷодиёти мафкураи касбӣ буда, аз аввалин давраҳои пайдоиши худ то ба имрӯз ҳамчун ифодакунандаи тафаккури мусиқии инсонӣ омили асосӣ ба ҳисоб мераванд. Пас, метавон гуфт, ки созҳои мусиқӣ ҳамчун ифодаи модии маҷмӯи тафаккури мусиқии инсонӣ ба вуҷуд омада, дар шароити омӯзиши таълимӣ онро ҳамчун дастур ва ё воситаи асосии таълимӣ қабул кардан зарур аст».

Қайд кардан бамаврид аст, ки имрӯзҳо барои заминагузорӣ ва ҷорӣ намудани услуби таълимоти омӯзиши мусиқии анъанавӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ корҳои зиёде амалӣ шуда истодааст. Тайи чанд сол аст, ки барои дар оянда тайёр намудани мутахассисони мусиқӣ-омӯзгорӣ ва санъати мусиқии анъанавӣ дар донишкадаи мо низ дар баробари таълими дарсҳои мусиқӣ, ҳамзамон барои ба роҳ мондани омӯзиши мусиқии анъанавӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ бо истифода аз системаи мазкур фаъолияти назаррас ва корҳои пурсамар анҷом дода шудааст. Чанд сол пеш дар заминаи факултаи мусиқӣ-омӯзгорӣ ансамбли Шашмақоми донишкада таъсис дода шуд, ки бо ҷалби устодони варзидаи мусиқии анъанавӣ ва роҳандозӣ намудани системаи «Устод-шогирд» дар як муддати кӯтоҳ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гашт. Имсол бошад, дар заминаи факулта бо ҷалби устоди варзидаи жанри фалак, профессор Қурбони Қурбониён ансамбли «Фалаксароён» низ кушода шуд, ки барои дар амал ҷорӣ намудани мақсад ва вазифаҳои дар боло ишорашуда як кори хайру савобе хоҳад гашт.

Бо ташаббуси роҳбарияти донишкада ва пешниҳоди садорати факулта ҳамасола сарояндагону навозандагони машҳури ҷумҳурӣ ва устодони варзидаи санъат аз ҷумла, Абдураҳим Шерматов, Сафар Муродов, овозхони ансамбли «Дарё» Назруддин Неъматуллоев, навозандагони чирадаст Абдусалом Раҳимов ва Баҳром Қодиров ба донишкада даъват гардида, барои боз ҳам зинда гардонидану нигоҳ доштани сабку равияҳои гуногуни санъати сарояндагию навозандагии гузаштагонамон ва баланд гаштани сатҳи маҳорат ва малакаи иҷрокунандагии шогирдон дар ин самт саҳми арзанда мегузоранд.

Ҳадафи асосии дар факулта ба роҳ мондани фаъолияти таълими мусиқии анъанавии ниёгонамон дар вазифаҳои зерин муайян мегардад:

– дар баробари тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни суруд ва мусиқӣ ҳамзамон омода намудани зинаи аввалини мутахассисон барои ба роҳ мондани таълими мусиқии анъанавӣ дар макотиби миёнаи таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ;

– таълиму тарбияи насли наврас дар раванди услуби анъанаи «Устод-шогирд» дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ;

– таъсис додан ва тарҳрезии барномаҳои шаклан нави таълимӣ дар асоси сабку услуби анъанавӣ;

– воридоти омӯзиши мусиқии анъанавӣ дар мазмуни барномаи таълимии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ вобаста ба дарсҳои суруд ва мусиқӣ (маҳфилҳои ҳаваскорони мактабё ин, ки ба роҳ мондани дарсҳои иловагӣ) бо истифода аз системаи мазкур.

Дар ҷараёни таълим дарфакулта корҳои муфиди системаи анъанаҳои «Устод-шогирд» ба роҳ гузошта шудааст, ки ин амал дар айни ҳол ҳамчун намуна дар семинар-машваратҳо, дарсҳои кушод, сайқали ҳунари мутахассисони пешқадам ба ҳайати васеи омӯзгорони дигар шӯъбаҳои мусиқии донишкада мавриди баррасӣ қарор дорад.Шогирдон дар баробари азхуд намудани сабкҳои гуногуни иҷрокунандагии мусиқии ниёгонамон инчунин бо истифода аз малакаю маҳорати азхуднамудаашон доимо дар чорабиниҳои фарҳангии факултаю донишкада ва сатҳи ҷумҳуриявӣ ҳунари худро пешкаши ҳаводорони ин ҳунари воло мегардонанд.

Хулоса, аз натиҷаи тадқиқоту таҳлилҳо бармеояд, ки аз замоне мусиқӣ ва санъати овозхонӣ ҳамчун ҳунари волои бадеӣ ба арсаи ҳаёт қадам ниҳод ва тадричан ҳамчун илм арзи вуҷуд кард, мактаби «Устод-шогирд» пайдо шуд, яъне ин мактабест, ки пеш аз навишти адвор пайдо шуда, то замони мусиқии муосир бо тамоми таровати аввалинаш омада расидааст. Сабабҳои асосии яке аз услубҳои хеле пурмаҳсули таълими мусиқиву суруд ба шумор рафтани услуби «Устод-шогирд»-ро дар нуқтаҳои зер номбар намудан мувофиқи мақсад аст:

– мактаби «Устод – шогирд» дар асоси узвҳои муҳимтарини дарки мусиқӣ даҳон (асоси овозхонӣ) ва гӯш (ҳисси шунавоӣ) заминагузорӣ гардидааст;

– дар асоси шакли хеле маъмулу сода – «аз даҳон ба даҳон» тарҳрезӣ гардидааст;

– дар бисёр ҳолатҳо ба тариқи авлодӣ ё оилавӣ инкишоф меёбад ва аз насл ба насл мегузарад;

– қаробати хеле наздик дар ин усул бо устод, ки дар ҳамаи давру замон дар Шарқ нақши асосӣ ва ифтихориро мебозад;

– устод баҳри зинда нигоҳ доштани ҳунари хеш тамоми маҳорату нозукиҳои касбашро ба шогирд ба таври инфиродӣ меомӯзад.

Дар ҳақиқат, дар мамлакатҳои Шарқ ҳамеша мақому манзалати устод дар назди шогирд хеле баланд буда, таълими ҳунари волои овозхонӣ ва ё иҷрокунандагӣ бо ин услуб, албатта, баҳри рушду нумӯи санъати анъанавии касбӣ нақши босазо дорад.

Аз он ҷумла омӯзиш ва таълими «Шашмақом» ва «Фалак» бо ин воситаву услуб боиси зинда мондан ва ё эҳё гардидани ин ҳунари анъанавии миллии халқамон гардидааст.

Яъне мактаби «Устод-шогирд» ҳамаи он сабку услуб, хусусиятҳои хоси овозхонӣ ва ё иҷрокунандагии ин ё он устоди ҳунарро аз қаъри асрҳо то ба имрӯз нигоҳ дошта сайқал дода, ба мо расонидааст ва ба ояндагон ҳам бо таровату нафосати аввала хоҳад расонид.

Аз ин рӯ, инкишофи ин услуб ва муҳайё намудани шароитҳо баҳри бештар кор бурдан бо шогирдон бо услуби «Устод-шогирд» вазифаи ҳамаи мо устодони макотиби олии санъат ба шумор меравад.

Чунин як таҷрибаи дар амал истифодашудаи имрӯза, инчунин омӯзиш ва тадқиқотҳои хоси системаи «Устод-шогирд» моро водор месозад, ки системаи мазкур барои нигоҳдошт ва ташаккули мусиқии анъанавӣ равона гардида, як ҷанбаи мукаммали таълимӣ ба ҳисоб меравад ва дар оянда низ ривоҷу равнақ додан ва истифода аз системаи мазкур ба хусус дар муассисаҳои таълимии санъат ва мактабҳои таҳсилоти умумииҷумҳурӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

АДАБИЁТ

1. Татбиқи устод-шогирд омили асосии рушди системаи таълими мусиқӣ: /Фароғат Азизӣ, доктори илмҳои санъатшиносӣ//Ахбороти Академияи улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон, апрели 2009.
2. Рушди фарҳанг ва маориф дар шароити технологияи муосир: С. Худойбердиев, профессори ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров//Маводи конференсияи илмӣ-назариявии устодону донишҷӯёни ДДСТ ба номи М. Турсунзода ба истиқболи 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Истеъдод, 2011.-208 с.
3. Таърих ва назарияи Шашмақом:/А.Низомов, доктори илмҳои санъатшиносӣ- Душанбе: Ирфон.

ИЗУЧЕНИЕ ТРАДИЦИОННОЙ МУЗЫКИ ПУТЁМ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СИСТЕМЫ «УСТОД-ШОГИРД» В ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ШКОЛАХ РЕСПУБЛИКИ

*Статья посвящена исследованию процессу развития и возрождения система **«Устод-шогирд» (наставник -ученик)**, в общеобразовательных школах Республики Таджикистан. Автор анализируем приниятые государственные программа, направленные на подготовку кадров в сфере развития культуры и исскуства, а также прилагает решение рида конкретных задач, способствунощих подготовке подготов в области традицонной музыки для общеобразовательных одтфежденний.*

Ключевые слова: *система «Устод-шогирд», фалак, шашмаком, классическая музыка, традиционная музыка, обучение, образования, форма изучения, учебно-методический, общеобразовательных, школа.*

STUDY OF TRADITIONAL MUSIC BY USING THE «USTOD-SHOGIRD» SYSTEM IN THE GENERAL SCHOOLS OF THE REPUBLIC

The article is devoted to the study of the process of development and revival of the system "Ustod-Shogird" (mentor-pupil), in general schools of the Republic of Tajikistan. The author analyzes the adopted state programs aimed at training personnel in the development of culture and the arts, and also makes a decision on a number of specific tasks that help to train teachers in the field of traditional music for general educational institutions.

Keywords: *system «Ustod-shogird», falak, shashmakom, classical music, traditional music, teaching, education, form of study, educational-methodical, general education, school.*

Сведения об авторе:

***Сафари Гулназар**, декан музыкального факультета Таджикского государственного института искусств Таджикистана имени М. Турсунзаде, тел: +(992)934400123; +(992)907076699*

About the author:

Safari Gulnazar, dean of the music faculty of the State Institute of Arts of Tajikistan named after M. Tursunzade, tel: + (992) 934400123; + (992) 907076699

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ АМАЛИСОЗИИ ТАЪЛИМИ ТАФРИҚАВИИ МАТЕМАТИКА ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Маҳмудшехова М., Рачабов Т.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар ҳама давру замон маориф ҷабҳаи пешбурди ҷомеа, раванди соҳибмаърифатии инсон мебошад. Ҳалли қариб ҳамаи масъалаҳои кору зиндагӣ, низому суббот ба он алоқаманд мегардад. Аз ин рӯ, ҳамеша дигаргуниҳои куллӣ ҷомеа, муайян намудани самти ояндаи инкишофи фарҳанги ҷомеа, вазифаи асосии маориф ва масъулияти ҳамин сохтор ба шумор меравад. Дар ҳақиқат мутахассисон, муҳаққиқон, махсусан омӯзгорони пешқадам кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳар як хонанда бо назардошти имкониятҳои таълимиашон ташаккул ёбанд. Барои амалӣ сохтани ин ҳадафҳо таълими тафриқавии фанҳоро дар мактаби муосир бештар бояд ба роҳ монд.

Бояд қайд намуд, ки муносибати тафриқавии таълим аслан масъалаи нав нест, он ҳанӯз дар оғози рушди бонизоми назарияҳои илмии педагогӣ ба вуҷуд омада буд, дар даврахои гуногуни инкишофи ин соҳа дар кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки ҷомеаи имрӯзаи мо низ пешбарандаи бевоситаи низоми илму таълими он аст, аз ҷониби педагогҳо, метадистон-олимони ҷудогона истифода мешуд, дар таълифоти ҷудогонаи онҳо таъкид мегардад.

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи ҳозира тафриқаи таҳсилот яке аз проблемаи рӯзмарраи назария ва амалияи таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ба ҳисоб мераванд.

Сароғоз мақсади асосии тафриқа ба амиқомӯзии хонандагон дар самтҳои физикаю-математика, табиию гуманитарӣ, рушди ҳавасмандии гуногун ва қобилияти онҳо бахшида мешуд, ҳоло бошад, аз диди таҳқиқотчиён ба тарзҳои гуногун баррасӣ мешавад.

Масалан, И.Э.Унт муносибати инфиродиро (тафриқа ҳолати хусусии он) баррасӣ намуда мақсадҳои хусусии онро ин тавр ҷудо мекунад:

1) таълими тавассути муносибати инфиродӣ-донишҳо, маҳорат ва малакаҳоро такмил медиҳад, барои амали сохтани барномаҳои таълими дараҷаи баланди донишҳо, маҳорат ва малакаҳои ҳар як хонанда вобаста ба майлу ҳавасашон мусоидат менамояд;

2) рушддиҳандагӣ-ташаккул ва инкишофи тафаккури мантиқӣ, танқидӣ, маҳоратҳои корҳои таълимӣ бо назардошти майлу ҳавасу қобилиятҳои хонандагонро такя ба марҳилаи наздики рушд фароҳам меоварад;

3) тарбияи шахсиятро бо маънои пурраaш муайян мекунад;

4) беҳдошти майлу марокро ва инкишофи ҳаваси азбаркуниро ба вуҷуд меоварад;

5) таъмин ба инкишофи ояндаи фардии кӯдакро мусоидат мекунад [7, с.33-35].

Т.Е.Кузменков мақсади тафриқаро аз се нуқтаи назар баррасӣ намуда, аз он ҷумла, чунин ибрози ақида менамояд:

1. Аз диди психологӣ-педагогӣ: инфиродикунонии таълим барои муҳайё намудани шароитҳои қуллаи муайянкунии инкишофи майлу рағбат ва қобилияти ҳар хонанда равона шудааст, асоснок мебошад;

2. Аз диди иҷтимоӣ: таъсири мақсаднок бо назардошти истифодаи самараноки имкониятҳои ҳар як фард ба ташаккули нуфузҳои эҷодӣ, интелектуалӣ касбии ҷомеа нигаронида шудааст;

3. Аз диди дидактикӣ: ҳалли масъалаҳои баҳсталаби мактаб тавассути роҳҳои навини муҳайё сохтани системаи методии таълими тафриқавии хонандагон, ки такя ба принсипҳои навини мароқзоҳиркунӣ равона шудааст [4].

Асосгузорони яке аз консепсияи муосири таълими тафриқавии математика (В.Г.Болтянский, Г.Д.Глейзер) ҳадафҳои умумӣ ва хусусии онро барои хонандагони гуруҳҳои гуногун чунин муайян мекунанд:

Ҳадафҳои умумӣ: 1) Ташаккули дараҷаи муайяни маърифатӣ (аз он ҷумла математикӣ) ва донишҳои хонандагон, ки боиси омодагӣ ба ҳаёт ва кор дар шароити муосир, компютеркунонии истеҳсолоти муосир, 2) рушди тафаккури мантиқии хонандагон [1, с.11].

Ҳадафҳои хусусӣ: I гурӯҳ: хонандагоне, ки барои онҳо математика элементи умумии инкишоф буда, дар ҳаёти амалии ояндаи онҳо мавриди истифода қарор надорад. Мақсад: маърифати умумии математикӣ.

II гурӯҳ: хонандагоне, ки математикаро ҳамчун олоти асосии касбӣ истифода мекунанд. Мақсад:ташаккули донишҳои амиқи математикӣ.

III гурӯҳ: хонандагоне, ки математикаро ҳамчун ба сифати касби ояндаи худ интихоб мекунанд. Мақсад: эҷодкорона истифодаи донишҳои амиқи асосҳои математика, яъне «на ин ки фаҳмиши амиқи маводи таълимӣ, балки маҳорати иҷрои исботҳои асосӣ, тадбиқи донишҳои гирифта ҳамчун раванди амалӣ, инчунин соф математикӣ» [1, с.12-13].

Муаллимони дигари консепсияи муосири таълими тафриқавии математика (Г.В.Дорофеев, Л.В.Кузнетсова, С.Б.Суворова, В.В.Фирсов) ҳадафи асосии тафриқаро дар «…равандноки ба шахсияти хонанда, баҳисобгирии талаботи ҳамаи хонандагон-на фақат истеъдоднокҳо, балки барои онҳое, ки предметро бо душворӣ азбар мекунанду майлу ҳавасашон ба дигар соҳа нигаронида шудааст» [3, с.15]; банақшагирии натиҷаҳои таълим бо назардошти хусусиятҳои фардии хонандагон тассавур мекунанд [3, с.16].

В.А.Гусев қайд менамояд, ки ҳадафи асосии таълими тафриқавии математика ин: рушди ҳама шакли фаъолияти мустақилонаи хонандагон, бо ҳамбастагии майл ба худтаълимгирӣ, худтарбиякунӣ равоншуда; масъалаи инкишофи сифатҳои шахсияти ҳамаи хонандагон, инчунин азбаркунии донишҳои базавии математикӣ; муайянкунӣ ва рушди қобилияти математики хонандагоне, ки математика ҷабҳаи асосии ҳавасҳои онҳост. [2].

Ҳамин тариқ, қариб ҳамаи таҳқиқотчиён маромиягона оиди ҳадафҳои асосии таълими тафриқавии математикиро доранд, яъне ҳар як хонандаро бо назардошти хусусиятҳои фардиашон ба таври ҳадди барои рушди онҳо мусоидат карда шавад.

Таҳлил ва баррасии ҷабҳаҳои гуногуни таълими тафриқавӣ дар сарчашмаҳои илмӣ-методӣ моро ба чунин хулоса овард, ки намудҳои зерини тафриқа мавҷуд мебошад: 1) берунӣ; 2) дохилӣ; 3) касбӣ; 4) сатҳӣ;

5) ҷустуҷӯӣ ва 6) бефосила.

Таҳлили адабиёти илмӣ – методӣ нишон медиҳад, ки зери мафҳуми тафриқаи беруна ташкили шакли махсуси таълимӣ, ки майлу ҳавас, талабот ва қобилияти хонанда нигаронида шуда фаҳмидан мумкин аст

Ин намуди тафриқаро тавассути: факултативҳо, синф ва мактабҳои ба омӯзиши амиқи математика; курсҳо аз рӯи интихоб; курсҳои махсуси предметҳо, амалӣ сохтан мумкин аст. Чунини равандро мувофиқи консепсияҳои мавҷуда дар синфҳои болоӣ баргузор кардан мумкин аст.

Муаллифони бисёр консепсияҳои мавҷуда оиди тафриқаи касбӣ дар як андеша мебошанд, ки ин намудро дар мактаб тавассути: а) маҳфилҳо дар синфи 5-9; б) курсҳои факултавӣ дар синфҳои 7-9. Дар синфҳои болоӣ (10-11) синфҳои омӯзиши амиқи математикӣ, курсҳои махсус ё синфҳои касбӣ амалӣ месозанд.

И. М. Шахмаев таҳти унвони тафриқаи дохилӣ чунин тарзи ташкили раванди таълимиро мефаҳмад, ки бо назардошти хусусиятҳои фардии хонандагон дар шароити муқаррарии фаъолияти омӯзгорон дар синфҳои муқаррарии мактабҳои таҳсилоти умумӣ гузаронида мешавад. Ин дар асл фардикунонии таълим аст [7, с. 270]. Дар ин ҷода ҳам андешаҳо бисёранд.

Ҳамин тариқ таҳти унвони тафриқаи (дохилисинфӣ) чунин намуди тафриқа дар назар дошта мешавад, кӣ, тафриқаи сатҳӣ ҳам мегӯянд.

Бо ақидаи В.А.Гусев, тафриқаи дохилӣ бо сатҳӣ ҳамҷоя буда дар доираи машғулиятҳои муқаррарии синф бо назардошти имкониятҳои фардии хонандагон нигаронидашуда гузаронида

мешавад.

Ду намуди дигари тафриқаро (ҷустуҷӯӣ ва бефосила) аз ҷониби В.А Гусев ворид гардида аст. Зери унвони тафриқаи ҷустуҷӯӣ чунин намуди тафриқа дар назар аст, ки хонандагон гурӯҳбандӣ карда мешаванд (хусусан дар марҳилаҳои ибтидоии таълим). Ин маврид усулҳо ва методҳои тафриқаи ҷустуҷӯӣ имконият медиҳад, ки дар оянда раванди инкишофи сифатҳои фардии хонанда назорат карда шавад[2, с.250].

Консепсияҳои рушди таҳсилоти математикӣ тафриқаи сатҳиро ҳамчун усули пешбарандаи таълими тафриқавӣ мавриди омӯзиши математика пешбинӣ менамояд.

Акнун муайян мекунем, ки кадом имкониятҳои ташкили раванди таълими мавҷудаи тафриқавӣ дохилии (сатҳии) математикаи синфҳои ибтидоӣ имконпазир мебошад.

Мавқеи зарурии таълими тафриқавӣ бо ақидаи З.П. Шабалин, ки зарурати ба вуқуъшавӣ ҳамаи марҳилаҳои азбаркунии маводи таълимӣ мебошад. [2, с.250]. Таҳлили таҳқиқотҳои Г.Ф. Суворова, И.К. Глушков, З.П.Шабалин имконият медиҳад, ки усулҳои амалисозии муносибати тафриқавӣ ба хонанда дар ҳамаи марҳилаҳои дарс имконпазир аст.

Марҳилаи омӯзиши маводи нав

Барои омодагии ҳаматарафа ва амиқи дарки маводи нави таълимӣ, мо бо ёрии хотираҳои фардӣ, схемаҳо донишҳои такягоҳиро ба хотир меоварем. Баъди баёни ибтидоии мавод онро такрор мекунем, ҳатто мумкин аст, ки бо баъзе гурӯҳи хонандагон якчанд маротиба ин амалиётро иҷро кунем. Инчунин мумкин аст, ки усули ибтидоии баёнро дар сатҳи баланд муракаббӣ, бо назардошти гуруҳи хонандагони дараҷаи баланди таълимдошта, амалиёиро гузаронем. Сипас баёни ҳамон мавод дар сатҳи ҳаматарафа дастраси ҳамаи хонандагон баргузор менамоем. Ин маврид омӯзгор дар раванди баён метавонад бо пурсишномаҳо бо хонандагони алоҳида муроҷиат намояд.

Барои хонандагонро ба дарки мавзӯи «Хосияти ҷойивазкунии амали зарб» омода созем, чунин супоришҳои тафриқавиро пешкаш менамоем.

Масалан, ба хонандагон масъалаи зеринро барои ҳал пешниҳод менамоем:

Лола дар 3 варақи албом 6-тогӣ откритка часпонд, Ситора бошад дар 6 варақи албом 3-тогӣ откритка часпонд: Откриткаҳои часпондаи кӣ камтар мебошад: Аз Лола ё Ситора?

Барои баромадан аз ҳолати проблемавӣ занҷири супоришҳое, ки донишҳои такягоҳиро ба хотир меоваранд, пешниҳод мекунем.

Пайдарҳамии супоришҳо бояд чунин бошанд:

1. Дар ифодаҳои додашуда ҳамзарби дуюмро бо доирачаҳо нишон диҳед:

$$6\times2=12 \quad 18+5=23 \quad 18-7=11$$
$$24:3=8 \quad 7\times7=49 \quad 5\times3=15$$

2. Дар ифодаҳои додашуда амали зарбро бо доирачаҳо нишон диҳед:

$$19+3 \quad 10>8 \quad 6\times4=24$$
$$26-8\times2 \quad 30-12=18 \quad 5+5+5$$

3. Баробариро санҷед, дар ҷои нуқтаҳо ададҳои: 3, 5, 7-ро гузошта.

$$...\times4=4\times...$$

Барои тадбиқи донишҳои такягоҳии ба хотир овардашуда, супоришҳои зеринро пешниҳод менамоем.

1. Расмҳо ва навиштҳоро бинед:

6×3 3×6

а) Чандто доирача дар якум қатор? Дар дуюм қатор? Дар сеюм қатор? Чандто доирача дар се қатор? Чихел фаҳмидед? (6×3=18). Навиштро хонед.

б) Чандто доирача дар ҳар як сутун? Чандто ҳамин сутун? Чӣ хел фахмидан мумкин аст, ки ҳамагӣ чанд доирача ҳаст? (6×3=18). Навиштро хонед.

в) Барои чӣ натиҷаи якхела пайдо шуд? (Доирачаҳоро бо тарзҳои гуногун ҳисоб карданд).

г) Ин ифодаҳоро муқоиса кунед. Чӣ монандӣ дорад? (Ҳарду оиди зарб, ҳамзарбҳои якхела, натиҷаҳои якхела). Чӣ фарқият доранд? (ҷойҳои ҳамзарбҳо иваз шудаанд).

2. Расмҳоро ва баробариҳо бинед. Чӣ монандӣ доранд? Чӣ фарқият доранд?

2×5=5×2 3x2=2x3 3x4=4x3

– Ифодаҳои дар чапу рост аз аломати баробарӣ навишта монанд мебошанд: онҳо ҳамон якхел ададҳоро ва як амалҳоро дарбар мегиранд, фақат бо ҷойгиршавии онҳо, ҳамзарбҳо фарқ мекунанд.

– Аз расмҳои маълум, ки 2×5=5×2, чунки шумораи секунҷаҳо агар бо тарзҳои гуногун ҳам ҳисоб кунед: гуфтан мумкин аст, ки 5 маротиба 2-тогӣ секунҷа ва 2 маротиба 5-тогӣ секунҷа кашида шудааст. Натиҷаи якхела мешавад – 10 тогӣ секунҷа.

Ҳамин тавр мисолҳои б) в) – ро муоина кардан мумкин аст.

3. Масъларо ҳал кун ва расмашро каш.

а) Мактаббачагон дар боғ 4 қатор гелос, дар ҳар қатор 5 – тогӣ дарахт шинонданд. Чандто ҳамагӣ гелос шинонданд?

б) Мактаббачагон дар боғ 5 қатор олуча, дар ҳар қатор 4 – тогӣ дарахт шинонданд. Чандто ҳамагӣ олуча шинонданд?

Мувофиқи масъалаи якум расмро мекашем, ҳар як гелосро бо нуқта тасвир менамоем.

Чандто нуқта дар як қатор кашидан лозим аст? (5) Чандто чунин қатор нуқтаҳоро бояд кашем? (4) Чӣ хел фаҳмидан лозим аст, ки чандто гелос мактаббачагон шинонданд? (5×4=20).

– Агар як олучаро бо нуқта тасвир кунем, пас чандто расм кашидан лозим аст? (4 –то нуқта дар як қатор, хамин хел қатор 5 – то бояд мешуд).

Оё мумкин набуд, ки ба монанди масъалаи якум расмро тасвир мекардем? (Мумкин. Фақат қаторҳоро аз боло ба поён, пас 5 қатор ва дар ҳар яки он 4 – тогӣ олуча). Чӣ хел фаҳмидан лозим аст, ки ҳамагӣ чандто олуча шинонданд? (4×5=20). Чӣ хел тезтар натиҷаро ёбем? (20 ҳосил мешавад). Чӣ хел фаҳмидед? (Аз рӯи расм маълум аст, ки олуча ҳамон қадаре гелосҳо мебошанд).

Дар масъалаҳо чиҳо умумианд? (Ҳамзарбҳо якхела, натиҷаҳо якхела) Чӣ фарқият доранд? (Ҳамзарбҳо ҷойҳояшон иваз шудаанд).

– Чи хулоса баровардан мумкин аст?

Аз ҷойивазкунии ҳамзарбҳо ҳосили зарб тағйир намеёбад.

– Ин хулоса асоси ҳалли масъалаи аввал пешниҳод шударо ифода менамояд (Лола ва

Ситора якхела откритка доранд).

Марҳилаи мустаҳкамкунӣ ва тадбиқи донишҳо ва маҳоратҳо

Дар ин марҳила асоси амалисозии муносибати тафриқавиро ташкили корҳои мустақилонаи хонандагон мусоидат менамояд. Дар ин ҷода имкониятҳои васеи фардикунонии фаъолияти хонандагон, тавассути супоришҳои таълимии тафриқавӣ баргузор мешавад.

Аз якчанд вариантҳои супоришҳо ба хонандагон вариантҳои муайянро барои иҷро намудан пешкаш (дар баъзе ҳолатҳо интихоби мустақилонаи хонанда имконпазир аст) менамоянд ё ин ки тавассути роҳбарии бевоситаи омӯзгор шуруъ мешавад. Ба баъзе гурӯҳи хонандагон шарҳи нуқтаҳои зарурӣ додан ҷоиз аст, ба хотири огоҳ намудан аз содиршавии баъзе хатогиҳо иҷрои навиштаҷотҳо ва ғайраҳо. Дар синфҳои якум инро бевосита омӯзгор шифоҳӣ мегузаронад. Дар синфҳои дигар меъёри ёрдам дар дарки матни супоришҳое, ки дар варақаҳо пешниҳод мешаванд иборат аст. Супоришҳои таълимӣ ин мавридҳо бояд тафриқавӣ бошанд: а) вобаста ба ҳаҷм – барои хонандаи дараҷаи баланди омодагӣ масъалаҳои ҳаҷман бештар, барои сустхонҳо ҳаҷман камтар; б) мувофиқан мураккабӣ барои ҳамон як маводи таълимӣ; в) мувофиқи меъёри ёрӣ ба хонандагон; г) мувофиқи вақти барои иҷрои супориши пешбинишуда.

Г.Ф. Суворова ду сатҳи мустаҳкамкунии маводи таълимиро пешниҳод менамояд: машққунӣ ва эҷодӣ. Машққунӣ ва мустаҳкамкунӣ ҳадафи донишҳоро, маҳорату малакаҳоро то ҳадди мувофиқат бо барномаи таълимӣ, то ҳадди мукаммал ва мустаҳкам овардан мебошад. Дар сатҳи эҷодӣ машқҳоро дар заминаи хосияти самаранок ба иҷро расондан, масалан, оиди муқоисаи фактҳои маълум, ҷудокунӣ бо гурӯҳҳо дар асоси ягон аломати объектҳои математикӣ ва ғайраҳо. Ин ҳам ифодаи истифодаи супоришҳои тафриқавиро мефаҳмонад.

Истифодаи супоришҳои асосӣ ва иловагӣ, ҳатмӣ ва хоҳиши бештар қулай мебошанд. Аз ҳама шакли паҳншудаи супоришҳои фардӣ дар варақаҳо тасвиркунӣ тавассути воситаҳои техникии таълим мебошад.

Инчунин шакли бевоситаи муроҷиат ба хонанда мебошад. Давомнокии муқарарии кори синфӣ ин супориши тафриқавии хонагӣ мешавад. Хонандагоне, ки ниёзи иловагии ёрӣ доранд, тавассути варақаҳои маслиҳати оиди иҷрои супориши таълимӣ мусаллаҳ мегарданд.

Акнун супоришҳои пешниҳод менамоем, ки боиси мустаҳкамкунии донишҳо ва маҳоратҳо оиди хосияти ҷойивазкунии амали зарб мешаванд.

Мисоли 1.

1. Ададҳои партофташударо барқарор кунед, ки баробариҳои дуруст ҳосил шавад:

5×....=3×5

8×....=3×....

2. Иродаҳоро муқоиса кунед.

5×7....7×5

12×3....3×11

3×9....9×4

Мисоли 2.

1. Қимати ифодаҳоро, бе ҳисобкунӣ нависед.

12×5=60 30×3=90 6×24=144

5×12=... 3×30=... 24×6=...

2. Ифодаҳо нависед ва қиматашонро ёбед.

Ҳамзарби якум 4, ҳамзарби дуюм фарқи ададҳои d ва 19 аст. Қимати ҳосили зарбро ёбед, агар d=35 бошад.

Ин мавридҳо мо метавон намунаҳои гуногун корҳои мустақилонаи фарди, гуруҳиро низ пешниҳод намоем.

Масалан. Кори мустақилонаи эҷодӣ, ки донишҳои ҳосилшударо ҳамчун замина истифода карда баъзе муодилаҳоро ҳал мекунанд.

Кори мустақилона

Ҳисоб кунед, дар байни ифодаҳо баробариро барқарор кунед:

25x3=75 120x8=

8x120=960 71x17=

17х71=1207 3х25=

1. Муқоиса кунед ва шарҳ диҳед:

31х16...6х31

19х4...4х17

3+3+3+3...4+4+4

Ифода тартиб диҳед ва қимати онро ҳисоб кунед:

а) Модар барои зимистон 25 банкаи 3-литра компот таёр намуд. Модар чанд литр ҳамагӣ компот таёр кард?

б) Як ручка 5-сомонӣ меистад. Чанд сомонӣ барои 40 ручкаи ҳаминхела додан лозим аст?

в) Массаи як халта биринҷ 4кг. Массаи 72 халта биринҷи хаминхела чанд киллограмм мебошад?

г) Мӯрча дар як дақиқа 5дм тай мекунад. Кадом масофаро вай дар муддати як соат (60 дақиқа) тай мекунад?

4. Тарафҳои росткунҷа 3 см ва 5 см аст. Масоҳати онро бо ду тарз хисоб кунед. Хулоса бароред.

Хулоса: Тартиби ҳамзарбҳо_____ қимати ҳосили зарб, чунки масоҳати росткунҷа_____ аз тарзи ҳисобкунӣ.

5.Муодилаҳоро ҳал кунед:

а) 12х7=Хх12 б)14хХ=5х14 в)5+5+5=3хХ

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ДИФФЕРЕНЦИРОВАННОГО ОБУЧЕНИЯ МАТЕМАТИКЕ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВАХ

В статье раскрывается понятие “Дифференцированное обучение математике в средней школе, «Индивидуализация обучения математике» и их взаимосвязь. Аналиризуются взможности реализации дифференцированного обучения математике в начальных классах. а также приведены примеры самостоятельных работ разного уровня по матиматике в начальных классах.

Ключевые слова: *дифференцированное обучение математики, индивидуализированное обучение математике, реализация, самостоятельная работа, диффицированные задания, начальные классы учащихся.*

THEORETICAL FOUNDATIONS OF DIFFERENTIATED TRAINING MATHEMATICS IN THE INITIAL CLASSES

This article reveals the notion of "Differentiated teaching of mathematics in secondary school," «Individualization of teaching mathematics» and their relationship. The possibilities of implementing differentiated instruction in mathematics in the initial classes are analyzed. Also, examples of independent work of different levels on mathematics in the primary grades are given..

Keywords: *the differentiated training of the mathematics, the individualized training to the mathematician, realization, the independent work, differentiated tasks, initial classes, pupils.*

АДАБИЁТ

1. Болтянский В.Г., Глейзер Г.Д. К проблам дефференциации школьного математического образования //М в Ш -1988-№2-с.9-13.
2. Гусев В.А. Методические основы дифференцированного обучения математике в средней школе. Дис. доктора пед. наук-М 1990-364с.
3. Дорофев Г.Д., Кунецова Л.В, Суворова С.Б., Фурсов В.В. Дифференциация в обучении математике Матиматика школе 1990-№ 4, с15-21.
4. Дифференцированные задания для самостоятельной работы учащимся в 3 классе на уроках математики Л.Г.Лахотина, В.И.Гусева-М: МГИУУ 1977-211с.
5. Суворова Г.Ф Индивидуальный подход к учащихся на уроке// Начальная школа-1988-№8-с54-59.

6. Унт. И.Э. Индивидуализация и дефференциальная обучения –М.Педагогика 1990-192с.
7. Шахмаев И.М Дифференциация обучения в средней общеобразовательной школе.//Дидактика средней школы-М.Посвещение, 1982, -с.261-296

Сведения об авторов:

Махмудшехова Мавзуна Абдувалиевна*-старшии преподователья кафедры теории и методики начального обучения ХГУ им. Б. Гафуров*

Раджабов Тагоймурод Бобокулович, *к.п. н. доцент кафедры методики начального обучения ТГПУ им. Садриддина Айни. +992935063412*

About the authors:

Mahmudshekhova Mavzuna Abduvalievna, *Senior teacher in the Department of Theory and Techniques of Elementary Education of Khujand State University named after B.Gafurov*

Radzhabov Tagojmurod Bobokulovich*. Candidate of pedagogical sciences, the Associate Professor in the Department of method of elementary education of TSPU named after Sadriddin Ainy. Tel.: +992935063412.*

ЗДОРОВЫЙ ОБРАЗ ЖИЗНИ СТУДЕНТОВ – ЭТО ЗАНЯТИЯ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРОЙ И СПОРТОМ

Намозов Т. Б.

Таджикский государственный педагогический университет им.Садриддина Айни

Правительство Республики Таджикистан проявляет особую заботу о молодёжи в плане обеспечения здорового образа жизни в период Независимости и демократизации общества в стране постоянно разрабатывались и реализовывались различные программы, законы и постановления: Государственный стандарт основного общего образования по дисциплине «Физическая культура»; Закон Республики Таджикистан «Об образовании»; Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте»; Концепция национальной школы Республики Таджикистан; Национальная Программа формирования здорового образа жизни в Республике Таджикистан на 2011-2020 гг.; Национальная Концепция молодёжной политики; Стратегия государственной молодёжной политики в Республике Таджикистан до 2020 г. Все они были направлены на формирование здорового образа жизни молодёжи Таджикистана.

В п.8 Стратегии государственной молодёжной политики в Республике Таджикистан говорится, что к ожидаемым результатам положения молодёжи относятся повышение уровня здоровья и качества образовательных услуг. В качестве основного критерия оценки эффективности государственной молодёжной политики рассматривается влияние принимаемых мер на улучшение положения молодёжи в обществе, на динамику и качество её общественной и социально-экономической активности.

Здоровье сберегающие аспекты физического воспитания молодёжи, обучающейся в вузах Таджикистана, направлены на подготовку будущего специалиста к профессиональной деятельности при сохранении его здоровья. Именно они, на наш взгляд, обеспечиваются совокупностью таких педагогических условий, как: систематическая и целеустремленная интеграция проблемно-модульной, спортивно-ориентированной, информационной и оздоровительной технологий обучения, системы комплексного контроля качества обучения в образовательном процессе Высшей школы, начиная с первого курса; предоставление студенческой молодёжи возможностей самостоятельной разработки индивидуальных оздоровительных программ, являющихся основой для развития позитивного и ценностного отношения к здоровому стилю жизни.

В современных условиях физическое воспитание таджикской молодёжи, наряду с развитием физических качеств: силы, ловкости, выносливости, быстроты предусматривает и формирование разнообразных личностных качеств. Считаем, что одной их важнейших целей, к которой необходимо стремиться в процессе физического воспитания учащейся молодёжи, является формирование физической культуры у каждого молодого человека.

Формирование физической культуры является неотъемлемой частью жизни общества и отдельного человека, в целом. Именно поэтому физическая культура в сочетании с санитарно-гигиенической культурой используется для укрепления здоровья, физического развития и подготовленности человека в современном обществе. Фактически физическая культура и санитарно-гигиеническая культура необходимы для социального становления молодого человека, являясь важным средством для всестороннего и гармоничного развития личности. Следовательно, физическая культура, правила санитарно-гигиенической культуры и их составная часть – студенческий спорт - в структуре образовательной и профессиональной подготовки будущих бакалавров и специалистов выступают не только в роли учебной дисциплины, но и как средство направленного развития цельной личности. Каждому человеку для того чтобы поддерживать своё здоровье необходимо соблюдать следующие жизненно важные принципы:

– принцип сбалансированного питания;
– диета с низким содержанием холестерина;
– принцип умеренной жизненно важной физической активности;
– принцип отказа от курения;
– принцип отказа от употребления спиртных напитков;
– принцип соблюдения режима сна и отдыха;
– принцип профилактики опасного поведения;
– принцип умения справляться со стрессами.

Даже примерное следование этим принципам, за короткое время, может дать ощутимые результаты. Следует, конечно же, отметить, что не все могут эти принципы реализовать. К примеру, проблема сбалансированного питания студентов, стоит остро. Несвоевременное принятие пищи, перекус на ходу, сухомятка впоследствии приводят к заболеваниям желудочно-кишечного тракта. Не всегда молодёжь соблюдает принцип умеренной нагрузки. Сюда же следует отнести и переутомление на занятиях, стрессовое состояние во время сдачи экзаменационной сессии, хроническое недосыпание – всё это приводит к расстройству нервной системы.

Наиболее острой проблемой становится недостаток двигательной активности студента. Дефицит движения приводит к избыточному весу и нервным напряжениям. Считаем, необходимо до начала занятий и во время перерывов между второй и третьей парой проводить в аудиториях физическую разминку на 5-7 минут. Ввести это как обязательное правило. Такая разминка может способствовать активности студентов во время занятий, отгонит сонное состояние. Вместе со студентов и преподаватель проведёт физическую разминку.

В процессе изучения опыта учёных других стран, мы узнали, что в США была разработана подобная система. Американский учёный К.Купер для каждого возраста составил программу специальных упражнений, использование которой дало великолепные результаты. Человеческий организм подобен аккумулятору автомобиля: он остаётся заряженным до тех пор, пока его используют, а в противном случае «садиться». Также и человек должен находиться в постоянном движении, быть активными следить за состоянием своего здоровья.

Занятия физическими упражнениями имеют огромное воспитательное значение: способствуют повышению дисциплины, повышению чувства ответственности, развитию настойчивости в достижении поставленной цели. Это в одинаковой степени касается всех людей, независимо от возраста, профессии и социального положения. Исходя из чего, можно уверенно сказать, что занятия физической культурой способствует формированию здорового образа жизни. Здоровье находится в руках самого человека, и, именно оно, являясь процессом развития, а также сохранения всех качеств организма, нормально работоспособности и активности в обществе, способствует максимальной продолжительности жизни человека. В решении основных жизненно важных задач, осуществлении наших планов и преодолении различных трудностей нам помогает здоровье. Отсюда следует, что жизнь человека в любом возрасте в полной мере зависит от состояния здоровья, а для этого его необходимо беречь смолоду и поддерживать на протяжении всей жизни. И от того, чем раньше молодой человек поймёт это, зависит его жизнедеятельность.

Для поддержания здоровья необходимо:

– соблюдение режима дня;

– рациональное питание;
– закаливание;
– занятие физическими упражнениями;
– психологическое равновесие.

Кроме занятия физкультурой и спортом важным фактором является здоровое сбалансированное питание.

Немаловажным фактором считается полное душевное равновесие, которое подразумевает контроль над силой, ситуацией и адекватное поведение. Душевное благополучие подразумевает у человека: хорошее настроение, положительный настрой, а также веру в будущее.

Стоит также задуматься о частом пребывании на свежем воздухе. Это всегда пойдёт на пользу организму.

Сейчас во всём мире ведётся борьба с курением. Это также дало положительные результаты, т.к. в общественных местах, кафе, самолётах и поездах, общественном транспорте, кинотеатрах и т.д. мы видим и слышим, что в этих местах курить запрещено. Это один из способов борьбы против курения.

В процессе проведения исследования нами была разработана программа для студентов 1-2-ых курсов ТГПУ, на основе которой мы провели анкетирование и куда были включены следующие вопросы:

– Моё отношение к курению и наркотическим веществам
– Моё отношение к алкоголю

На основании полученных ответов мы пришли к выводу, что большинство студентов 93,7 % осознают пагубное влияние курения и употребления алкоголя на организм человека. Они также осознают, какие последствия могут оказать на их здоровье употребление наркотиков, алкоголя и курения сигарет. Для этого необходимо активизировать работу по профилактике курения и употребления алкоголя среди студенческой молодёжи.

В целях поддержания здоровья студента нами было предложены следующие советы:
– соблюдение режима дня и отдыха;
– рациональное питание;
– закаливание;
– занятия физическими упражнениями и спортом;
– пребывание на природе;
– труд на территории университета и приусадебных участках;
– психологическое равновесие.

Кроме занятия физкультурой и спортом важным фактором является здоровое сбалансированное питание.

Немаловажный фактор – это полное душевное равновесие, которое подразумевает у студентов: хорошее настроение, положительный настрой, веру в будущее, что положительно сказывает на получении знаний во время учебных занятий.

Стоит также задуматься о частом пребывании на свежем воздухе. Это всегда пойдёт на пользу молодому организму. Мы не редко слышим такое выражение, как «Береги здоровье смолоду».

В ТГПУ им.Садриддина Айни эти проблемы включены в план кураторской работы со студентами и активно обсуждаются в студенческих группах.

Проведённое исследование позволило сделать нами следующие выводы, что необходимо как можно больше вести пропаганду здорового образа жизни, ориентированные на применение социально-психологического тренинга; соблюдать советы, перечисленные нами выше; проведение конференций, семинаров и других различных мероприятий.

ЛИТЕРАТУРА

1. Закон «Об образовании». (04.07.2013, № 537). – Душанбе, 2013.
2. Национальная программа формирования здорового образа жизни в Республике Таджикистан на 2011-2012 гг. (30.10.2010, № 560). –Душанбе, 2010.
3. Национальная концепция молодёжной политики в Республике Таджикистан (03.06.2006, № 228). – Душанбе, 2006.
4. Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте» (05.03.2007, № 243). – Душанбе, 2006.

5. Стратегия государственной молодёжной политики в Республике Таджикистан до 2020 гг. (2011, 4 октября, № 480).

ЗДОРОВЫЙ ОБРАЗ ЖИЗНИ СТУДЕНТОВ – ЭТО ЗАНЯТИЯ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРОЙ И СПОРТОМ

Автор статьи уделяет особое внимание вопросу формирования здорового образа жизни у молодёжи. Он приводит ряд рекомендаций, которые молодёжь должна соблюдать, не только в студенческие годы, но и на протяжении всей свое жизни. В статье предложены принципы, направленные на сохранение здоровья у студенческой молодёжи.

***Ключевые слова**: физическая культура, физическое воспитание, здоровый образ жизни, студенческая молодежь, правильное питание, занятия спортом, здоровье, формирование навыков, учёба.*

HEALTHY LIFESTYLE OF STUDENTS IS DOING PHYSICAL TRAINIG AND SPORTS

The author of the article pays special attention to the issue of forming a healthy lifestyle for young people. He cites a number of recommendations that young people must observe, not only in their student years, but throughout their entire life. The article proposes principles aimed at preserving the health of student youth.

***Key words:** physical culture, physical education, healthy lifestyle, student youth, proper nutrition, exercise, health, formation of skills, study.*

Сведения об авторах:

***Намозов Тошкул Буриевич** – заведующий кафедры физического воспитания и гражданской оборон, кандидат педагогических наук, доцент кафедры физического воспитания Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел.: (+992) 918812521;*

About the author:

***Namozov Toshqul Burievich** - head of the physical training chair, Ph.D in Pedagogy, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, tel.: (+992) 918812521;*

САМТҲОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ
(дар асоси намунаи ақидаҳои нави таҳсилот)

М.Эргашева И., Афгонова, О. Назаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Хусусиятҳои марҳилаи ҳозираи ташаккули тамаддун бо тезу тундшавии маҷмааи пурраи масъалаҳои асосии инкишофи ҷамъият: буҳронҳои иқтисодӣ, экологӣ, энергетикӣ ва низ афзоиши низоъҳои иҷтимоӣ ва миллӣ вобаста аст. Буҳрони ҷамъият дар системаи таҳсилот низ муқаррар намуд. Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихи ҷамъият якчанд намунаи таҳсилот иваз шуд, ки ҳар яки онҳо дар марҳилаи аввала таъсирбахшиашонро нишон додаанд, вақте ки онҳо воситаи шитоби таназзули ҷамъият гаштаанд, андозаи онҳо кам шуд.

Дар давраи ҳозира дар тамоми ҷаҳон ҷустуҷӯи системаи таҳсилоти нави аз мавқеи рағбатҳои ҷамъият бисёртар демократӣ, табдилдиҳанда ва самаранок давом дорад.

Дар нимаи дуюми асри XX ду давраи буҳрониро дар инкишофи таҳсилот мушоҳида намудан мумкин аст.

1.Дар миёнаи солҳои 60-ум мамлакатҳои пешқадам ба хулосае омадаанд, ки мусобиқа дар соҳаи иқтисодии илм ва техника дар дараҷаи хеле калон бо тайёркунии шаҳрвандон дар системаи таҳсилот пешакӣ муайян карда мешавад. Худи ҳамон замон системаи таҳсилоти ҷаҳонии дар ҳамон вақт мавҷудбуда дар буҳрони ҷиддӣ қарор дошт.

Дар ин давра як қатор қарорҳои ҳукуматӣ ба васеъкунӣ ва мукаммалгардонии фаъолияти мактаби олӣ нигаронидашуда қабул карда шудаанд. Маълумотҳои оморӣ барои ин давра дар бораи зиёдшавии муҳимми миқдори мактабҳои олиро дар Иттиҳоди Шӯравии собиқ ва дар

Тоҷикистон дар бораи зиёдшавии миқдори донишҷӯён ва аспирантон, баланд бардоштани сатҳи таъминоти моддӣ – техникӣ шаҳодат медиҳанд.

2.Авҷи дуюми диққати баланд ба масъалаҳои таҳсилот дар тамоми ҷаҳон дар ибтидои солҳои 80 – уми асри XX пайдо шуд, чунки ба аҳли ҷомеаи ҷаҳон маҳдудияти инкишофи минбаъдаи инсоният ба воситаи тараққиёти иқтисодӣ бисёртар фаҳмо гашт. Тадричан донишмандони мутараққии инсоният ба хулосае омаданд, ки инкишофи оянда, пеш аз ҳама ба сатҳи маданият, фаҳмиши хирадмандии инсон муайян карда мешавад.

Дар замони муосир алтернативаи «таълими дастгиркунанда» –ин «таълими инноватсионӣ» мебошад. Вай қобилияти таълимгирандагонро ба муайянкунии проективии оянда пешбинӣ мекунад ва муносибатҳои қатъиян навро талаб мекунад.

Қайд мекунем, ки новобаста аз мамлакати муайян, ҳолати иҷтимоӣ мадании он, соҳаи макотиби олӣ ва дигар хусусиятҳои мақсади ислоҳоти таҳсилот тавсифи хосаи инсонпарвариро дорад ва ба натиҷаҳои зерин оварда мерасонад:

1) мақсади ҷамъият инкишофи истеъдоди ҳамаи аъзоҳои он то ҳудуди болотарин бошад, яъне истиснои маъмулӣ будан ва имконияти барпокунии яккачинии ғайридемократӣ;

2) сарватҳои инсонпарваронаи ҷамъият бояд ба аъзоҳои он имконияти инкишофи қобилиятҳои ақлиро то ҳудуди болотарин аз овони кӯдакӣ то куҳансолӣ мувофиқи дунёи иҳотакунанда диҳад;

3) адолат ва сифати баланди таҳсилот аҳаммияти бузурги амалиро ҳам барои иқтисодиёт ва ҳам барои ҷамъият пурра доранд;

4) таҳсилот бояд дар асоси принсипҳои ҳамкорӣ сохта шавад;

5) ислоҳоти таҳсилот бояд ба барпокунии ҷамъияти таълимгиранда бо системаи инкишофёфтаи таҳсилоти бефосила равон карда шаванд;

6) донишгоҳҳо ва коллеҷҳо бояд стандартҳои қатъии ченшавандаро, ки ба сатҳи академии муассисаҳои таълим ва муносибати донишҷӯён ба таълим алоқаманд қабул кунанд.

Ҳамин тавр, дар ибтидои солҳои 90 – ум ҷамъияти омӯзгорони мамлакати мо ба ташаккули ғояҳои намунаи таҳсилоти нав сар кард, ки дар он принсипҳои пешбарандаи инкишофи тамоми системаи таҳсилоти ҷумҳурии ҷавон муайян карда мешаванд.

Муносибатҳои нав оҳиста – оҳиста муносибатҳои ҳамроҳӣ ва ҳамкории субъектҳои фаъоли таълим мегарданд. Ҳамин тавр, намунаи нави таҳсилот принсипҳои асосии ислоҳотгардонии системаи таҳсилоти ватаниро мисли инсонпарварии мазмун, демократикунонӣ ва иттилоот гардонии таҳсилот, роҳдиҳӣ ба инноватсияҳо, тавсифи инкишофёбӣ, касбигардонӣ, бефосилагии таълим ва ғайраро пешбинӣ намуд. Алоқаи мутақобилаи анъанаҳо ва инноватика дар таҳсилот сатҳи нави инсондӯстиро ифода мекунад. Илова бар он, ҳар ду шакли таҳсилот ба як дигар муқобил набуда, якдигарро пурра мекунанд ва ғояи самараноки иҷтимоии шахсиятро бой мегардонанд.

Вазифаҳои таҳсилоти анъанавӣ ва инноватсионӣ ба тарзи зерин тақсим карда мешаванд:

– таҳсилоти анъанавӣ – ба амал овардани донишҳои абстрактӣ – назариявии шахсият;

– таҳсилоти инноватсионӣ – ба амал овардани қобилиятҳои эҷодӣ ва рағбатҳои дарккунии шахсият.

Ақидаҳои дар боло овардашударо таҳлил карда, қайд намудан мумкин аст, ки зарурияти ислоҳот дар ҳолати хусусӣ ба он водор месозад, ки дар макотиби олӣ аз рӯй як қатор самтҳо дар байни талаботи бузурги ҷамъият ва натиҷаҳои таҳсил каниши муҳим ташкил ёфтааст:

– байни талаботи воқеии замон ва сатҳи нокифояи саводнокӣ;

– байни тамоюли касбӣ ва талаботи шахсият дар қаноатмандии мавзуни рағбатҳои гуногуншакли дарккунӣ;

– байни муносибатҳои методологӣ ба илмҳои инкишофёфта ва услуби куҳнашудаи таълими онҳо.

Ҳамин тавр, ҷустуҷӯи системаҳои нави таҳсилоти бисёртар демократӣ ва самарабахш аз нуқтаи назари манфиатҳои ҷамъият, ба ташаккули намунаи нави таҳсилот овард, ки моҳияти онро дар бисёр ҳолат устуворӣ, пуррагӣ ва самтро ба қаноаткунонии рағбатҳои шахсият муайян мекунанд.

Мувофиқи самтҳои муайяни ислоҳоти системаи таҳсилот мақсади умумии тайёрии касбӣ муайян карда шудааст. Бо худи ин таҳсилоти олии муосир, супориши иҷтимоии тайёркунии мутахассисони ба фаъолияти касбии қобилияти ба табдилёбиҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ мувофиқшаванда доштаро иҷро намуда, ҳолати тағирёбии сифатиро аз сар мегузаронад.

Ҳамин тавр, системаи таҳсилоти олии касбӣ ба ақидаҳои нави инкишофи устувори онро таъминкунанда ниёз дорад. Дар ин ҳолат, албатта, ҷустуҷӯи технологияҳои нав ва самтҳои иҷрои онҳо талаб карда мешавад. Инкишофи таҳсилот ба омилҳои бисёри беруна вобаста мебошад ва вазифаи илми педагогика аз он иборат аст, ки алоқаи ин омилҳоро бо ҷузъҳои мувофиқи раванди педагогии муассисаи таҳсилот ҳамчун системаи иҷтимоӣ ёфта тавонад.

Ақидаҳои намунаи нави таҳсилотро умумӣ намуда, самтҳои зерини сиёсати давлатро дар доираи таҳсилот дар марҳилаи нав ҷудо намудан мумкин аст:

1. Инсонпарварии таҳсилот: инсондӯстӣ, устуворӣ, самти фаъолиятнок, тавсифи миллӣ.

2. Демократикунонии таҳсилот: имкониятҳои баробарро пешниҳод намудан, бисёршаклии системаҳои таҳсилот, ҳамкорӣ, ошкорбаёнӣ, худташкилкунӣ, таъмини идоракунии оммавӣ – давлатӣ.

3. Таҳсилоти пешқадам: сатҳи пешқадами таҳсилот, худинкишофи шахсият, тайёркунии кадрҳо дар минтақаҳо.

4. Таҳсилоти бефосила: таҳсилоти базавӣ, бисёрсатҳии барномаҳои таълимӣ, зудамалии барномаҳои таълимӣ, пайдарпайии барномаҳо, тағйирёбии таркибҳои таҳсилот, гиро будани шаклҳои таҳсилот.

Таҳсилоти олии касбӣ ин институти муҳимми иҷтимоӣ давлатии вазифаи тайёркунии насли наврас дар оянда бо ҳалли масъалаҳои касбӣ дар соҳаи муайяни фаъолият ва сатҳи кифоябаланди ба шакли муайян даровардашудаи малака ва маҳоратҳои гуногун ва низ қобилияти бефосила такмил додан мебошад. Аммо бо ин имрӯз амалҳои системаи таҳсилоти олии касбӣ маҳдуд намешавад. Вай ба хатмкунандагони макотиби олӣ ташкил намудани як қатор иловаҳои ғайрикасбӣ даъват мекунад:

– ташкил намудани маҳорати дарккунии комили дунёи иҳотакунанда ва ҳис намудани ягонагӣ бо он ва низ дарккунии комили раванд ва натиҷаи фаъолият;

– тасарруфи технологияҳои қабулкунии қарорҳои оптималӣ, маҳоратҳои ба тағйирёбиҳои гуногун мувофиқ гаштан, ин ё он ҳолатҳои дар рафти фаъолият пайдошуда, огоҳ намудани оқибатҳои бади ҳодисаҳои фавқулода;

– тасарруфи рафтори системавӣ дар фаъолият ва методологияҳои умумии принсипҳои муҳимми ташкилии он.

Таҳсилоти олии касбӣ дар шароитҳои иҷтимоӣ – иқтисодии нуфузҳо инкишоф меёбад, дар худ тағйирёбиҳои дар давлат ва ҷамъият ба вуҷудояндаро ҳис мекунад. Имрӯз талаботи давлат ва ҷамъият барои мутахассиси намуди нав аён аст.

Вазифаи асосии таҳсилоти касбӣ тайёр намудани мутахассисони такмилёфта дар асоси талаботи воқеӣ ба хизматҳои онҳо мебошад.

Асосан тайёркунии мутахассисон ҳалли се гурӯҳи масъалаҳоро пешбинӣ мекунад:

1) тайёркунии базавӣ, азхудкунии чунин намудҳои фаъолияти тафаккурӣ, андешаҳои фалсафӣ, таҳлили танқидӣ, мусоҳибаи оммавӣ, корҳои таҳқиқотӣ ва ғайра, ки ба он имконияти кор кардан бо системаҳои зеҳниро таъмин месозад;

2) ташкил намудани сифатҳои лоиҳавӣ ва қобилиятҳои шахсият; донишҷӯ масалан, бояд технологияи тарҳкашӣ, лоиҳакашӣ ва барномасозии чунин объектҳо, мисли ҷамъият, шаҳр, ноҳия, доираи фаъолияти иҷтимоӣ – маданӣ ва ғайра.

3) тасарруфи технологияҳои махсуси бо салоҳияти касбии мутахассис дар ин ё он соҳаи амалия муайяншаванда.

Натиҷаи тайёркунии мутахассис бояд дараҷаи тағйирёфта ва омодагии ӯ ба фаъолияти инноватсиявии фарҳангӣ бошад.

Намунаи нави таҳсилот тағйиротҳои (пурра ё қисман) мазмуни таълим ё тағйироти усулҳои ба ин нигаронидашударо ҳатман талаб мекунад. Самти асосӣ дар инкишофи системаи таҳсилоти касбӣ боло бардоштани сифати тайёр намудани мутахассисон ва тамоюл ба амалия мебошанд.

Бо баҳисобгирии ин аз тарафи мо тамоюлҳои мақсаднок, ки онҳо мақтаи инкишофи таҳсилоти касбиро муайян мекунанд, мухтасар баён гардидааст:

– таҚвияти тамоюл ба талаботи амалияи воқеӣ, ба он супориши иҷтимоии воқеӣ, ки он дар ҳолати ҳозира пайдо мешавад;

– мураккабии соҳа, гуногуншаклӣ дар системаи таҳсилоти касбӣ; – инкишофи таҳкурсии демократӣ дар системаи таҳсилоти касбӣ, ки тағйирёбии муҳимро дар ҳалли масъалаҳои ташкилии равандҳои таълимро аз тарафи макотиби олӣ пешбинӣ мекунанд;

– тамоюл ба мустаҳкамкунии таҳкурсиҳои инсондӯстона, ки ба воситаи нигаронидани ибтидоҳои шахсӣ – инкишофёбанда дар матни ташаккули мутахассисони касби техникӣ, блокҳои муайяни таълим мувофиқи рағбати шахсии худ, талабот ва дархостҳо;

– таҚвияти таъсири стандартҳои байналхалқӣ, тамоюлҳо, муносибатҳо ба раванди модернизатсияи таҳсилоти касбӣ, саъю кӯшиши бисёртар пурра истифода намудани таҷрибаи мусбии дар хориҷа дар системаи тайёркунӣ ва аз нав тайёркунии кадрҳои мувофиқ.

Дар навбати худ мазмуни таҳсилоти касбӣ бояд ба пур намудани базаҳои маданӣ – мувофиқӣ, барномаҳо, фанҳои курсҳо, таълимӣ – методӣ, таълимӣ –маводӣ, иттилоотӣ равона бошад.

Фикрҳои дар боло баёншударо таҳлил намуда, самтҳои асосии инкишофи таҳсилоти олии касбии мутахассисони илмҳои дақиқ ва техникиро дар матни ақидаҳои намунаи нави таҳсилот муайян мекунем:

1.Барпо намудани шароитҳо барои амалигардонии мақсади асосии таҳсилоти олии касбӣ – тайёр намудани мутахассисони касбии малакадор, салоҳиятнок ва ба болоравии доимии касбӣ тайёр, дар бозори меҳнат ба рақобат тобовар.

2.Такмил додани мазмуни таҳсилоти олии касбӣ, ки он бояд талаботи тағйирёфтаро ба мутахассисон инъикос кунад.

3.Коркард ва тасдиқи технологияҳои инноватсионии тайёркунии касбӣ ва истифодаи самараноки онҳо.

4.Иҷро намудани таъсири мутақобила бо муассисаҳои идоракунии таҳсилот, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбии махсуси миёна бо мақсади коркарди стратегияи ягона аз рӯйи амалан иҷрокунии ақидаҳои намунавии таҳсилот ба амалияи таҳсилот, дар навбати аввал технологияи инноватсионии натиҷабахш.

5. Коркард, тасдиқ ва амалигардонии шаклҳо ва методҳои инноватсионии ташкили корҳои таълимӣ, илмӣ, тарбиявии мутахассисони илмҳои дақиқ.

АДАБИЁТ

1. Суханов А. Д. Концепция фундаментализации высшего образования и ее отражение в ГОСах // Высшее образование в России. 1996. № 3. 1724 с.
2. Громкова М. Т. Психология и педагогика профессиональной деятельности: учеб. пос. для вузов. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2003. 415 с.
3. Запесоцкий А. С. Образование: философия, культурология, политика. М.: Наука, 2002. 456 с.
4. Управление качеством образования: практико-ориентированная монография и методическое пособие / под ред. М. М. Поташника. М.: Пед. об-во России, 2004. 448 с.
5. Сластёнин В. А. Основные тенденции модернизации высшего образования // Пед. образов. и наука. 2004. № 1. 125 с.

ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье речь идёт об основных направлениях развития высшего профессионального образования. Дано сведения о периоде кризиса развития образования, реформе и его результатах, перечисляемы обязанности традиционного и инновационного образования.

***Ключевые слова**: направление, развитие, образование, экономика, инновация, деятельность, способность, информация, реформа.*

THE MAIN DIRECTION DEVELOPMENT OF HIGH VOCATIONAL EDUCATION

The main directions of development of higher professional education are reviewed in this article. Here is given a summary of the period of the crisis in the development of education and about the reform and its results. The responsibilities of traditional and innovative education are listed as well.

***Keywords**: direction, development, education, economic, innovation, ability, activity, information, reform.*

Сведения об авторах:

***М. Эргашева**, доцент кафедры вычислительной математики и механики Таджикского национального университета. Тел .: 93-552-67-18;*

***И. Афганова**, доцент Таджикского национального университета. Tel .: 900-86-82;*

***О. Назаров**, преподаватель лицея им. М.Т. М.Т. Тошмухаммедов. Тел .: 93-837-12-05)*

About authors:

***M. Ergasheva**, the Associate Professor in the Department of Comutational Mathematics and Mechanics of Tajik National University. Tel.: 93-552-67-18;*

***I. Afganova**, senior lecturer of Tajik National University. Tel.: 900-86-82;*

***O. Nazarov**, teacher of lyceum named after M.T. Toshmukhammedov. Tel.: 93-837-12-05)*

ТАҲЛИЛИ РАФТОРИ ХУДКУШӢ

Саидов Б.

Донишгоҳи милии Тоҷикистон

Ташхисҳои рафтори суитсидалӣ нишон медиҳад, ки ҳар шахси худкуш пеш аз анҷом додани амали худкушиаш дар бораи фавташ фикр намуда, ба атрофиёнаш бо ягон тарзе ишора мекунад.Ба гуфтаи файласуфи машҳури муосир Рачниш О.Б.«сабаби худкушӣ ин фикрҳои ногуфта аст. Вақте ки инсон дар ботини худ гуфтание дораду гуфта наметавонад ё азоби виҷдон мекашад, худро гунаҳкор меҳисобад ва ин нагуфтаниҳо ё азоби виҷдон ӯро ба худкушӣ водор месозад»[8].

Агар дар бораи худи худкушӣ ҳарф бизанем онро асосан ба се марҳила ҷудо мекунанд, ки аксарияти шахсони худкушанда ин зинаҳоро мегузарад:

а) пеш аз худкушӣ дар ин раванд инсон ҳаёти худро бе арзиш мешуморад «зиндагӣ даркор нест, аз ингуна зиндагӣ хаста шудам» ва дигар фикрҳо ба сар меояд, дар ин раванд ҳисси амиқи худкушӣ эҳсос намегардад, танҳо инкори ҳаёт дида мешавад. Чунин шаклҳои худкушӣ ба инсонҳои муқаррарӣ низ рӯ ба рӯ шуданаш мумкин аст.

б) давраи навбатӣ пеш аз худкушӣ аст.Одам фикрҳои худкуширо ба характерҳои худ маҳвкунанда мебинад. Мисол: «мурдан хуб аст, хобравию дигар бедор нашавӣ ва ғ.» ин андешаҳо инъикосгари тайёр будани шахс ба амали худкушӣ аст.

в) дар марҳилаи савум бошад хулосаи худкушӣ бароварда мешавад. Ҳатто бокадом тарзу усул нобуд карданашро мушаххас мекунад. Метавон гуфт, ки ин даврахо тавсифоти умумиро барои таёрӣ ва ба анҷомдиҳии ин амал дар ин ё он шакл ба вуҷуд меорад, умуман худкушии афективӣ ба миён меояд. Баъди ҳамаи ин амалҳо шахс қасди ҷони худ мекунад. Худкушӣ яку якбора, ногаҳонӣ ва ногузир пайдо намешавад. Ин қатраи охирини сабру тоқати шахси худкушанда мебошад. Масалан, З. Фрейд «худкуширо ҳамчун зуҳуроти ғаризаи (инстикти) марге дида баромадааст, ки ба шакли бадхашмӣ ё аниқтараш хашму ғазаб ба худ равонакардашуда меҳисобад» [6].

Дар одамони ба худкушӣ моил ҳиссиёт иамбивалентӣ ҳукмрон аст. Онҳо маъюсу ноумед буда, айни ҳол ба халосӣ умед мебанданд. Дар бисёр ҳолатҳо хоҳиши худкушӣ ва зидди он чунон баробар аст, агар дар ин маврид наздиконаш шафқату ғамхорӣ ва дастгирӣ намоянд, онгоҳ дилбастагии ӯ ба ҳаёт ҳатман ғолиб мебарояд. Бинобар ин, ҳангоми суҳбат бо шахси бахудкушӣ майлдошта, бояд нозукона сурат гирад. Зеро ин маврид муносибати махсусро талаб мекунад. Шояд саволе ба миён ояд, ки чи тавр огаҳӣ пайдо кунем, ки ҳамсӯҳбати мо нияти худкушӣ

дорад. Дар ин маврид рафтор ва гуфтори маъюсона меҳрубонона сурат мегирад, яъне ғайримуқарарӣ. Психологи машҳур Дэниел Гоулман мегӯяд: «аз ибтидои асри ХХ сар карда, ҳар як насли оянда нисбат ба гузаштааш дида ба афсурдагиҳои ниҳоят вазнин, аз қабили ноумедӣ, апатияи азобдиҳанда, ноқаноатмандӣ, дамдуздӣ ва ғайраҳо гирифтор мешаванд»[5].

Барои баҳои объективӣ додан ба шахсияти худкушандаҳо бояд ташхи сипсхологиро бароҳ монд. Дар адабиёти психологӣ методу тестҳои гуногун муайян шудааст, ки тавассути онҳо ҷанбаҳои гуногуни шахсияти худкушандаҳо омӯхта мешаванд. Яке аз он методҳо тести Личко «ПДО» мебошад, ки бо воситаи он намудҳои ноустувори аксентуатсия он бо намуди гипертимӣ, эмотсионалӣ - лабилӣ, шизоидӣ, эпилептоидӣ ва истероидӣ омӯхта мешавад ва дараҷаи баланди дезадаптатсияи иҷтимоиро муайян мекунад, ки дар натиҷа батезу тундшавии муносибат, яъне рафтори худвайроншавӣ оварда мерасонад. Мувофиқи маълумотҳои бадастовардаи А.Е. Личко дар ҳолати намоишкорона даст ба худкушӣ задан 50 % наврасон типҳои истероидӣ, истероидӣ – ноустувори гипертимӣ доранд.

Дезадаптатсияи иҷтимоӣ ва инкишофи рафтори худвайроншавӣ аз дараҷаи дисфунксияи шахсият вобастааст ва баъзе аломатҳои онро меоварем:

– аксентуатсияи феълу атвор ва вариантҳои канории меъёрҳо;
– вайроншавии психикии шахсият;
– вайроншавии психотикии шахсият;
– намудҳои рафтори худвайроншавӣ;
– таҳдид ба ҳаёт;
– зарар ба саломатӣ;

Депрессия ҳамчун ангеза ба худкушӣ ва аломатҳои он:

– табъи паст ва ғамгинӣ;
– мондашавӣ ва пастшавии фаъолнокӣ;
– ҳисси гунаҳгорӣ ва худбаҳодиҳии паст;
– вайроншавии хоб, хоби нороҳат;
– вайроншавӣ ва номунтазамии нутқ;
– мушкилӣ ҳангоми ба ягон чиз равонакардани фикр;
– нест шудани маром ва ҳисси фароғат;
– вайроншавии иштиҳо;
– фикр ва амалҳои суитсидӣ.

Бояд қайдкард, ки «дар 70 % - ибеморони афсурдагӣ майли худкушӣ муайян кардашудааст ва 15 % - ионҳо бахудкушӣ даст мезананд»[4]. Барои ҳамин тушкилоти худкушиҳо – ин мушкилоти афсурдагӣ меҳисобанд. Мафҳуми “ҳолати афсурдагӣ” ба синфи ҳолатҳои психикӣ дохил мешавад. Зеро афсурдагӣ, ба қавли психолог Головин С.Ю. «... ҳолати аффективие мебошад, ки бо тобиши хоси манфии эмотсионалиаш фарқ мекунад ва ба соҳаи маромҳои рафтор, тасаввуротҳои маърифатӣ ва иродавии шахс таъсир расонида дигаргуниҳоро ба вуҷуд меоварад»[2].

Амбрумова А.Г. «шаш типи аксуламалҳои лаҳзавии ғайрипаталогиро дар одамони руҳан солиме ҷудо намудаст, ки боиси рафтори худкушӣ мешавандинҳо ба шумор мераванд»[1]:

1. Аксуламали эмотсионалии дар мувозинат набуда.
2. Аксуламали пессимистии лаҳзавӣ (тағироти эҳсоси олам: ҳама дар шакли тира менамоянд, ҳолати ба вуҷудомада ба беилоҷӣ шабоҳат дорад, оянда – оқибат надорад).
3. Аксуламали мувозинати манфӣ (баҳои дурусти оянда ва мувозинатро барқарор намудан “оқибатҳои ҳаётро ҳисобу китоб намудан”, дараҷаи баланди танқидӣ доштан).
4. Аксуламали беҳавсалагӣ (аз вохӯрӣ ва фаъолияти одатшуда дурӣ ҷустан, ки бо ҳиссиёти танҳомонӣ ҳамқадам аст).
5. Аксуламали мухолиф (бадхашмии баланд, ки дар аксар вақт ба қаҳру ғазаб нисбати худ табдил меёбад. Рафтори худкушӣ дар аксари вақт характери намоишкорӣ-таҳдидӣ дорад).
6. Аксуламали номуташаккилӣ (дар асоси худ унсурҳои хатарро дошта, бо вайроншавиҳои ҷисмонӣ омезиш меёбад).

Мутахасисони Ғарб, ки бо мушкилоти худкушӣ сару кор доштаанд дар ин соҳаи илм

дониши зиёде андӯхтаанд. Онҳо соҳаҳои психодинамика, эпидемалогияро тараққӣ доданд. Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон худкуширо ҳуқуқвайронкунӣ намеҳисобанд (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ба худкушӣ маҷбурӣ даст задани шахси фавтида). Ба шумораи чунин ҳолатҳо куштори маҷбурие, ки дар он ҷо аёниятҳоро мегузоранд ба монанди ресмон, ярок, дору ва ғайра вонамуд месозанд, ки ӯ даст ба худкушӣ задааст.Аз ин лиҳоз барои муайян кардани худкушӣ (суитцит) методи наверо рӯи кор оранд ва ин муаммои паси пардагиро ошкор кунанд, зеро куштори маҷбуриро аз худкушӣ ҷудо карда тавонанд.

Дар зиннаи сеюм - зинаи шарҳдиҳӣ, донишҷӯён ба ҳолати ибтидои гузаштанро бояд ёд гиранд, инчунин мувофиқоии натиҷаҳои бадастовардаро бо ҳалли дар ҳолати иқтисодӣ дида баромадаи масъала муайян намоянд, аз ҳолати умумии тасдиқот ба ҳолати хусусӣ гузаштан, қимати омилҳои додашудаи иқтисодиро барои дар амал тадбиқ намуданро ёд гиранд ва ҳ.к. Аз ин рӯ, ин зина ҳам ***ба инкишоф додани тафаккури математикии донишҷӯён*** боис шуда метавонад.

Муайян намудани сабаб ва оқибатҳои вобастагии омилҳои иқтисодӣ дар амалиёти меҳнатии ҳамарӯза, дорои арзиши калони тарбиявӣ мебошад. Муайян намудани омилҳои иқтисодие, ки он барои зиёд намудани даромаднокии ҳолати мушахаси дидабаромадашаванда, ки амалӣ зарур мебошад барои донишҳои иқтисодӣ ва тарбияи асоси хоҷагидории донишҷӯён мусоидат менамоянд.

Дар вақти ҳал намудани масъалаҳо дар ҳамаи се сатҳ пеш аз ҳама таҳлилҳои миқдорӣ, баъд сифатӣ-миқдорӣ ва ниҳоят миқдори- миқдориро гузаронида, тафсири мафҳуми иқтисодиро дида баромаданамон ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин гунна пайдарпаи ба мувофиқи нақша васеъ намудани донишҳои амиқи иқтисодӣ ва инкишофи тафаккури математикии донишҷӯён боис мегардад. Намудҳои таҳлили иқтисодии дар боло овардашуда байни ҳам алоқаманд мебошанд. Чунончи шарҳи миқдорӣ- миқдорӣ дар базаи сифатӣ гузаронида шуда, шарҳи миқдорӣ дар базаи сифатӣ- миқдорӣ гузаронида мешавад .

Қайд менамоем, ки классификатсияи зинаҳои таҳли иқтисодӣ ва номҳои он ,ки дар ҳамин мақола қабул карда шудаанд, умумиқабулкардашуда ба ҳисоб намераванд. Вобаста ба мазмуни иқтисодӣ, дараҷаи мураккабии масъалаҳо ва махсусияти сину соли донишҷуён, зинаи сеюм – зинаи шаҳрдиҳӣ дорои шаклҳои гуногуни зерин мебошанд: а) саволу ҷавоб; б) суҳбат аз рӯи натиҷаи ҳалли масъала; в) гузориши проблемаҳои иқтисодӣ, вобаста ба зарурияти зиёдшавии даромаднокӣ, зиёдшавии ҳосилинокии меҳнат, пастшавии арзиши аслӣ, реҷаи иқтисодӣ ва ғ. ҳ. Моҳияти методикаи коркардабаромадашуда дар мисоли омӯзиши мавзуъҳои зерин: функсияи хаттӣ, муодилаи яктағирёбанда, системаи муодилаҳои ҳаттии дуномаълума, муодилаи квадаратӣ ва системаи муодилаҳо, нобаробариҳои хаттӣ, прогрессияҳои арифметикӣ ва геометрӣ, ҳосила ва тадбиқи он, системаи муодилаҳо ва нобаробариҳо, тадбиқи интегралҳои муайян ва ғ. кушода мешавад. Мо дар ин ҷо моҳияти ин методро дар мисоли ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодӣ дошта, ки ба муодилаиҳои яктағирёбандаи хаттӣ оварда мешаванд, дида мебароем.

Академик П.С. Александров дар системаи омӯзиши математика муодиларо ҳамчун ***воситаи дарк намудани табиат*** дониста ба он аҳамияти ҷиддӣ дода, аз ҷумла қайд намудааст: « Аз рӯи матни масъала тартиб додани муодила роҳи асосие мебошад, ки ба воситаи он математика ба фаннҳои табиатшиносӣ ва техникӣ тадбиқ карда мешавад. Бе муодила, метематика ҳамчун воситаи дарк намудани табиат вучуд надорад» [1,с.112].

Нисбати он, ки чӣ тавр муодила аз рӯи шарти масъалаи математикии мазмуни амалидошта тартиб дода мешавад, ягон қоидаи умумии устуворро додан мумкин нест, ки он имконияти ҳалли

ҳамаи масъалаҳоро диҳад. Аммо як қатор нишондодҳои хусусияти умумидоштаи дар поён оварда шударо истифода бурдан мумкин аст:

1.Дар ибтидо бузургиҳои номаълумеро интихоб намудан лозим аст, ки он ба тартиб додани муодила мусоидат менамояд. Дар баъзе мавридҳо бузургии номаълумро, ки ба бузургии номаълуми ба мо зарурбуда алоқаманд мебошад, интихоб намудан қулай аст, зеро ба маврид интихоб намудани бузургиҳои номаълум, тартиб додани муодиларо содда мегардонад. Бузургии номаълуми интихобшударо бо ҳарфҳои x , y ва ғайраҳо ифода кардан мумкин аст.

2. Ҳамаи бузургиҳои якчинсае, ки дар шарти масъала омадаанд бо воҳидҳои якхела ифода кардан мумкин аст. Мисол, воҳиди вақтро дар ҳамон як масъала дар як вақт бо дақиқа, соат ва ғ. ифода кардан нодуруст мебошад. Аз он ҷумла воҳиди дарозиро дар ҳалли як масъала бо сантиметр, метр, километр ва ғифода наменамоянд.

3. Аз шарти масъала истифода бурда, алоқамандии байниҳамдигарии кулли бузургиҳои маълумро муайян намуда, баъд дар асоси ин муодила ё системаи муодиларо тартиб додан мумкин аст. Яъне, аз шарҳдиҳии шифоҳи ба навишти формалии математикӣ гузаштан лозим аст.

4. Дар ҷараёни ҳалли муодилаи тартибдодашуда ва ё системаи муодилаҳо кӯшиш бахарҷ диҳем, ки усули оптималии табдилдиҳиҳоро ёбем, зеро он қобилияти сатҳи техникии табдилдиҳии математикиро баланд мебардорад.

Барои дар масъалаҳои математикӣ дохил намудани мафҳумҳои иқтисодӣ аз категорияи “Ҳосилнокии меҳнат” оғоз намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ин на ба хотири он ки хонандагон ба ин мафҳум аз таърих ё физика шинос мебошанд, балки барои он ки самаранокии ҳамагуна истеҳсолоти ҷамъиятӣ асосан бо арзиши ҳосилнокии меҳнат андозагирӣ карда мешаванд. Категорияҳои “арзиши аслӣ” ва “музди меҳнат” – ро бояд ба матни шарти масъала чунон дохил намоем, ки донишҷӯён ба таври кифоя ва бо осонӣ мазмун ва моҳияти ин мафҳумҳоро аз худи шарти масъала дарк намоянд.

Дар раванди омӯзиши ин мавзӯъ, масъалаҳои дорои мазмуни иқтисодӣ доштаи дараҷаи якӯм омӯхта мешаванд, ки ҳали онҳо барои дар хонандагон ташаккул додани мафҳумҳои асосии иқтисодӣ мусоидат менамоянд, ки бе онҳо аз рӯи натиҷаидар зинаи шарҳдиҳӣ ба дастовардашуда дар зинаи дуюм ва сеюм таҳлили элементарии иқтисодӣ гузаронидан амри маҳол мебошад.

Масъалаҳои иқтисодии сатҳи якум ба таври элементари ҳал карда шуда, ба донишҷӯён ягон душвориро пеш намеоранд, барои ҳамин ҳам зинаи формализатсяро на ҳамавақт дида баромадан лозим аст. Диққати асосиро ба зинаи шарҳдиҳӣ (интерпретатсия) равона кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Як қатор мисолҳоро дида мебароем.

Масъалаи 1. Комбайнчӣ баъди се рӯзи корӣ ба комбайн таҷҳизоти навро васл намуд. Дар натиҷа ҳосилнокии меҳнати ҳаррӯзаи он 50 сентнер зиёд гашт. Дар даҳ рӯзи корӣ вай 17500 сентнер гандумро куфта тайёр намуд. Ҳосилнокии меҳнати якрӯза то ва баъди васл намудани таҷҳизоти нав муайян карда шавад.

Ҳал.

Зинаи формализатсия.

Муаллим. Дар натиҷаи кадом амал комбайнчӣ ҳосилнокии меҳнатро зиёд намуд?

Донишҷӯи А. Дар натиҷаи дохил намудани таҷҳизоти нав .

Муаллим. Ҳосилнокии меҳнат чӣ қадар зиёд шуд?

Донишҷӯи Б. Ҳосилнокии меҳнат 50 сентнер зиёд шуд.

Муаллим. Чандто тағирёбандаи номуайянро ёфтан лозим аст?

Донишҷӯи С. Ду тағирёбандаи номуайянро.

Муаллим. Дуруст. Оё дар зери мафҳуми ҳосилнокии меҳнат ҳаҷми якрӯзаи корро фаҳмидан зарур мебошад?

Донишҷӯи Н. Зарур нест. Дар зери мафҳуми ҳосилнокии меҳнат мо метавонем кори дар як воҳиди вақт иҷрокардаи коргарро фаҳмем.

Аз ҷавоби донишҷӯён маълум мегардад, ки баъзеи аз донишҷӯён моҳияти ин категорияи иқтисодиро дуруст дарк кардаанд, чунки он аз худи шарти масъала равшан гардидааст.

Дар охир таърифро ба донишҷӯён хотиррасон менамоем. «Ҳосилнокии меҳнат гуфта – қобилияти коргарро меноманд, ки он дар мудати вақти ҷудокардашудаи корӣ (соат, рӯзи корӣ ва ғ.ҳ.) миқдори муайяни маҳсулотро тайёр менамояд».

Муаллим. Кадомҳоро?Бояд ҷавобҳои додаатон асоснок бошанд, то ки ҷавоби шуморо бо осони дарк кардан мумкин бошад.

Донишҷӯи А. Бояд ҳосилнокии меҳнатро то васл намудани таҷҳизоти нав ва баъди васл намудани он ёбем.

Муаллим. Дуруст. Оё масъаларо бо дохил намудани як ва ё ду тағирёбанда ҳал намудан мумкин аст?

Донишҷӯи Б. Масъаларо мо метавонем бо ёрии дохил намудани як ва ё ду тағирёбанда ҳал намоем.

Азбаски мавзӯи мо ҳалли муодилаи яктағирёбанда мебошад, бинобар ин мо дар инҷо ба дохил намудани як тағирёбанда маҳдуд мегардем.

Бигзор х-ҳосилнокии меҳнати якрӯза то васл намудани таҷҳизоти нав буда, $x+50$ ҳосилнокии меҳнат баъди васл намудани таҷҳизоти нав бошад.

Муаллим. Баъди васл намудани таҷҳизоти нав ҳосилнокии меҳнати якрӯзаи комбайнчӣ чӣ қадар афзуд?

Донишҷӯи Б. $(x+50)-x=50$

Муаллим. Ҳосилнокии меҳнати комбайнчӣ дар се рӯзи аввал чӣ қадар аст?

Хонандаи А. Ҳосилнокии меҳнати комбайнчӣ ба $3x$ баробар аст.

Муаллим. Дуруст. Ҳосилноки меҳнат баъди васл намудани таҷҳизоти нав чӣ?

Донишҷӯи А. Ба $7(x+50)$ баробар аст.

Муаллим. Маҳсулоти дар 10 рӯзи кори тайёр кардаи комбайнчӣ чӣ гуна ифода карда мешавад?

Донишҷӯи Б. $3x+7(x+50)=17500$

Муаллим. Ҳамин тариқ мо муодилаи якномаълумаи хаттии зеринро ҳосил намудем: $10x=17150$

Зинаи ҳалли модели математикӣ.

$x=1715$ пеш аз васл намудани таҷҳизоти нав дар як рӯз;

$x+50=1765$ баъд аз васл намудани таҷҳизоти нав дар як рӯз;

Зинаи шарҳдиҳӣ.

Муаллим: Ҳосилнокии меҳнат гуфта чиро меноманд?

Донишҷӯи С. Ҳосилнокии меҳнат гуфта, миқдори муайяни гандумро меноманд, ки комбайнчӣ дар як рӯз кӯфта тайёр кардааст.

Масъалаи 2. Ду бригадае, ки аз 10 ва 12 одамӣ иборатанд, технологияи истеҳсолиро такмил дода, натиҷаи ҳосилнокии меҳнатро мувофиқан 20 ва 10% зиёд намуда, ҳар ду бригада дар як баст ба ҷои 710 детал 816 детал мебаровардагӣ шуданд. Ҳосилнокии меҳнатӣ ҳар кадоме аз коргарҳои бригадаҳои якум ва дуюмро дар як баст, то ва баъди такмил додани технологияи истеҳсолӣ ёбед.

Ҳал.

1. Зинаи формализатсия

Муаллим. Дар натиҷаи кадом амал бригадаҳо ҳосилнокии меҳнатро зиёд намуданд?

Донишҷӯи А. Аз ҳисоби такмил додани технологияи истеҳсолӣ.

Муаллим. Маҳсулнокии меҳнатро чӣ қадар зиёд намуданд?

Донишҷӯи Б. Бригадаи якӯм 20 ва бригадаи дуюм 10% зиёд намуданд.

Муаллим. Дар якҷогӣ ҳосилнокии меҳнат чӣ қадар афзуд?

Донишҷӯи В. Ба 816 – 710 = 106 детал.

Муаллим. Чанто бузургии матлубро ёфтан лозим аст?

Донишҷӯи Г. Ду бузургиро.

Муаллим. Кадомҳо. Ҷавобҳоро муфасал диҳед, то ки дар бораи чӣ сухан меронед, фаҳмо бошад.

Донишҷӯи Д. Ҳосилнокии меҳнати ҳар кадоми коргарҳои бригадаи якӯм ва дуюмро то ва баъди такмил додани технологияи истеҳсолӣ ёфтан лозим.

Муаллим. Дуруст. Ин масъаларо бо як ё ки ду номаълум ҳал кардан мумкин аст?

Донишҷӯи А. Масъаларо ҳам бо як ва ҳам бо ду номаълум ҳал намудан мумкин аст.

Бигузор x – детал ҳосилнокии меҳнатӣ коргарони бригадаи якӯм дар як баст буда, $710-x$ детал ҳосилнокии меҳнатӣ коргарони бригадаи дуюм дар як баст бошад. Азбаски ҳосилнокии меҳнат мувофиқан 20 ва 10% афзудааст, бинобар он ҳосилнокии меҳнат баъди зиёд намудан ба $\frac{20x}{100}=\frac{x}{5}$ детал ва $\frac{(710-x)10}{100}=\frac{710-x}{10}$ баробар мешаванд.

Аз инҷо муодилаи якномаълумаи зеринро ҳосил менамоем:

$$\frac{2x}{10}+\frac{710-x}{10}=816-710$$

2. **Зинаи ҳалли модели математикӣ.**

$$2x+710-x=1060$$

$x=350$ ҳосилнокии меҳнати коргарони бригадаи якӯм,

$710-x=360$ ҳосилнокии меҳнати коргарони бригадаи дуюм будааст.

Аз инҷо $350:10=35$ детал ҳосилнокии меҳнати ҳар кадоме аз коргарҳои бригадаи якӯм ва $360:12=30$ детал ҳосилнокии меҳнати ҳар кадоме аз коргарони бригадаи дуюм будааст.

Бригадаи якӯм дар як баст баъди такмилдиҳӣ $x_1=35+20\%=35+7=42$ детал тайёр карда, бригадаи дуюм бошад дар як баст баъди такмилдиҳӣ $x_2=30+10\%=30+3=33$ детал тайёр кардаанд.

Ҷавоб: То такмилдиҳӣ мувофиқан 35 ва 30 детал, баъди такмилдиҳӣ 42 ва 33 детал.

3. Зинаи шарҳдиҳӣ.

Муаллим. Ҳосилнокии меҳнат гуфта чиро мефаҳмед?

Донишҷӯи Н. Ҷавоби дуруст медиҳад.

Муаллим. Дар зери мафҳуми технологияи истеҳсолӣ чиро мефаҳмед?

Донишҷӯи Д. Технология ин ҳамон, чӣ гунае ки истеҳсол мекунанд.

Муаллим. Ба фикри ман ҷавоби дуруст чунин мебошад: Дар зери мафҳуми технологияи истеҳсолӣ тарзҳои коркардеро меноманд, ки он барои тайёр кардани ин ё он маҳсулот истифода бурда мешавад. Навиштани таърифи ин мафҳумро ба донишҷӯён пешкаш намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Масъалаи 3. Завод дастгоҳҳои А ва В –ро, ки вазни умумиашон ба 2700 кг баробар бударо истеҳсол мекунад. Конструкторҳо баъди ворид намудани навоварӣ, массаҳои ҳар як дастгоҳи типи А –ро ба 7% ва типи В-ро ба 5% кам намуда ба 2535 кг расониданд.

а) Массаи дастгоҳҳои конструксияшон кӯҳна;

в) Камшавии ҳаҷми металҳои барои истеҳсоли дастгоҳҳои А ва В сарфшуда;

г) Сарфаи солонаи метал, ки завод дар як сол 5000 донагӣ аз ҳар як намуди дастгоҳҳои нави типии А ва В ба ҷои дастгоҳҳои кӯҳна истеҳсол менамояд, ёфта шавад.

Ҳал. **Зинаи формализатсия.** Ин зинаро донишҷӯён ба монанди масъалаҳои 1, 2 бомуваффақият иҷро карда метавонанд. Мо дар инҷо ба тартиб додани модели математики масъала истода мегузарем.

Бигзор x кг массаи дастгоҳи типи А бошад, онгоҳ (2700-x) кг массаи дастгоҳи типии В мешавад. Камшавии ҳаҷми металҳо барои истеҳсоли дастгоҳҳои типи А ва В мувофиқан ба $\frac{x\cdot 7}{100}(кг)$ ва $\frac{(2700-x)\cdot 5}{100}(кг)$ баробар мешаванд. Ҳамин тариқ дорои муодилаи

$$\frac{7x}{100}+\frac{(2700-x)\cdot 5}{100}=2700-2535$$

мегардем.

Зинаи ҳалли модели математикӣ. Муодилаи ҳосилгардидаро ҳал намуда, $x=1500$ -ро ҳосил мекунем.

Аз ин ҷо : а) Массаи дастгоҳи типи А ба 1500 кг ва типии В ба 2700-1500=1200 кг баробар мешавад.

б) Массаи дастгоҳи типии А - ро ба $\frac{1500\cdot 7}{100}=105(кг)$ ва типии В-ро ба $\frac{1200\cdot 5}{100}=60(кг)$ кам намуданд.

в) Сарфаи солона аз истеҳсоли 5000 дастгоҳ

$$(105+60)\cdot 5000=825000(кг)=825(т)$$

–роташкил медиҳад.

Зинаи шарҳдиҳии масъалаи мазкурро ба зимаи донишҷӯ мегузорем. Дар асоси таҷрибаҳои ҳосилкардаамон мо ба хулосае омадем, ки дар вақти омӯзиш мавзуъҳои "Муодилаи яктағирёбандадор" истифодабарии мафҳуми "Ҳосилнокии меҳнат" дар ҳалли масъалаҳои математики мазмуни иқтисоди дошта, барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва колеҷҳо дар вақти такрорӣ ин мавзӯъҳо ҳатто барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ низ ба таври пурра дастрас мебошад.

АДАБИЁТ

1. .Апанасов, Н.Т., Апанасов, Н.Н. Сборник математических задач с практическим содержанием/ Н.Т. Апанасов, Н.Н. Апанасов.–М.: Просвещение, –1997. –110с.
2. .Раҳимов, Р.М., Солиев, М.Н. Мисолҳои гуногуни шарҳи мазмуни иқтисодии мафҳуми ҳосила ва татбиқи он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ/ Р.М.Раҳимов, М.Н.Солиев // Паёми ДМИТ. – 2014. – №2. –131-136с.
3. Раҳимов, Р.М., Солиев, М.Н. Ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодӣ дошта дар ташакули тафаккури математикии донишҷӯён, яке аз ҳадафҳои низоми кредитии таҳсил. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалӣ дар мавзӯи «Сифати таълим дар мактабҳои олии ҶТ» /Р.М.Раҳимов, М.Н.Солиев// –Хуҷанд. – 2016. –437с.
4. Терешин, Н.А. Прикладная направленность школьного курса математики/ Н.А. Терешин. –М.: Просвещение, –1990.
5. .Шапиро, И.М. Использование задач с практическим содержанием в преподавании математики/ И.М. Шапиро. –М.: Просвещение, –1990. –96с.

РЕШЕНИЕ ЗАДАЧ С ЭКОНОМИЧЕСКИМ СОДЕРЖАНИЕМ В РАЗВИТИИ МАТЕМАТИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ СТУДЕНТОВ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ЛИНЕЙНЫХ УРАВНЕНИЙ

В связи с переходом от обычной системы обучения к кредитной системе в ВУЗ–ах, в экономике широко прменияются математические модели и понятия. В данной статье анализируетсия экономическое воспитание студентов в процессе решения математических задач с экономическим содержанием, которые приводятся в линейных уравнениях с одной неизвестной.

Ключевые слова: *математическое мышление, система линейных уравнений, формализация, математическая модель, экономические интерпретации, себестоимость, производительность труда, заработная плата.*

SOLVING TASKS WITH THE ECONOMIC SUBSTANCE IN THE DEVELOPMENT OF MATHEMATICAL THINKING OF STUDENTS IN THE STUDY OF SYSTEMS OF LINEAR EQUATIONS

In connection with the transition from the traditional training sustem to the credit sustem in the institutes, mathematical models and concepts are widely uesd in the economy. In this article, we study the economic education of students in the process of solving mathematical tasks with an economic substance, which are given in a linear equation, with one unknown.

Keywords: *mathematical thinking, lenear equations, formalization, mathematical model, economic interpretations, cost price, labor productivity and wages.*

Сведения об авторах:

Рахимов Рашид Маджидович, *профессор кафеды высшей математики Финансово-экономического институт Таджикистана, тел. 918.99.77.22.,*

Солиев Мирзон Норович, *старший преподаватель кафедры высшей математики Финансово- экономического института Таджикистана, тел. 989.03.48.42, E-mail: m.soliev@feit.tj*

About authors:

Rakhimov Rashid Majidovich*, Professor of the Higher Mathematics Department, Financial and Economic Institute of Tajikistan, tel.: 918997722,*

Soliev Mirzon Norovich*, Senior Lecturer, Chair of Higher Mathematics, Financial and Economic Institute of Tajikistan, tel.:989034842, E-mail: m.soliev@feit.tj*

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ТАҲҚИҚОТИИ ХОНАНДАГОН МАВРИДИ ТАЪЛИМИ АЛГЕБРАИ СИНФҲОИ 7-9

Миршоев А.А.,

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Раҷабов Т.Б

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Тамоили ҷаҳонишавӣ ва ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилот дар назди системаи маориф масъалаҳои зиёдро мегузорад. Яке аз ин масъалаҳо ворид намудани тағйирот ба таълими анъанавӣ вобаста ба шароитҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа мебошад. Аз тарафи дигар, бо назардошти пешрафти илм ба назария ва амалия, принсипҳои дидактикии таълим тағйироту илова ёфтанд, ки онро ба эътибор гирифтан зарур аст. Дар ин ҷода, муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим айни муддаост. Айни ҳол муҳаққиқони тамоили салоҳиятнокӣ дар таълим бар он ақидаанд, ки роҳи ягонаи расидан ба ҳадафҳои пешбинишудаи стандартҳо, ин ташаккули салоҳиятҳо дар хонандагон мавриди таълими ин ё он предмети мактабӣ мебошад.

Дар атрофи муносибати салоҳиятнокӣ ва салоҳиятҳо ақидаҳои гуногун бисёранд. Муқоисаи андешаҳо моро ба хулосае меорад,ки ташаккули салоҳиятҳо ҳамчун натиҷаи таълимии фанҳои гуногуни таълим шинохта шуда, дар раванди омӯзиши ҳар як фан ташакул ва рушд меёбанд.

Бинобар ҳамин, дар тамоили салоҳиятнокӣ ба таълим низ ҳар як предмети таълимӣ барои ташаккул ва инкишофи гуруҳи муайяни салоҳиятҳои хоси худ равона аст.

Акнун бевосита ба мафҳуми “Салоҳият”, ки дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ оварда шудааст изҳори ақида менамоем.

Чунончи А.В.Хуторский қайд менамояд,ки салоҳият ин маҷмуи сифатҳои ҳамбастаи шахсият (донишҳо, маҳорат,малакаҳо,усулҳои фаъолият), нисбати предметҳо ва равандҳои муайян дода мешавад, ки барои бо сифат иҷрои фаъолият нисбати онҳо зарур мебошад,фаҳмида мешавад. Ҳамзамон қайд мекунад, ки салоҳият таълуқи хонанда буда, фақат мавриди иҷрои ягон фаъолияти муайян санҷида мешавад. [11]

Ҳамин тариқ, барои мо салоҳият ин маҷмуи сифатҳои бо ҳам робитавӣ шахсият (донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, усули фаъолият), ки барои бо сифату самараноки иҷрои фаъолияти муайян равона шуда, салоҳиятнокӣ ин дорои салоҳиятҳо буданро мефаҳмонад.

То имрӯз ақидаи ягонаи гуруҳбандии салоҳиятҳо мавҷуд нест, ин- чунин андешаи ягонаи дараҷаи ташаккулёбии салоҳиятҳо ҳам мавҷуд намебошад.

Лекин бо ақидаи А.В.Хуторский се дараҷаи азбаркунии салоҳиятҳо мавҷуд мебошад:

1. Салоҳиятҳои “калидӣ”, ки ба таҳсилоти умумӣ, яъне умумимаърифатӣ.
2. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ки ба доираи муайяни предметҳо тааллуқ дорад.
3. Салоҳиятҳои фаннӣ-хусусӣ нисбати ду дараҷаи пешинаи салоҳиятҳои ки имконияти ташаккули дар доираи предмети таълими муайян сурат мегирад,ҷудо мекунад.

Имконияти амалисозии муносибати салоҳиятнокиро дар таълим Д.А.Иванов, К.Г.Митрофанов,О.В.Соколов [4] ба чор самт ҷудо мекунанд:

1. Салоҳиятҳои “калидӣ”;
2. Маҳоратҳои умумифаннӣ;
3. Маҳоратҳои тадбиқии фаннӣ;
4. Малакаҳои ҳаётӣ.

Самти якум ба ташаккули салоҳиятҳои калидии характери болоифаннӣ дорад, масалан, ташакули маҳорат дарки матнҳо, коркарди итилооттҳои гуногун, амалиёт дар гуруҳ равона мебошад.

Самти дуюм ба ташакули маҳоратҳои умуми характери предметӣ дошта, масалан: Маҳорати ҳалли гурӯҳи масъалаҳои физики, маҳорати интерпритатсияи ҷадвалҳо ва диаграммаҳо аз математика вобаста мебошад.

Самти сеюм пурзуркунии тадбиқи амалии фан, тадбиқи амалии ҳаматарафаи таҳсилоти мактаби “Андешаи ғоявии ин самт иборат аз он аст, ки барои таълими “самараи дур “-и таҳсилоти мактаби ҳамаи чизеро меомузанд, бояд тадбиқшаванда, ворид ба раванди истеъмол, истифода “бошад” [4, с.14]

Самти чорум ба ҳалли масъалаҳои дорои “малакаҳои ҳаёти”; қабили гуногуни одитарин маҳоратҳо, ки истифодаи рузмараи ҳаёт ва кор равона мебошад.

Ҳаргуна салоҳият дар фаолияти бо он мансуб ташакул ва инкишоф меёбад.

Барои он ки хонандагон дорои салоҳиятҳои таҳқиқот бошанд,онҳо бояд дорои он ҷузъиятҳои фаъолияти таълимӣ – таҳқиқотиро ифодакунандаро бошанд.

Бинобар ҳамин барои муайянкунии салоҳиятҳои таҳқиқоти мо ба таҳлили сохтору қисматҳои фаъолияти таълимӣ – таҳқиқотии хонандагон ва маҳоратҳои таҳқиқотии онҳо шуруъ менамоем.

Таҳлили тадқиқотҳои Е.В.Баранова [2], В.А Далингер [3], И.Я. Лернер [6], М.И. Маҳмудов [7], А.А.Столяр [9] ва дигарон мо дақиқ кардем ,ки марҳилаҳои асосии фаъолияти таълимӣ – таҳқиқотии аз гузориши проблема, пешниҳоди фарзия, исбот ё радкунии фарзия иборат мебошад.

Хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ–таҳқиқотии хонандагон мавриди таълим дар зеринҳо ифода мешаванд:

–раванднокии азбаркунии донишҳо ва маҳоратҳо мавриди таҳқиқот;

–Раванднокии оиди азбаркунии усулҳо ва методҳои илмии тафаккур (аналогия,индуксия,дедуксия ва ғайра);

–таъсири тагйирпазирии шахсияти хонанда ва инкишофи он.

Инчунин оиди таърифи маҳоратҳои таҳқиқоти ақидаҳои гуногун мебошанд.

Л.А.Михеева [.8.] зери истилоҳи ,,маҳоратӣ” таҳқиқоти қобилияти хонандагон бошуурона иҷро кардани амалиётҳои фикри ва амалиро ,ки ба мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошад, мефаҳманд.

А.И.Андреев [1] маҳорати таълимӣ – таҳқиқотиро ҳамчун маҳорати усулҳои мувофиқи тадбиқи методҳои илмии тафаккур дар ҳалли проблемаҳои таълимӣ –таҳқиқотӣ мавриди иҷрои масъалаҳои шавқовар медонад. Ақидаҳои ба ин монандро М.Ю. Целебровский [12] тавқият дода, калимаи “метод” (методҳои илмии тафаккур), ки синоними иборасозии “маҳорат”, “маҷмуи малакаҳо”;ба маҳоратҳои таҳқиқотчи мансуб аст,ки ба анализ, синтез, мушоҳида, моделонии математикӣ ва ғайра таълуқ доранд, дар назар дорад.

Дар ҳамин замина анализ ҳамчун матоди илмиии таҳқиқоти мавриди фаъолияти таҳқиқоти ин маҳорати ҷудокунии қисматҳои таркибии масъала (проблема), маҳорати ҷудокунии масъала (проблема) ба зермасъалаҳо (зерпроблемаҳо) мебошад. Ба таҳқиқотчӣ лозим меояд, ки мавриди ҳалли масъала чунин маҷмуи зермасъалаҳоро ҷудо кунад,ки чун қоида нисбати масъалаи додашуда сода бошанд ва ҳалли баъзе гурӯҳи ин зермасъалаҳо ҳалли масъалаи додашударо таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, ҷудокунии масъалаи додашуда ба зермасъалаҳои мавриди таълими алгебраи синфҳои 7-9 омили асосии муайянкунандаи ҳалли масъала ифодаи фаъолияти таълимӣ таҳқиқотии хонандагон мебошад. Акнун якчанд мисолҳоро дида мебароем.

<u>Масъалаи 1.</u> Ифодаро содда кунед:

$$\left(\frac{\sqrt[4]{ab^3}+\sqrt[4]{a^3b}}{\sqrt{a}+\sqrt{b}}+\frac{1-\sqrt{ab}}{\sqrt[4]{ab}}\right):\left(\frac{a-\sqrt[3]{a}}{\sqrt[3]{a}-1}-\frac{a+\sqrt[3]{a^2}}{\sqrt[3]{a}+1}\right)$$

Барои ин зермасъала зермасъалаҳои зеринро бояд фасл кард.

1. Касри $\frac{\sqrt[4]{ab^3}+\sqrt[4]{a^3b}}{\sqrt{a}+\sqrt{b}}$ –ро ихтисор кунед.
2. Касри $\frac{a-\sqrt[3]{a}}{\sqrt[3]{a}-1}$ – ро ихтисор кунед.
3. Касри $\frac{a+\sqrt[3]{a^2}}{\sqrt[3]{a}+1}$ – ро ихтисор кунед.

Чунин ҷудокуниро дар дарсҳо имконияти гузаронидан мавҷуд мебошад.

Масъалаи 2. Графики функсияро $y=\frac{|x+1|}{x+1}+\frac{x-1}{|x-1|}-|x|*x$ (1) сеҷод.

Якбора сохтани графики ин функсия ниҳоят душвор мебошад. Бинобар ҳамин ин масъаларо ба зермасъалаҳои зерин ҷудо мекунем

1. Графики функсияи (1) –ро дар фосилаи x<-1

Месозем :Y=$\frac{-(x+1)}{x+1}$ - $\frac{x-1}{-(x-1)}-x(-x)=-2+x^2$

2. Графики функсияи (1)-ро дар фосилаи -1<x≤0

Месозем:$Y=\frac{x+1}{x+1}$ - $\frac{x-1}{-(x-1)}-x(-x)=+x^2$

3. Графики функсияи (1)-ро дар фосилаи 0<x<1 месозем:

$Y=\frac{x+1}{x+1}+\frac{x-1}{-(x-1)}-x(x)=-x^2$

4. Графики функсияи (1) –ро дар фосилаи X>1 месозем:

$Y=\frac{x+1}{x+1}+\frac{x-1}{x-1}-x(x)=2-x^2$

Ҳамин тариқ мавриди ҳалли ин масъала мо онро ба 4 зермасъала ҷудо кардем,ки ҳалли ҳар яки онҳо ба хонандагон маълум аст.

Масъалаи 3.Дар кадом қиматҳои в ҳар ду решаҳои муодилаи $x^2-2bx+4=0$(1) Мусбат мебошад.

Ин масъаларо ба зермасъалаҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст.

1. Дар кадом қиматҳои в дискриминанти муодилаи (1) ғайриманфи мебошад.

Д=b^2-4≥0 аз ин ҷо , b≥2ё b ≤-2 (2)

2. Дар кадом қиматҳои b коэофисенти аъзои мобайнии муодилаи (1) манфӣ аст.

–2b<0 аз ин ҷо b>0

Аз муқоисаи ҳалли масъалаҳои 1 ва 2бармеояд,ки b≥2 ҳар ду реша мусбат мебошад.

Яке аз воситаи асосии ташкили фаъолияти таълимӣ –таҳқиқотии мавриди хонандагон ҳалли ин масъалаҳои матнии алгебравӣ мебошад.

Яке аз олимони шинохта Л.М.Фридман мақоми моделонии математикиро дар шиносоии хонандагон бо методи илмии тафаккур қайд менамояд. Бо ақидаи у хонандагон ба мафҳуми модел ва моделонӣ фақат шинос нашаванд, балки онҳо худашон мустаҳкилона амалиётҳои вобастаи ин равандро иҷро кунанд.

Акнун раванди моделиронии математикиро дар масъалаи зерин шарҳ медиҳем.

Масъалаи 4. Аз пункти А ба пункти В поезд бо суръати 70 км/соат баромад. Баъди 3 соат аз В ба А поезди дигар бо суръати 75 км/соат ба роҳ баромад. Масофаи байни пунктҳои А ва В 500 км мебошад. Дар кадом масофа аз В поездҳо вомехурданд. Омӯзгор вазифадор аст, ки аз хонандагонро талаб кунад, ки мустаҳқилона онҳо дарки ҳамаи додашудаи шарти масъала ва талаби онро ҷудо кунанд. Ин шартҳо чунинанд:

3. Суръати поезди аз пункти А ба В баромадагӣ баробари 70 км/соат;
4. Суръати поезди аз пункти В ба пункти А баромадагӣ ба 75 км/соат баробар аст;
5. Поезди дуюм аз В баъди 3 соати аз пункти А баромадани поезди якум;
6. Масофаи байни пунктҳои А ва В ба 500 км баробар аст. Талаби масъала чунин аст “Донистани масофа аз пункти В то ҷои вохӯрӣ”

Аз диди таҳқиқотии мо ҳам марҳиллаи якуми ҳалли масъалаҳои матнӣ имконияти хуби ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотиро мусоидат менамояд.

Баъзан таҳқиқотчӣ баъди таҳлили ҳаматарафа ғояи умумии ҳалли масъалаҳои шаклан гуногун ва моҳияти ягонаи математикӣ доранд,пайхас менамояд. Чунин имкониятҳо барои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқоти хонандагон мавриди таълими алгебраи синҳои 7-9 бисёр мебошад. Акнун якчанд мисолҳоро муоина мекунем,ғояи умумии ҳалли доранд.

1. Ҳалли решаҳои системаи муодиларо ёбед. $\begin{cases} x^2 + y^2 = 1 \\ y + |x| = 2\sqrt{2} \end{cases}$

2. Миқдори решаҳои системати муодиларо ёбед.
$\begin{cases} x^2 + y^2 = 1 \\ y + |x| = a \end{cases}$ вобаста ба параметри “а”

3. Дар кадом қиматҳои параметри “е” графики муодилаи x+y=c бо даври воҳидӣ мерасад.

4. Дар як системаи координатӣ графики функсияи $f_1(x)=-1-|x|$ва $f_2(x)=1-|x|$-ро созед. Муқарар кунед, ки монанди ва чӣ фарқият доранд.

Бисёр мавридҳо таҳқиқатчи ба таҷрибаи хеш такя намуда, донишҳои навро ҳосил менамояд. Дар ин маврид хонандагон барои ҳал намудани масъалаҳо ба донишҳо маҳорат ва малакаҳои худ такя намуда, матни масъаларо табдил дода , масъаларо бо масъалаи пештар ҳал кардаашон монанд меоварад. Инро бо мисол шарҳ медиҳем.

Масъалаи 5. Исбот кунед,ки $A=\frac{n}{12}+\frac{n^2}{8}+\frac{n^3}{24}$ барои дилхоҳ n-ҷуфт будан адади бутун аст.

Баъди табдили ифодаи додашуда дар мавриди n=2k будан ба масъалаи зерин меоем: $A=\frac{k+3k^2+2k^3\,4}{6}$

Масъалаи 5,а. Исбот кунед,ки $B = k + 3k^2 + 2k^3$ барои дилхоҳ k ба 6 тақсим мешавад.

Инчунин мавриди масъалаҳои дар поён меовардагӣ хонандагон дар заминаи ичрои табдилдиҳиҳои ифодаҳо бо истифодаи айниятҳои зарби мухтасар ба донишҳо оиди аломати тақсимшавӣ муроҷиат менамоянд.

Масъалаи 6 . Дар кадом ададҳои натуралии “n”ифодаи $(3n+8)^2-(3n-5)^2$ ба 8,10,11,15,39 тақсим мешавад.

Масъалаи 7. Маълум аст,ки мавриди табдили ифодаи $(3n+1)^2-(2n-1)^2$ дар ҳолати дилхоҳ будани “n” вай ба 5 тақсим мешавад.Чунин ифодаи намуди фарқи квадратҳоро тартиб диҳед, ки онҳо ба 17 тақсим шаванд. Чандто чунин ифодаҳо тартиб додан мумкин аст.

Масъалаи 8. Кадом ададҳоро ба ҷои ситорачаҳо гузорем, ки ифодаи $(*n+7)^2-(*n-6)^2$ ба 13 тақсим шавад.

Масъалаи 9. Қиматҳои бутуни “n”-ро аз маҷмуи {-3,-2,-1,0,1,2,3,4,5}-муайян кунем, ки қимати ададии ифодаи $(n+6)^2-(2n+3)$ ба 15 тақсим шавад.

Масъалаи 10. Дар кадом қиматҳои ғайриманфии k€[-5,5] қимати ададии ифодаи $(4k+3)^2-4k^2$ ба 15,27,35 тақсим мешавад. Ҳамин тариқ, дар заминаи мавриди таълими алгебраи синфи 7-9 бисёр ҳолатҳоро шарҳ додан мумкин аст, ки ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагон имконпазир мебошанд.

Калид вожаҳо: Салоҳиятнокӣ, салоҳият, ташаккул, алгебраи синфҳои 7-9, фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ, салоҳиятҳои таҳқиқотӣ, хонандагон, раванди таълим.

АДАБИЁТ

1. Андреев, В.И Эвристическое программирование учебное-исследовательской деятельности: методическое пособие/ В.И. Андреев. М.: Высшая школа, 1981. – 240с.
2. Баранова Е.В. Методические основы использования учебных исследование при обучении геометрии в основной школе. Авт. дис. кон. пед. наук. Саранск, 1999-18с.
3. Далингер В.А.Методика реализации внутри предметны свиязей при обучении математике. М.: Просвещенные 1991-80с.
4. Иванов Д.А., Митрофанов К.Г., Соколов О.В. Компетентностный подход в образовании. Проблемы, Понятия, Инструментарии: Учебно-методическое пособие. – Омск: ОмГПУ.2003-101с.
5. Колягин Ю.М. Оганесян В.А.Учись решать задачи: -М.: Просвещение. 1980-113с.
6. Лернер И.Я. Дидактические основы методов обучения.- М.: Педагогика 1981-185с.

7. Махмутов М.И. Организация проблемного обучения в школе – М. Просвещение 1977-240с.
8. Михеева Л.А. Формирование исследовательских умении в процесс обучения математике в начальной школе. Автор .дис.конд.пед.наук.-М.2004-16с.
9. Столяр А.А.Методы обучения математике – Минск.: Изд-ва “Народная о света.”1981-191с.
10. Фридман Л.М.Учись учится математике. М.: Просвещении .1985-112с.
11. Хуторский А.В. Современная дидактика – М.: Высшая школа: 2007-639с.
12. Целебровская М.Ю. Технология реферативно-исследовательская деятельности учащихся в математических дисциплина: Автор. дис. канд.пед. наук 13.00.02-Новосибриск, 2004. -24 с

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИ КОМПЕТЕНЦИИ УЧАЩИХСЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ АЛГЕБРЫ 7-9 КЛАССАХ

В статье раскрывается сущность понали“компетентность”, “компетенции” и их взаимосвязь в процессе обучения математике, анализируются возможности формирования исследовательских компетенции учащихся при изучении алгебрые 7-9 классах. Также даны некоторые методические рекомендации об их использовании при решенияи алгебраических задач повышенной трудности.

Ключевые слова: *компетентность, компетенции, формирование, исследовательскихе компетенции, учебно–исследовательская деятельность, алгебрыа 7-9 классах, учащихся, процесс обучения.*

THEORETICAL BASES OF FORMATION RESEARCH OF THE COMPETENCE OF PUPILS AT THE LESSON OF ALGEBRA IN 7-9 CLASSES

The article reveals the essence of "competence" and their interrelation in the process of teaching mathematics, analyzes the possibilities for the formation and investigative competence of students in the study of algebra of grades 7-9. Some methodological recommendations on their use in solving algebraic problems of increased difficulty are also given as well.

Keywords*: competence, competence, formation, research competence, educational and research activity, algebra of 7-9 grades, students, learning process.*

Сведения об авторах:

Миршоев Абдушахид. Абдулмуминович *– соискатель кафедры методики обучения математике ХГУ им. академика Б.Гафурова*
Тел: (+992) 927739792; E-mail: mirshoev_a@mail.ru

Раджабов Тагоймурод Бобокулович *–кандидат педагогических наук, дотцент кафедры методики начального обучения Таджикского государственого педагогического университета им.Садриддина Айни, тел. (+992)935063412*

About authors:

Mirshoev Abdushahid. Abdulmuminovich*, researcher in the Department Method of Mathematics Teaching of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov, tel.: (+992) 92 773 97 92, E-mail: E-mail: mirshoev_a@mail.ru*

Radzhabov Tagoymurod Bobokulovich, *candidate of pedagogical sciences, the Associate Professor in the Department of Method of Elementary Education of TSPU named after Sadriddin Ayni.Tel.: (+992)935063412*

РАЗГРАНИЧЕНИЕ ПОНЯТИЙ «ГОСУДАРСТВЕННАЯ АККРЕДИТАЦИЯ И ЛИЦЕНЗИРОВАНИЕ ДЛЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ»

Рахмонов Ш.М

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

В соответствии с Закон Республики Таджикистан «Об образование » и Закон Республики Таджикистан «О высшем и послевузовском образовании» [1; 5] получение государственной аккредитации для образовательных учреждений в отличие от лицензирования, является необязательным и происходит в заявительном порядке, однако общественный статус аккредитованного образовательных учреждение выше, чем неаккредитованного (особенно это касается негосударственных учреждений).

Законодательство содержит механизмы мотивации образовательных к получению прежде всего это связано с предусмотренными законами «Об образовании» и «О высшем и послевузовском образовании» льготами и правами [5;7].

Для выпускников аккредитованных вузов: на основание стати 21 и 22 закона Республики Таджикистана «О высшем и послевузовском образовании»: «Освоение лицом образовательной программы высшего профессионального образования соответствующей ступени в высшем учебном заведении, имеющем государственную аккредитацию, является основанием для занятия им в государственной, муниципальной организации определенной должности, получения должностного оклада»;

Для студентов заочной и вечерней форма обучение на основе стати 22 пункт 6 закона «О высшем и послевузовском образовании»: «Лицам, успешно обучающимся имеющих государственную аккредитацию высших учебных заведениях независимо от их организационно-правовых форм по заочной и очно-заочной (вечерней) формам, по месту их работы предоставляются дополнительные отпуска с сохранением средней заработной платы, начисляемой в порядке, установленном для ежегодных отпусков (с возможностью присоединения дополнительных учебных отпусков к ежегодным отпускам) для сдачи зачетов и экзаменов на первом и втором курсах соответственно по сорок календарных дней, на последующих курсах соответственно по двадцати календарных дней; подготовки и защиты дипломного проекта (работы) со сдачей государственных экзаменов четыре месяца; сдачи государственных экзаменов один месяц».

На основание : стати 22 пункт 8 закона Республики Таджикистана «О высшем и послевузовском образовании»: «Статус студента негосударственного высшего учебного заведения, имеющего государственную аккредитацию, в отношении академических прав и академических свобод приравнивается к статусу студента государственного высшего учебного заведения, за исключением права на получение государственной стипендии. Статус студента негосударственного высшего учебного заведения, не имеющего государственной аккредитации, определяется уставом этого высшего учебного заведения» [4; 7]

На основе закон Республики Таджикистан «Об образование », закон Республики Таджикистан «О высшем и послевузовском образовании»: закон Республики Таджикистан «О среднем профессиональном образование» и закон Республики Таджикистан «О начальном профессиональном образование» обучающиеся по очной форме обучения в: государственных, муниципальных или имеющих государственную аккредитацию по соответствующим направлениям подготовки (специальностям) негосударственных образовательных учреждениях начального профессионального, среднего профессионального и высшего профессионального образования, – во время обучения, но не свыше нормативных сроков освоения основных образовательных программ».

Для аспирантов: и докторантов на основание стати 24 пункт . 8 закона «О высшем и послевузовском образовании»: «Гражданам, получающим послевузовское профессиональное образование в имеющих государственную аккредитацию учреждение государственных высших учебных заведениях и научных учреждениях (организациях), имеющих лицензии на ведение образовательной деятельности по образовательным программам послевузовского профессионального образования, предоставляются учебных отпусков до 30 календарных дней, с сохранение заработной плате» [4; 7].

Для образовательной учреждения (учреждениях начального, среднего и высшего профессионального образовательных учреждений) в целом: на основание законодательство (стати. 20 пункт 22 закона «О высшем и послевузовском образовании»): «Учебная и производственная практика, предусмотренная государственными образовательными стандартами высшего и послевузовского профессионального образования, начального и среднего профессионального образоватние осуществляется на основе договоров между высшим, среднего и начального образовательных учреждении и предприятиями, учреждениями и

организациями, в соответствии с которыми указанные предприятия, учреждения и организации независимо от их организационно-правовых форм обязаны предоставлять места для прохождения практики студентов высших учебных заведений, имеющих государственную аккредитацию» [1; 6].

Статья 23 п. 6 Закона «Об образовании» гласит: «Государственный статус образовательного учреждения *(тип, вид* и категория образовательногоучреждения, определяемые в соответствии с уровнем и направленностью реализуемых им образовательных программ) устанавливается при его государственной аккредитации». Таким образом, спецификой системы государственной аккредитации в Республики Таджикистане является понятие государственного статуса образовательных учреждение, устанавливаемого при его государственной аккредитации.

По статусам образовательной учреждении на основание законодательство Республики Таджикистана: для высших, среднего и начальное профессиональных образовательных учреждение установлены виды, (стати 23 Закон Республики Таджикистан «Об образование» и стати 5 Закон РТ «О высшем и послевузовском образовании», Закон Р.Т «О среднем профессиональном образование» и Закон Республики Таджикистан «О начальном профессиональном образование»): университет, академия, институт, колледж и лицей.

На основание пункт 2 Положения «О лицензирование, аттестация, и государственной аккредитация образовательных учреждение», утвержденного Постановлением Правительства Республики Таджикистана от 05.02. 2003 № 145, определяет цель аккредитации образовательных учреждение: [4; 6]. «Целью аккредитации образовательных учреждение является установление (подтверждение на очередной срок) его государственного аккредитационного статуса (далее именуется – статус) по типу образовательных учреждение и виду (институт, академия, университет, колледж и лицей) с установлением перечня образовательных программ профессионального образовательных учреждение, по которым учреждение имеет право выдавать выпускникам документы об образовании государственного образца (далее именуются — аккредитованные программы)».

ЛИТЕРАТУРА

1. Закон Республики Таджикистан «О высшем и послевузовском образовании»- 2003,
2. Закон Республики Таджикистан «О среднем профессиональном образование» 2014.
3. Закон Республики Таджикистан «О начальном профессиональном образование»- 2003
4. Положение о порядке аттестации, аккредитации и лицензировании образовательных учреждений, 2003
5. Постановление Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан «О принятии Закона Республики Таджикистан «Об образовании от 17 мая 2004 года.
6. Кабутов Д., Нигматов И.И. Опыт лицензирования, аттестации и аккредитации учебных заведений в Республике Таджикистан//Системы оценки качества образования в странах СНГ и Балтии. Материалы международной научно-практической конференции. – М., 2003. С. 55 – 58.
7. Кабутов Д., Сангинов Н. Управление и профессиональный контроль образовательных учреждений. – Душанбе, 2004. - 64 с. (на тадж.яз.)

РАЗГРАНИЧЕНИЕ ПОНЯТИЙ «ГОСУДАРСТВЕННАЯ АККРЕДИТАЦИЯ И ЛИЦЕНЗИРОВАНИЕ ДЛЯ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ»

Данная статья посвящена изучению вопросам разграничения понятий «аккредитация» и «лицензирование». Рассматриваются приоритетные особенности процесса аккредитации в системе образования, раскрывается влияние аккредитации на социальный статус, как

отдельного гражданина, так всей системы образования. Показываются преимущества, влияющие на благополучное функционирование системы образования, системы льгот, пособий, интегрирования в различных областях государственного трудоустройства.

Ключевые слова: *учреждение, государственной аккредитации, законодательство, статус студента.*

DIFFERENTIATION OF THE CONCEPTIONS OF «GOVERNMENTAL ACCREDITATION AND LICENSING FOR EDUCATIONAL INSTITUTIONS»

This article is devoted to the study of differentiation on the concepts of «accreditation» and «licensing». Priority features of the accreditation process in education are explored, the influence of social status on accreditation is revealed both as an individual citizen and the entire education system. The benefits that affect the safe operation of the education system, the system of privileges, aids, benefits of integration in various areas of public employment are shown.

Key words: *institution, governmental accreditation, legislation, student status.*

Сведение об авторе:

Рахмонов Шариф Мадиномович*- кандедант педагогических наук декан физический факултета Таджикского государственного педагагического университета им С.Айни. Телефон: (+992)918265609*

About the autor:

Rahmonov Sharif Madinomovich *candidate of pedagogical sciences Dean in the physical of Tajik state pedagogical university named after S. Ayni Phone (+992)918265609*

ИСТИФОДАИ УСУЛИ КОР БО ВАРАҚЧАҲО ДАР ТАЪЛИМИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ДАР СИНФИ 1Х

Саидмуроди Хоҷазод

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Бо методҳои гуногуни таълими муосир омӯзонидани ҷумлаҳои мураккаби пайваст бобати ташаккули афкори хонандагон, дарки вижагиҳои забон, сохтани ҷумлаҳои фасеҳу равон ва озодона иброз намудани фикр ёрмандӣ мекунад. Пеш аз он ки усули таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар синфи 1Х- ро мавриди пажӯҳиш қарор диҳем, ин нуктаро бояд мавриди назар қарор дод, ки нисбат ба ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар бораи ҷумлаҳои мураккаби пайваст китобу рисола ва мақолаву маводи мавриди назар камтар ба назар мерасанд. Новобаста ба ин, дар матбуот ва маҷаллаҳои соҳавӣ силсилаи мақолаҳоеро дастрас намудан мумкин аст, ки ҷумлаҳои мураккаби пайвастро аз баъзе ҷиҳатҳо тавзеҳ медиҳанд. Забоншиноси тоҷик Ш. Рустамов дар мақолаи «Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб» (5, 16-19) муносибатҳои ҳамзамонӣ, паиҳамзамонӣ, замонӣ ва хилофӣ, сабабу натиҷаи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвастро нишон додааст. Мақола хусусияти ташреҳӣ дорад.

Дар мақолаи муҳаққиқ Р.Набиева «Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳами пайвандакдор» [3, 31-35] ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз рӯи алоқаи маъноӣ ва тарзи ифода шудани алоқаҳояшон ба се гурӯҳ тақсим шуда, ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳами пайвандакдор мавриди тадқиқи мукаммал қарор гирифтаанд, ки то кунун қимати худро гум накардааст. Он барои пажӯҳишгарон ба сифати манбаъ ёрмандӣ мекунад.

Пайвандакҳои пайвасткунанда дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст нақши муҳим доранд ва ҳамин маънӣ дар таълифоти Қ. Рустамов бо номи «Таълими пайвандакҳои пайвасткунанда» [4, 7-11] пажӯҳиш шуда, ки хислати методӣ касб кардааст.

Маҷмӯаи таҳиянамудаи муҳаққиқон А.Юнусов ва Д. Хоҷаев «Феҳрести синтаксисии ҷумлаҳои мураккаби забони адабии тоҷик» [10, 48] маводи батабърасидаи то соли 1982 –ро доир ба ҷумлаҳои мураккаби забони адабии тоҷик дарбар гирифтааст, ки ҷиҳати дастрас кардани

номгӯи матолиби мавриди назари мо низ кӯмак мекунад. Маҷмӯа хусусияи маълумотдиҳӣ дорад.

Дастури таълимии «Наҳви забони тоҷикӣ» [2, 158-168] доир ба ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва хелҳои он - ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ маълумоти мукаммал медиҳад.

Оид ба паҳлуҳои гуногуни ин масъала аз китобҳои «Практикуми забони тоҷикӣ» [7], «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» [9] низ маълумот пайдо намудан мумкин аст.

Ҳарчанд дар китобҳои зикршуда оид ба омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва хелҳои он маълумот дода шудааст, аммо то кунун дар мавриди роҳу усули таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст дар синфи 1Х пажӯҳиши мукаммале ба миён наомадааст. Аз ин сабаб кӯшидем, ки ҳамин фазои холиро мукаммал намоем.

Ба фасли «Ҷумлаи мураккаби пайваст» дар барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфи 1Х (2006) 5 соат муқаррар шудааст, ки танҳо се дарси аввали он дар муқоиса бо ҷумлаҳои содаи чидааъзо таълим додани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва хелҳои ин гурӯҳи ҷумлаҳои мураккаб вобаста ба тобишҳои маъноии пайвандакҳои пайваскунанда (пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ) бахшида шудааст. Соати чорумро ба такрору мустаҳкамкунии фасли мазкур ва соати охирро ба гирифани ягон навъи кори хаттии санҷишӣ (диктант ё нақли хаттӣ) бахшидан пурра имконпазир аст [8, 399]. Омӯзгор зимни таълими мавзӯи «Ҷумлаи мураккаби пайваст» дар баробари истифодаи методҳои нақл, сӯҳбат, аёнияти метавонад усули кор аз рӯи варақчаҳоро истифода барад, зеро ҳар як метод ҷиҳатҳои вижаи худро дорад ва ба ақидаи методисти рус А.В. Текучев, воситаҳои аёнӣ... ба муаллим имконият медиҳад, ки бисёр мафҳумҳои ғайривоқеиро мушаххас маънидод намояд; шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фан баланд гардида, қобилияти мушоҳидакунии хонандагон рушд ёбад» [6, 42]. Варақчаҳо аз ҷониби омӯзгор тартиб дода мешаванд. Зимни мураттабсозии варақчаҳо пайдарҳамии мавзӯъҳо, робитаи мантиқии дарсҳо, дараҷаи дониши хонандагон ба ҳисоб гирифта мешавад. Таҷриба нишон дод, ки тавассути ҷумлаҳои сода ва ба таври фасеҳ тартиб додани саволҳо дар варақчаҳо барои дарки моҳияти мавзӯъ мадад мерасонад. Варақаҳо чопӣ ва дастӣ мешаванд. Варақаҳои чопӣ ба тариқи китобча дар як вариант тартиб дода мешаванд [1, 10], ки супориши ҳар яки онро ҳамаи талабагон мисли талаботи машқҳои китоби дарсӣ иҷро мекунанд.

Мутобиқи ақидаи методисти тоҷик Шербоев С. варақачаҳои дастӣ, ё худ аз тарафи муаллим тартибдодашуда аз варақаҳои чопӣ бартарӣ доранд. Зеро ҳар як муаллим дар рафти тартиб додани чунин варақаҳо фаъолияти хонандагони синфи худ, донишу малака ва тарафҳои сусти фаҳмиши онҳоро ҳам ба эътибор гирифта, баҳри мустаҳкам намудани дониш ва ҳосил кунонидани малаки даркорӣ дар онҳо ӯ метавонад он варақаҳоро бо супоришҳои гуногун тартиб диҳад [9, 81]. Масалан оид ба мавзӯи мавриди пажӯҳиш омӯзгор метавонад варақчаҳоро бо чунин саволҳо мураттаб намояд:

Варақчаи №1

1. Бо истифодаи пайвандакҳои пайвасткунанда якчанд ҷумлаи мураккаби пайваст тартиб диҳед.

2. Ба дафтаратон 4 ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак навишта, онҳоро ифоданок хонед.

Варақчаи №2

1. Ҷумлаи мураккаби тобеъ аз ҷумлаҳои мураккаби пайваст бо кадом хусусиятҳо фарқ мекунад.

2. Оё дар ҷумлаи мураккаби пайваст сарҷумла мавҷуд аст?

Варақчаи №3

1. Хелҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвастро номбар кунед?

2. Оид ба ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайиҳами пайвандакдор маълумот диҳед.

Истифодаи усули кор бо варақчаҳо дар дарси забони модарӣ ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонандагон нафъи калон дорад, зеро омӯзгор бо тақсими варақчаҳо вақтро сарфа намуда, то ба суолҳои варақчаҳо омода шудани хонандагон имкон дорад мавзӯи дарсро боз аз чанд нафари дигар пурсад. Дар навбати худ, хонандагон низ тавассути ин усул ба таври возеҳ ва

мураттабу мустақилона ифода кардани фикри худро таҷриба мекунанд. Аз тарафи дигар, муаллимро аз усули якхелаи дарсдиҳӣ халос намуда, барои гуногунии усулҳо ва шавқовар гузаронидани ҷараёни дарс ёрии калон мерасонад. Самаранокии ин усул ба маҳорати педагогии муаллим, ба дараҷаи аз он истифода карда тавонистани ӯ вобаста аст [7, 7]. Самаранокии чунин усулро омӯзгорони таҷрибадор низ собит намудаанд.

Натиҷаи мушоҳидаи таълими забони тоҷикӣ дар синфҳои 1Х нишон медиҳад, ки савияи дониш ва ҷаҳонбинии хонандагон нисбат ба синфҳои поёнӣ ташаккул ёфта, дарки методҳои гуногуни таълим дар ниҳоди онҳо зиёдтар аст. Афзун намудани рағбати хонандагони синфи 1Х ба дарсҳои забони тоҷикӣ аз истифодаи роҳҳои нави тадрис, шеваҳои омӯзиш ва усулҳои таълими муосир вобаста аст. Истифодаи усулҳои гуногуни таълим дарсро шавқовар, қобилияти суханронии хонандаро бурротар ва шавқи дар хоббудаи хонандаро бедор мекунад, ки усули кор бо варақчаҳо аз он истисно нест.

ПАЙНАВИШТ

1. Гадоев Б. Карточкаҳо аз забони модарӣ.-Душанбе: Ирфон, 1968.
2. Камолиддинов Б.Наҳви забони тоҷикӣ.-Душанбе: Собириён, 2010.
3. Набиева Р. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти паиҳами пайвандакдор/Мактаби советӣ.1957.№ 5.
4. Рустамов Қ. Таълими пайвандакҳои пайвасткунанда/Мактаби советӣ. 1964.
5. № 8.
6. Рустамов Ш. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти сертаркиб. /Мактаби Советӣ. 1979. № 11.
7. Текучев А.В.Методика преподавания русского языка в средней школе. - М.:
8. Просвещение, 1980.
9. Шербоев С. Практикуми забони тоҷикӣ.- Душанбе: Ирфон, 2008.
10. Шербоев С.Методикаи таълими забони тоҷикӣ.-Душанбе: Шуҷоиён, 2009.
11. Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ.- Душанбе: Ирфон, 2012.
12. Юнусов А.Хоҷаев Д. Феҳрести синтаксисии ҷумлаҳои мураккаби забони адабии тоҷик.- Душанбе:1982.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МЕТОДА РАБОТЫ С КАРТОЧКАМИ ПРИ ИЗУЧЕНИИ СЛОЖНЫХ СОЕДИНИТЕЛЬНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В 1Х КЛАССЕ

В статье подвергнуто исследованию использование метода работы с карточками при изучении сложных соединительных предложений в 1Х классе. Показывав преимущество метода работа с карточками на конкретных примерах, автор приходит к выводу, что использование этого метода способствует хорошему запоминанию темы урока учениками.

***Ключевые слова**: метод, учитель, ученик, карточка, урок, предложение, обучение.*

USING THE METHOD OF WORKING WITH CARDS IN TRAINING COMPLEX CONNECTIVE SENTENCES IN THE 9TH CLASS

In the article, the use of the method of working with cards in the study of complex connective sentences in the 9th grade was subjected to research. Showing the advantage of the method of working with cards on specific examples, the author comes to the conclusion that using this method contributes to a good memorization of the topic of the lesson by the students.

***Keywords**: method, teacher, student, card, lesson, proposal, training.*

Сведения об автора:

***Саидмуроди Ходжазод** – доктор филологический наук, заведующий кафедраой таджикского языка Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, E-mail: saidmurod70@mail.ru; тел: (+992)938555299.*

About the author:

***Saidmurody Hodzhazod** - Doctor of Philology, head of the Tajik language department of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, E-mail: saidmurod70@mail.ru*

Tel: (+992) 938555299.

УДК 83,3(0)
ББК 8Т+82+82(091)

ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ РАСОИЛ ДАР САДАИ ДАҲУМ

Рашидова Д.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

6. Benning, H.A. Welt und Mensch in der altenglischen Beitrege zur englischen Philologie, 1961, H.44. -S.112.
7. Schabram, H. Etymologie und Kontextanalyse in der altenglischen Semantic. - 1970. - S. 233-253.

МОНОЛЕКСЕМНЫЕ ПРОИЗВОДНЫЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТЕРМИНЫ ТАДЖИКСКОГО И АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКОВ

Автор данной статыи анализируем научные труда отечественных и зарубежных ученых посвещенные проблеме синонимии слова и фразеологизмов. При этом он очитает, что что исследуя лексико-фразеологическую синонимию в соврименном таджикском языке, необходимо удилять внимание проблеме соотношения фразеологизма и слова а также соотнёсноссости фразеологических единиц с частями речи.

Ключевые слова: *аспекты исследования, терминология, языковой окраски, педагогических терминов, термин, конструкции, моно лексемных терминов, наука, техника, политика, дипломатия.*

MONO-LEXICAL DERIVATIVE PEDAGOGICAL TERMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article deals with aspect of research terminology in English and Tajik languages. It should be note that terminology is the explanation of definition in both of languages and it's also the function of clear notion of the things. Close to foundation of mono-lexical terms might be use as an affixes for the reproducing basis. As it is shown in research of many languages. It is necessary in the science, techniques, politics and diplomacy.

Keywords*: aspect of research, terminology, language coloration, pedagogical terms, terms, contruction, mono-lexical terms, science, politics, diplomacy.*

Сведения об авторе:

Джуракулов Бозорали Рахмоналиевич, *соискатель кафефды английского языка Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох им. Рудаки. E-mail: bozfeb-05@bk.ru; тел.:985479147.*

About author:

Jurakulov Bozorali Rahmonalievich, *researcher in the Department of English Language of Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. e-mail: bozfeb-05@bk.ru; tel.:985479147.*

МУРОДИФШАВИИ КАЛИМА БО ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Ниҳмонова Р.М.

Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур

Омӯзиши масъалаи муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ аҳамияти илмиву амалӣ дорад. Мубрамияти мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки муносибати маъноии байни калима ва фразеологизмҳо то ҳол мавриди тадқиқи ҷиддӣ қарор нагирифта буд. Дар адабиёти ба мавзӯи лексика ва фразеология бахшидашуда, ба истиснои чанд ишора, дар ин бобат ягон маълумоти мукаммал пайдо нашуд. Дар ин мақола нуқтаи назари забоншиносони тоҷик мавриди баррасӣ қарор мегирад ва дар маҷмӯъ дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ зикр мегардад.

Азбаски фразеологизмҳо як ҳиссаи бобаракати захираи луғавии забонро ташкил медиҳад, аз ҷиҳати ифодаи маъно ба калимаҳо наздик мешаванд. Бинобар ин муродиф шудани онҳоро як ҳолати табиӣ шуморидан мумкин аст, зеро силсилаи муродифҳои луғавӣ бе фразеологизмҳо нотамом мемонад. Чунончи: **мурдан** – *вафот кардан, фавтидан, аз дунё гузаштан, аз олам рафтан, чашм пӯшидан, бандагии Худоро ба ҷо овардан, ҷон додан, ҷон ба ҷонофарин супурдан, аз дорулбақо ба дорулфано реҳлат кардан* ва ғ.

Муҳимияти омӯзиши масъаларо боз он далел ҳам исбот менамояд, ки ҳангоми шарҳи калима ё фразеологизм дар луғат бар эзоҳи онҳо калима ва воҳиди фразеологии мувофиқ оварда мешавад. Чунончи: *чашм пӯшидан – мурдан*, *аз таҳти дил – самимона*, *бистари касеро тохтан – дуздӣ кардан*, *ба забон наёвардан – нагуфтан*, *аз назар гузаронидан – санҷидан* ва ғ.

Муҳаққиқони тоҷик масъалаҳои лексика ва фразеологияро тадқиқ карда бошанд ҳам, ба муродифшавии калима ва воҳидҳои фразеологӣ ба таври ҷудогона таваҷҷуҳ накардаанд. Доир ба

ин мавзӯъ қайду ишораҳои забоншиносон Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, М. М. Мирзоеваро зикр кардан мумкин аст. Дар забоншиносии рус назариядонони тарҷума Я. И. Ретскер ва А. В. Федоров, забоншиносон В.В. Виноградов, А.М. Бабкин, В.П. Жуков, А.В. Жуков, Р.Н. Попов, В.М.Мокиенко, В.Л. Архангелский, Ю.П. Сологуб, М.И. Сидоренко, Ю. Д. Апресян ва дигарон дар ин мавзӯъ тадқиқот бурдаанд.

Забоншинос Б. Камолиддинов такрори суханро нуқсони ҳусни баён ва балоғати сухан шуморидааст. Ҳамзамон қайд намудааст, ки муродифоти луғавию фразеологӣ майли эҳтирози нависанда аз такрори бемавриди сухан аст. Калима ва воҳиди фразеологиро майли рангинбаёнӣ ва бо роҳҳои гуногуни ифода кардани як мафҳум ба ҳам наздик месозад. Вазифаи муҳимтарини услубии воҳидҳои фразеологӣ дар он аст, ки чун як ҳиссаи сарвати пурбаҳои ганҷи сухан домани имконоти интихоби калимаю ифодаҳои матлубро фарохтар намуда, ба саҳеҳ, пурра ва ҷозибанок ифода кардани матлаб ёрӣ медиҳанд.[3, с.91]

М.Юсуфова синонимикаро чи дар лексика ва чи дар фразеология боиси бойшавии забон медонад ва чунин мешуморад, ки фразеологизмҳо, аз як тараф, муродифи ин ё он калима бошанд, аз тарафи дигар, синоними фразеологизмҳое низ ҳастанд, ки аз ҷиҳати маъно бо ҳам наздиканд .[19, с.159-160].

Забоншинос М. Муҳаммадиев дар асараш «Синонимҳо дар забони адабии тоҷик» синонимияро яке аз воситаҳои гуногуни ифода, таъсирнок ва батафсил баён кардани фикр дониста, онҳоро аз ҷиҳати хусусият ва аҳамиятнокиашон чунин тавсиф намудааст:

1.Синонимҳо ҳамчун категорияҳои лексикӣ яке аз манбаъҳои бойкунандаи забон ва пеш аз ҳама, таркиби луғавии он мебошанд.

2. Синонимҳо яке аз беҳтарин воситаҳои баёни тобишҳои маънои мафҳум, ҳолат ва рӯҳияи шахс, предмет, ҳодисаву воқеа ва сифату ҳаракат мебошанд.

3.Синонимҳо барои аз такрори калима худдорӣ кардани гӯянда ва нависанда, бо мақсади шаклҳои гуногуни ифодаҳои дар забон бударо истеъмол кардан ва ба ин восита, саҳеҳӣ, равшанӣ ва қувваи бадеӣ гуфтаи худро таъмин намудан истеъмол мешаванд .[5, с. 27- 28]

Нуқтаи назари забоншинос бори дигар исбот менамояд, ки муродифот дар кадом сатҳ набошад, яке аз воситаҳои муассири баён ба шумор меравад ва доираи ифодаи фикрро васеъ мегардонад.

Забоншинос Ҳ. Маҷидов оид ба мавқеъ ва вазифаи фразеологизмҳо ва воҳидҳои луғавӣ дар матн чунин ишора кардааст:

«Воҳидҳои фразеологӣ бо ифодаи маъно, мавқеи истеъмол ва вазифаҳои синтаксисӣ ба калимаҳо наздик бошанд ҳам, ба сохти таркибии худ аз онҳо фарқ карда таркиб, ибора ва ҷумлаҳои озодро ба хотир меоранд. Онҳо дар заминаи таркиб, ибора ва ҷумлаҳои одии синтаксисӣ ба вуҷуд меоянд. Дар протсесси тараққиёти тадриҷӣ ба дараҷае рехтаву устувор мегарданд, ки бисёре аз онҳоро аз калимаҳои одӣ фарқ намудан душвор аст. Бо вуҷуди ин воҳидҳои фразеологии забонро ба калимаҳо ва ибораву ифодаҳои дигари синтаксисӣ омехта кардан мумкин нест. Онҳо ҳамчун воҳидҳои мустақили забон ба як қатор хусусиятҳои муҳими маъноӣ ва структурӣ соҳибанд. Ба гурӯҳи хусусиятҳои муҳиму фарққунандаи воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, ифодаи маънои яклухти ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда, устувории таркиби лексикӣ, аз байн рафтани алоқаҳои зиндаи синтаксисии ҷузъҳои таркибӣ ва ё то андозае хира шудани ин алоқаҳо ва тамоюли умумихалқии онҳо дохил мешаванд.[4, с.117]

Ба ин нуқтаи назар забоншинос Ю.Ю.Авалиани низ ҳамфикр шуда менависад: «Калима ва воҳидҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, воҳиди забон буда, ба сатҳ ва ё доираи гуногуни системаи забон таллуқ доранд.[2, с. 6]

Азбаски муродифот мавзӯи марказии услубшиносӣ ба ҳисоб меравад, профессор Б. Камолиддинов яке аз хусусиятҳои фразеологизмҳои ҳаммаъноро аз нуқтаи назари услубӣ чунин шарҳ додаанд:

«Муҳимтарин хусусияти воҳидҳои фразеологӣ он аст, ки ба мисли ибора ва ҷумлаҳои синтаксисӣ дар ҷараёни нутқ ташкил намеёбанд, балки чун воситаи тайёри забонӣ дар қолиби рехтаи маъмул истифода мешаванд. Воҳидҳои фразеологӣ аксар муодили образноки калимаҳои алоҳидаанд. Забони тоҷикӣ, ки яке аз забонҳои пурсарват ва қадими дунёст, аз ин «гули

эҷодиёти халқ» моломол аст. Муродифҳои фразеологӣ баъзан паиҳам истифода мешаванд, ки дар натиҷа маънии ифодашаванда таъкид ёфта, таъсири сухан меафзояд» [3, с.80-82].

Чунон ки маълум аст, яке аз роҳҳои сермаҳсули ба вуҷуд омадани муродифот дар забон полисемия ба шумор меравад. Оид ба ин мавзӯъ Ҳ. Маҷидов чунин ишора намудааст: «Бояд қайд кард, ки сермаъноии воҳидҳои фразеологӣ бо ҳар як тобиши маъноии худ ба муродифоти лексикӣ-фразеологии алоҳида, ки имконоти фаровони истифода доранд, дохил мешаванд. Мисол, воҳиди фразеологии *чашм пӯшидан* таввасути маънои аслиаш «хоб кардан» бо чунин ибора ва воҳидҳои луғавӣ *дароз кашидан, ба хоб рафтан, хоб кардан, хуфтан* ва ғ. алоқаи муродифӣ пайдо мекунад.» (9, 110) Дар забони ҳозираи тоҷик, хусусан дар насри С. Айнӣ чунин мисолҳоро мушоҳида кардан мумкин аст. Мисол: *фарзанд // нури чашм, туҳфа // барги сабз, ошиқ шудан // дил бохтан, булбули шайдо шудан* ва ғ. Чунон ки мебинем, фразеологизмҳо аз муродифоти лексикии худ бо обуранги услубӣ ва пуробурангӣ фарқ менамоянд. Бояд гуфт, ки чунин муносибати синонимӣ байни фразеологизмҳо низ ба вуҷуд меояд, ки ба услуби илмӣ ва расмию гуфтугӯйӣ тааллуқ доранд. Мисол: *Парвин, Сурайё // иқди Сурайё, тиллои сафед* ва ғ.

Ю.Д.Апресян ташаккули маъноҳои маҷозӣ ва фразеологиро дар калима яке аз роҳҳои ба вуҷуд омадани муродифоти пурраи маъноӣ дониста, қайд мекунад ки чи алоқаҳои маъноии маҷозӣ ва чи фразеологӣ аз ҷиҳати сохти таркибӣ нисбат ба ибораҳои озод мустаҳкамтар буда, фикрро пуробуранг ифода менамоянд».

Дар қатори сермаъноии калимаҳо боз як қисмати муҳими таркиби луғавии забонро синонимҳо ташкил медиҳанд, ки аз ҷиҳати тобиши маъно бо ҳам монанд буда, шаклан фарқ менамоянд [7, с. 63]

Оид ба синонимшавии калима бо фразеологизмҳо ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Аз ҷумла Молотков А.И. чунин мешуморад, ки калима ва фразеологизмҳо чун воҳидҳои системаи забон бо ҳам муродиф шуда наметавонанд ва синонимшавии маънои луғавии онҳо номумкин аст**.** Фразеологизм ва калима аз рӯйи қоида аз ҷиҳати маънои луғавӣ муродиф шуда наметавонанд, ки сабабаш дорои табиати гуногун будани онҳост .[12, с. 31]

Калима бо фразеологизмҳо муродиф шавад ҳам, аз ҷиҳати тобиши маъно аз ҳам фарқ мекунад. Калимаҳо маъноро хушк ва одӣ, воҳидҳои фразеологӣ ҷаззоб, таъсирнок ва пуробуранг ифода менамоянд.

Шанский Н.М. ва Быстрова Е.А. далели ҷой доштани синонимшавии калима бо фразеологизмҳоро дар мавҷудияти воқеии системаи ягонаи забон медонанд. [18, с.110-117]

Дар хусуси муносибати маъноии калима ва воҳидҳои фразеологӣ дар «Назарияи тарҷума ва шуғли тарҷумонӣ»-и Я.И. Ретскер вобаста ба синонимшавии калима ва воҳидҳои фразеологӣ ва ҷойивазкунии онҳо дар матн чунин ишора гардидааст: «…воҳидҳои фразеологӣ аз муродифоти луғавии худ бо обуранги услубӣ ва эҳсосотӣ фарқ мекунанд» [15, с.156]

Мавриди қайд аст, ки воҳидҳои фразеологӣ аз муродифоти луғавии хеш бо образнокӣ ва таъсирбахш будан фарқ менамоянд, зеро қисме аз ин фразеологизмҳо дар асоси воситаҳои таъсирбахш ба вуҷуд омадаанд.

А. В. Федоров дар «Асосҳои назарияи умумии тарҷума» дараҷаи мутобиқшавии муродифоти калима бо воҳидҳои фразеологиро дар матн махсус ишора менамояд: «Муродифшавии пурраи калима бо фразеологизмҳо аз сабаби моҳияти махсус доштани ибораҳои рехта вуҷуд надорад: майдони семантикии муродифоти лексики – фразеологӣ қисман дар таносуби маъноии ашёҳо муайян карда мешавад» [16, с.93-106.]

Забоншинос Ҳ. Маҷидов дар дастури таълимиаш – «Забони адабии муосири тоҷик (Ҷилди 1. Луғатшиносӣ)» фарқ кардани муродифоти сатҳҳои гуногуни забонро аз ҳамдигар қайд намуда, муродифҳои луғавиро бо мисолҳои фаровон шарҳу эзоҳ додааст. Инчунин омӯхта нашудани синонимҳои воҳидҳои гуногуни нутқро махсусан зикр кардааст: «Синонимия ва ё муродифот ҳамчун ҳодисаи семантикӣ ба маънои васеи худ ҳаммаъноии воҳидҳои сатҳҳои гуногуни забонро ифода мекунад: калима бо калима, калима бо таркиб ва ибора (аз он ҷумла бо воҳидҳои фразеологӣ), ибора бо ҷумлаҳои сода. Дар асоси ин муносибатҳо синонимияи лексикӣ, фразеологӣ, морфологӣ ва синтаксисиро ҷудо менамоянд. Ин ҳодисаҳо дар сатҳҳои гуногуни забон амал мекунанд ва аз ҳамин гуна ҳодисаи сатҳи дигар тафовут доранд. [1, с.226]

Қайд кардан лозим аст, ки дар забоншиносии тоҷик баъзе масъалаҳои синонимияи лексикӣ (М.Муҳаммадиев), синтаксисӣ (Б. Камолиддинов) ва фразеологӣ (Ҳ. Маҷидов) омӯхта шудаанд, аммо хусусиятҳои фарққунанда, гурӯҳбандӣ, тафовут ва умумияти синонимҳо аз вариантнокӣ, синонимияи воҳидҳои нутқ ва амсоли инҳо таҳқиқ нашудаанд.

Худи мафҳуми *синонимҳои луғавиро* муаллифи мазкур чунин тавсиф менамояд: «…ду ва зиёда калимаҳои бо яке аз маъноҳои луғавии худ ба ҳам наздик ва гоҳо баробар, ки мансуби як гурӯҳи лексикиву грамматикӣ буда, аз ҳам бо тобишҳои дигари маъноӣ, мавридҳои истеъмол ва рангубори мухталифи эҳсосотии худ фарқ мекунанд, бояд **муродиф, ё синонимҳои луғавӣ** номида шаванд» [7, с.76].

Воҳидҳои луғавӣ, фразеологӣ, морфологӣ (унсурҳои шаклсозу калимасоз) ва синтаксисӣ байни ҳамдигар муносибати муродифӣ зоҳир намуда, ба ҳосил шудани қолабҳои мухталифи ифодаи фикр замина фароҳам меоваранд. Профессор Ҳ. Маҷидов дар яке аз мақолаҳояш «Фасоҳати сухан ва санъати интихоби маънои дақиқ» ба ин нукта ишора карда мегӯяд: «Меъёри фасоҳати сухан бо системаи маъноии забон, хосатан категорияҳои сермаъноӣ, муродифот ва мутазодоти он алоқамандии бевосита дорад. Дар назар бояд дошт, ки ин категорияҳо, ҳарчанд ки дар сатҳҳои мухталифи забон зоҳир шуда метавонанд, яъне на фақат воҳидҳои луғавӣ сермаъно гардида, муродиф ва мутазодҳо доранд, ҳамчунин воҳидҳои фразеологӣ, калимасоз, морфологӣ ва синтаксисӣ низ ин категорияҳоро дошта метавонанд, лекин амали онҳо дар ҳамаи ин воҳидҳову сатҳҳои онҳо якранг нест» [9, с. 104]

Дар «Курси лексионии забони адабии ҳозираи тоҷик», ки мураттибонаш О. Маҳмадҷонов ва С. Рачабова мебошанд, дар радифи дигар масъалаҳои лексика доир ба синонимҳо, сарчашмаҳои пайдоиш, дарачаи омӯхта шудан, хусусиятҳои онҳо маълумот дода, онҳоро ба 8 гурӯҳ тасниф намудаанд. Муаллифон ҳангоми таҳлили мисолҳо муродифҳои сатҳҳои гуногуни забон, аз ҷумла фразеологизмҳо ва калима, таваҷҷуҳ кардаанд. Масалан: *умедвор – чашм дар роҳ, гурусна мондан – шикам дутор менавозад, ниҳоят бисёр – саг намехӯрад* ва ғайраҳо .[8, 35-47]

Забоншинос Б. Камолиддинов дар дастури таълимии «Услубшиносӣ» зикр менамояд, ки яке аз вазифаҳои услубии воҳидҳои фразеологӣ бо калима муродиф шудани онҳост. [4, с.51].

Одатан чунин хусусият ба идиомаҳо хос аст, зеро онҳо аз ҷиҳати ифодаи маъно ба калимаҳо наздикӣ доранд.

Синонимҳо яке аз нишондиҳандаҳои пуробурангӣ, ғановат ва таърихӣ будани забонро нишон медиҳанд. Аз ҷиҳати тобиши маъно ва обуранги услубӣ муродифҳо дар забон як қатор вазифаҳоро иҷро менамоянд: 1) тавассути синонимҳо мақсад аниқ ва равшан баён карда мешавад; 2) аз ҷиҳати фонетикӣ нутқро гуногунранг месозанд;3) рангинбаёнӣ ва муассирии нутқи гуфтугӯйӣ ва хаттиро таъмин месозанд. [12, с.32]

Забоншинос М.М Мирзоева дар монографияаш «Муродифоти луғавӣ ва фразеологии насри бадеии С. Айнӣ» як фаслро ба мавзӯи мазкур бахшида, аз осори нависанда С. Айнӣ мисоли фаровонеро мавриди таҳлил қарор додаст. Забоншинос қайд намудааст, ки «воҳидҳои фразеологӣ бо калимаҳо муродиф шуда, маънои умумӣ ва ё маънои наздики онҳоро ифода менамоянд, лекин онҳоро муродифи пурра шуморидан лозим нест. Калимаҳое, ки бо воҳидҳои фразеологӣ синониманд, ҳамеша онҳоро иваз карда метавонанд, лекин воҳидҳои фразеологӣ чунин имкониятро доро нестанд. Одатан воҳидҳои фразеологӣ барои гурез аз такрор истифода мешаванд, лекин дар асарҳои бадеии С.Айнӣ барои ҷозибанок, пуртаъсир ва пурра тасвир намудани ҳолати рӯҳии қаҳрамон ва ҳодисаву воқеаҳо, истифода шудаанд. С. Айнӣ муродифи воҳидҳои фразеологиеро истифода мебарад, ки аз ҷиҳати таркиби луғавӣ якхела нестанд. Агар дар як гурӯҳ муродифи луғавӣ мавҷуд бошад, дар гурӯҳи дигар воҳидҳои фразеологии аз ҷиҳати таркиби луғавӣ гуногун синоним шуда меоянд»[13, с. 300].

Бояд қайд кард, ки фразеологизмҳо аз ҷиҳати сохт ва шакл нисбати калимаҳо мураккабтар буда, аз ҷиҳати обуранги услубӣ ва рехтагии таркибашон фарқ менамоянд.

Аз мушоҳидаҳои муҳаққиқон маълум мешавад, ки на ҳамаи фразеологизмҳо муродифи луғавӣ доранд. Танҳо ҳамон воҳидҳои фразеологие бо калимаҳо муродиф мешаванд, ки аз ҷиҳати маъно бо воҳидҳои луғавӣ баробар буда, ҳамаи компонентҳои таркиби он маънои маҷозӣ дошта бошанд. Ба ин гурӯҳ бештар идиомаҳо дохил мешаванд, ки «аз ҷиҳати маъно воҳидҳои

фразеологии махсуси забон ба шумор рафта, таркибан аз ҳам ҷудонашаванда будан ва дар айни ҳол доимӣ будани компоненти таркибии ин ибораҳо хусусияти асосии онҳо мебошад, ки бо ин аломаташон бо калимаҳо наздик ҳастанд...» [11, с.29] Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи идиомаҳо он аст, ки онҳо ба дигар забонҳо тарҷума намешаванд. Идиомаҳо чун дигар воҳидҳои забон манбаъҳои тайёри системаи забон ба шумор рафта, бо рехтагии таркиби худ як матлаби пурраро ифода менамоянд. Мисол, ***ҳар чи бодо бод***, ***гӯш ба қимор***, ***арақи ҷабин рехтан, пӯстаки касеро афшондан***, ***чашми касе кушода шуд***, ***майнаро об кардан*** ва ғ. ба идиомаҳо дохил мешаванд.

Бояд қайд кард, ки ҳарчанд калима бо воҳидҳои фразеологӣ синоним шаванд, ҳам ҳар яки он воҳидҳои алоҳидаи системаи забон буда, аз ҷиҳати обуранги услубӣ ва шакл фразеологизмҳо аз воҳидҳои луғавӣ фарқ менамоянд.

Омӯхта шудани синонимҳо баъзе хусусиятҳои дохилии инкишофи таркиби луғавии забонамонро равшан мекунад, зеро синонимҳо пеш ҳама, системаи муайян ва алоқаманди калима ва таркибҳое мебошанд, ки дар забон ба амал омада, дар муддати мавҷудияти таърихии халқ ҷараён мекунанд ва дар асоси қонунҳои ба худ хос амалиёт мегузаронад [6, с. 20]

Баъд аз омӯзиши нуқтаи назари олимон оид ба мавзӯи мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар ҳақиқат, муродифшавии калима ва воҳидҳои фразеологӣ норасоии забон набуда, яке аз роҳҳои ифодаи фикр аст. Дар қатори синонимшавии воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ байни якдигар, муродиф гардидани калима бо фразеологизм яке аз муҳимтарин намудҳои муносибати муродифӣ дар системаи ягонаи лексикӣ – фразеологии забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Байни калима ва воҳиди фразеологӣ алоқаҳои маъноӣ, шаклӣ, услубӣ дида мешавад, ки омӯзиши ин ҷанбаҳо боз як паҳлуи норавшани забони тоҷикиро равшан менамояд. Бинобар ин тадқиқи ҷиддии муродифоти калима бо фразеологизмҳо мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Апресян, Ю.Д. Лексическая семантика. Синонимические средства языка / Ю.Д.Апресян. – М.:Наука, 1974. – С. 226.
2. Авалиани, Ю.Ю. Слова и фразеологизм в иранских языках / Ю.Ю. Авалиани // В кн.: Вопросы фразеологии, Ш: Труды Самаркандского гос.- ун-та, 1970, Новая серия, вып.178. – С.6.
3. Ғаффоров., Р. Услубшиносӣ/ С. Хошимов, Б. Камолиддинов. Китоби дарсӣ /Душанбе: «Маориф», 1995.
4. Камолиддинов, Б. Ҳусни баён / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1989. – С.117.
5. Камолиддинов, Б. Услубшиносӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1973.-51с.
6. Муҳаммадиев, М. Синонимҳо дар забони адабии тоҷик / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Университети давлатии Тоҷикистон, 1962. – С. 27-28.
7. Маҷидов Ҳ. Ибораҳои фразеологии феълӣ / Ҳ. Маҷидов // «Мактаби советӣ», 1967, №10.
8. Маҷидов, Ҳ Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология: китоби дарсӣ. /Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. – Қ.1. – С. 75.
9. Маджидов, Х Система современного таджикского языка: его закономерности и функционирование / Х. Маджидов // Известия АН.Республика Таджикистан. – Душанбе, 2012. – № 4.
10. Маджидов, Х. Фразеология современного таджикского языка / Х. Маджидов. - Душанбе, 1982. – С .29.
11. Махмаджонов, О. Лекционный курс современного таджикского литературного языка / О. Махмаджонов, С Раджабова. – Душанбе: Деваштич, 2008.
12. Молотков, А.И. Лексическое значение фразеологизма. Проблемы устойчивости и вариантности фразеологических единиц / А.И. Молотков // Материалы межвузовского симпозиума. Ноябрь 1968. – Тула, 1968. – С. 316.
13. Мирзоева, М.М. Лексическая и фразеологическая синонимия в художественных произведениях С.Айни / М.М. Мирзоева. – Душанбе, 2017. – С. 300.
14. Палевская, М.Ф. Синонимы в русском языке / М.Ф. Палевская. – М.: Просвещение, 1964. – С. 126.
15. Рецкер, А.Я. Теория перевода и переводческая практика / А.Я. Рецкер. – М.:Наука, 1974 . – 451 с.
16. Фёдоров, А.В. Основы общей теории перевода: учебное пособие / А.В. Фёдоров. – М.:Высш. шк., 1983. – 304 с.
17. Фаворин, В.К. Синонимы в русском языке. – Свердловск, 1953. – 68 с.
18. Шанский Н.М. Лексико-фразеологическая система и учебные словари русского языка для национальной школы / Н. М. Шанский, Н.М. Быстрова // Актуальные проблемы учебной лексикографии. – М.: Русский язык, 1977. – С.110- 117.
19. Юсуфова М. Синонимикаи фразеологизмҳо // «Армуғони олимони ҷавон». – Душанбе, 1966.

СИНОНИМИЯ СЛОВА И ФРАЗЕОЛОГИЗМА В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Автор данной статьи анализируем научные труды отечественных и зарубежных учёных посвященные проблеме синонимии слова и фразеологизмов. При этом он считаем, что исследуя лексико-фразеологическую синонимию в современном таджикском языке, необходимо удаленны особое внимание проблеме соотношения фразеологизма и слова, а также соотнесенности фразеологических единиц с частями речи.

Ключевые слова: *синонимия, лексическое значение, фразеологическое значение, стилистическая окраска, фразеологические единицы, степень близости, лексические единицы.*

SYNONYM OF WORDS AND PHRASEOLOGISM IN TAJIKSK LANGUAGE

The author of this article we analyze the scientific works of domestic and foreign scientists devoted to a problem of a synonymy of a word and phrase logical units. At the same time he is considered that investigating a lexicological and phrase logical synonymy in modern Tajik, it is necessary the special attention to a problem of a ratio of a phrase logical unit and a word and also correlation of phrase logical units to parts of speech are removed.

Keywords*: synonymy, lexical meaning, phraseological meaning, stylistic colour, phraseological units, lexical units, the degree of proximity.*

Сведения об авторе:

Нихмонова Рангина *– ассистент кафедры английского языка Таджикского аграрного университета им. Ш.Шотемура, тел. 915140070. Адрес: Г. Душанбе, Район Шомансур, ул. Айни, 74, кв. 37.*

About the author:

Nihmonova Rangina, *assistant of the Department of English at the Tajik Agrarian University named after Shirinshoh Shohtemur. Phone: 915140070.*

АЪЛОХОН АФСАҲЗОД – МУҲАҚҚИҚИ АҲВОЛУ ОСОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Салимӣ Н.Ю., Солиҳов Ш. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Устоди зиндаёд Аълохон Афсаҳзод аз донишмандони пуркор ва пухтакори адабиётшиносӣ ва ховаршиносии муосири тоҷик буданд. Ба ҳар коре, ки эшон иқдом мекарданд онро бо камоли ҳавсала ва муҳаббати хоси муҳаққиқона ба анҷом мерасониданд. Далели ин гуфтаҳо силсилаи тадқиқотҳои бунёдӣ ва мондагори эшон перомуни аҳволу осори Абдураҳмони Ҷомӣ, Низомии Ганҷавӣ, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва дигарон мебошад. Дар баробари инҳо устод Аълохон Афсаҳзод аз солҳои ҳафтоди садаи ХХ ба таври пайваста ба омӯзиш ва баррасии аҳволу осори Камоли Хуҷандӣ машғул гардиданд, ки натиҷаи ин ковишҳои бобарорашон китоби «Камоли Хуҷандӣ» (1976) мебошад. Баъдан ин муҳақиқи пуркор дар заминаи камолшиносӣ ҷустуҷӯҳои худро идома дода, як қатор рисолаҳо ва мақолаҳои муҳимеро ба нашр расониданд, ки «Хуҷандиям», «Ҷомӣ ва Камол», «Камоли Хуҷандӣ», «Устоди ғазал» намунаи равшани онҳост.

Қабл аз он ки дар бораи арзиши илмӣ ва пажӯҳишии осори камолшиносии устод Аълохон Афсаҳзод изҳори назар шавад, мехоҳем таваҷҷӯҳи аҳли назарро ба сабаби ба Камоли Хуҷандӣ рӯй овардани ин муҳаққиқи ҷомишинос ҷалб намоям. Аз рӯи навиштаҳои худи устод ин иқдоми эшон сабаби ҷалибе дорад. Вай дар муқаддимаи китоби «Камоли Хуҷандӣ – устоди ғазал» як ҳодисаи аҷоиберо нақл мекунанд: «Соли 1972 банда котиби ташкилоти ҳизбии шӯъбаи шарқшиносӣ ва осори хаттии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон будам. Дидам, ки китоби бисёрҷилдаи «Адабиёти форсу тоҷик», ки чанд сол қабл бо қувваи донишмандони зиёди Душанбе, Москав ва Ленинград таълиф шуда буд, беҳаракат хобидааст. Дар ин хусус борҳо бо ҳамонвақта мудири шӯъбаи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи илмҳо профессор Р. Ҳ. Ҳодизода сӯҳбат кардам, аммо кор ҳамоно кашол ёфта, ҳеҷ натиҷае ба даст намеомад. Ниҳоят дар охири моҳи июн ва аввалҳои моҳи июли ҳамон сол ҳисоботи Р. Ҳ. Ҳодизода роҷеъ ба ҳамин масъала дар маҷлиси ҳизбӣ гузошта шуд. Маълум гардид, ки китоби «Адабиёти форсу тоҷик» мувофиқи нақша аз чанд ҷилд иборат шуда, ҳамчун давоми асари Е. Э. Бертелс «Таърихи адабиёти форсу тоҷик», ки қаблан дар Москав соли 1960… ба табъ расида буд, таърихи мураттаби адабиёти форсу тоҷикро аз замонҳои қадим то имрӯз фаро бояд гирад»[1, 3]. Дар ин ҷаласа ки ёд шуд муҳтаво ва бахшҳои китоби мазкур ба таври муфассал баррасӣ мешавад. Устод А. Афсаҳзод дар идомаи нақлашон таъкид менамоянд, ки китоби якуми ин асари бунёдю фарогир «Адабиёти форси тоҷикии асрҳои XII- XIV» буд. Вале Умари Хайём ба он ворид нашуда буд. Баъдан менависанд: «Аммо китоби дуввуми он тайёр нест: бобҳои «Ҳофизи Шерозӣ» ва «Камоли Хуҷандӣ»-ро касе нанавиштааст»[1, 3]. мувофиқи маълумоти овардаи устод А. Афсаҳзод боби «Ҳофизи Шерозӣ»-ро бояд И.С. Брагинский менавиштааст ва баъдан китоб ба чоп супорида мешудааст. Дар ҳамин ҷаласа чунон ки муаллиф ишора менамояд масъалаи аз ин китоби муҳиму бунёдии «Таърихи адабиёти форси тоҷикӣ» берун мондани ду шоири бузурги адабиёти тоҷик Умари Хайём ва Камоли Хуҷандӣ ӯро ором намегузорад. Эшон илати чунин ранг гирифтани корро аз устод Ҳодизода пурсон мешаванд: «Ба саволи он ки бобҳои «Умари Хайём» ва «Камоли Хуҷандӣ»-ро кӣ менависад, он касс ҷавоб доданд, ки Умари Хайём ва Камоли Хуҷандиро ба таърихи адабиёт дохил кардан шарт нест, зеро Умари Хайём шоир набудасту нест, Камоли Хуҷандӣ дар адабиёт нақше нагузошта фақат чун сояи Ҳофизи Шерозӣ шинохта шудаасту бас». Ин «ақидаи» олими шинохта маро ба ҳайрат гузошт. Савол боз ҳам такрор шуд, ҷавоб низ ҳамон буд»[1, 3]. Устод А. Афсаҳзод таъкид менамонд, ки «дар ин маврид гапи ману устод Р. Ҳодизода гурехт». Бо вуҷуди ин баҳсу талошҳо дар ҳамон маҷлис қарор карда мешавад, ки бобҳои камбуди ин китоб ба зуди буд карда шаванд ва онро то моҳи ноябри ҳамон сол ба чоп супоранд.

Тибқи навиштаи устод А. Афсаҳзод таълифи боби «Камоли Хуҷандӣ» ба дӯши профессор Ш. Ҳусейнзода вогузор шуда будааст ва бо кадом сабабе, ки кор ба анҷом нарасида мондаст. А. Афсаҳзод бо вуҷуди ҷавонию камтаҷрибагиаш ва мутахассиси соҳаи мантшиносӣ будан ҷуръат

карда вазифаи таълифи боби «Камоли Хуҷандӣ»-ро ба ӯҳда мегиранд: «Азбаски ман аз муаллим Р. Ҳодизода ҷавонтару камтаҷриба будам ва бар замми ин касбам матншиносӣ буда ба таълифи таърихи адабиёт сару коре надоштам, он кас назарногирона гуфтанд «Агар боби «Камол» бароятон бисёр зарур бошад, худатон нависед». Ман ҳам паст наомада гуфтам: «Ҳеҷ гап не, набошад, боби «Камол»-ро ман менависам, Шумо боби «Умари Хайём»-ро нависед: «Ин матлаб дар қарори маҷлиси ҳизбӣ зикр гардид»[1, 5]. Ана аз ҳамин ҷаласа фаъолияти камолшиносии устод А. Афсаҳзод оғоз мегардад. Эшон нақл мекунад, ки баъд аз чанд рӯзи ҳамин ҷаласа ман ба рухсати баромадам ва Девони Камоли Хуҷандиро, ки Азизи Давлатободӣ таҳия намуда буд, бо худ гирифта ба дараи Сармад, ки аз мавзеъҳои хеле зебою хушманзараи ноҳияи Панҷакент аст, рафтам. «Дар лаби рӯди хушрӯшону чашмаҳои ҷушони сарду нуқрафом ва шохобҳои зулол танҳо дар паҳнои он ҷаҳони беохир нишаста ба мутолиа ва баррасии девони Камол машғул шудам…Ҳамсӯҳбати асосӣ, анису ҷалис ва мубоҳисам дар он макони ҷаннатосо Камоли Хуҷандӣ буд[5, 5]. Муҳаққиқи тавоно дар як фосилаи кутоҳ боби «Камоли Хуҷандӣ»-ро навишта ба дасти устод Р. Ҳодизода медиҳад ва ин китоб соли 1976 аз чоп мебарояд.

Устод А. Афсаҳзод иқрор мешаванд, ки баъди мутолиаи китоби мазкур «дӯстонам маслиҳат доданд, ки боби Камолро такмил намуда дар шакли рисолаи алоҳида ба чоп расонам. Эшон ҷустуҷӯҳои илмию пажӯҳишиашонро дар мавриди аҳволу осори Камоли Хуҷанди идома дода, ба ифтихори 655 - солагии шоир рисолаи комилтареро барои чоп омода месозанд. Бо сабабҳои гуногун ин рисола бо андаке таъхир соли 1976 ба чоп мерасад. Вале чунон ки муаллиф менависад аз ин иқдоми ӯ устод Ш. Ҳусейнзода изҳори норозигӣ менамоянд, ки «чаро эшон ба тадқиқи Камоли Хуҷандӣ даст мезананд»[1, 5]. Сарфи назар аз ҳамаи ин мушкиливу монеаҳои айнию зеҳнӣ устод А. Афсаҳзод то охири умр камолшиносиро пешаи асосии худ меҳисобиданд. Натиҷаи ҷолиби таваҷҷӯҳи ковишҳои ин донишманди пуркору покизакор мақолаҳои «Камоли Хуҷандӣ» дар «Энсиклопедияи советии тоҷик», «Эенсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» боби Камол дар китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 8, мақолаҳои арзишманди «Абдураҳмони Ҷомӣ ва Камоли Хуҷандӣ», «Камол ва Ҳофиз» ва ғайра мебошад.

Қиссаи дигари ҷолиб дар масири камолшиносии устод А. Афсаҳзод қазияи ба чоп омода кардани девони Камоли Хуҷандӣ аст. Эшон таъкид менамоянд, ки ҳамаи пажӯҳишҳо ва рисолаю мақолаҳое, ки перомуни рӯзгору осори Камол навишта будем барои ба пуррагӣ шиносонидани чеҳраи шахсию эҷодии Хоҷа Камол, бидуни таҳияи матни комилу камғалати девони ӯ, нокифоя буд. Эшон ба хотири бароварда кардани ҳамин ниёзи илмӣ вазифаи таҳияи матни комили девони шоирро ба яке аз шогирдонашон Алии Муҳаммадӣ месупоранд ва хоҳиш менамоянд, ки рисолаи номзадиашро ҳам доир ба вижагиҳои шеъри Камол нависад: Идомаи ин қиссаро устод А. Афсаҳзод чунин нақл мекунад: «Боз ба устод Ҳусейнзода ин қазияро ҳам «хабар доданд». Он кас бонги хатар зада назди муаллим Осимӣ М.С., ки Президенти АФ РСС Тоҷикстон буданд рафта шикояту арз оварданд, ки А. Афсаҳзод ба корҳои он кас халал мерасонад». Устод М. Осимӣ А.Афсаҳзодро даъват намуда, хоҳиш менамоянд, ки дигар ба Камоли Хуҷандӣ ҳеҷ кордор нашаванд». Бояд гуфт ки иқдоми А.Афсаҳзод устодони зиндаёд Ш. Ҳусейнзода ва С. Асадуллоевро водор сохт, ки онҳо солҳои 1983-1985 осори Камолро дар ду ҷилд ба нашр расонанд. Баъдан ҳамин матн солҳои 1986-87 ба ҳуруфи арабӣ низ интишор ёфт. Ҳар дуи ин нашр тибқи ишораҳои камолшиноси маъруф Б.Мақсудов хеле серғалат буд[1, 127-131].

Ин қабил мушкиливу монеаҳои маснӯиро, ки баъдан дар таҳқиқу омӯзиши мероси бузургони гузашта эҷод мешуд устод А. Афсаҳзод маҳқум намуда менависанд: «Ин падидаи номатлуб, ки дар заминаи маҳалгароӣ ба миён омада, ҳоло дар омӯхтану пажӯҳиши мероси фикрии гузаштагон муҳаққиқонро ба ҳамшаҳриву ғайриҳамшаҳрии бузургворони пешин ҷудо мекунанд, аҳли таҳқиқро водор месозад, ки минбаъд қатъан ин навъ кӯшишҳоро маҳқум намуда, корро ба дасти кордонон биспоранд, вагарна оқибаташ хуб намешавад».

Таҷлили ҷашни 675-солагии Камоли Хуҷандиро, ки соли 1996 баргузор гардид, метавон омили дигари таваҷҷӯҳи устод А.Афсаҳзод ба рӯзгору осори ин суханвари бузург шуморанд. Соли 1992 Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори махсусеро барои таҷлили ҷашни 675-солагии Камоли Хуҷандӣ ба тасвиб расонид. Кумитаи ҷашнӣ бо роҳбарии муовини Раиси Шӯрои Вазирон Зебо Аминзода таъсис дода шуд ва мсъулияти дабирии ин ҷашнро ба дӯши

устод А. Афсаҳзод вогузор намуданд. Ба муносибати ин ҷашн муҳаққиқ пеши худ мақсад мегузорад, ки оиди эҷодиёти Камол рисолае таҳти унвони «Камоли Хуҷандӣ-устоди ғазал» нависад. Сарфи назар аз мушкилӣ ва печидагии авзои сиёсию фарҳангии он солҳо А. Афсаҳзод ба ҳайси як ошиқи содиқи каломи шоиронаи Камол корро рӯи ин рисола оғоз менамояд. Вале боз ноомади дигар ба муҳаққиқ пеш меояд. Эшон бар асари бемории қалб дар беиористон бистарӣ мегарданд. «Ба бемористон - менависад муҳаққиқ: Девони Камоли Хуҷандиро ҳамроҳ гирифтам. Як нусхаи мақолаи «Хуҷандиям»-ро, ки дар китоби «Дар сафи бузргон» (1986) ҷойгузин аст, низ ҳамроҳи худ гирифтам. Ба ҳамин минвол рисолаи «Камоли Хуҷандӣ- устоди ғазал» дар асоси ҳамин ду манбаъ ва адабиёте, ки баъдан номбар хоҳад шуд, тасҳеҳу такмил ва таълифу таҳлил гардид. Иншои рисола 21-январи соли 1995 дар бемористон шурӯъ шуда, таҳрири авали он дар моҳи апрели соли 1995 поён пазируфт»[9, 9].

Устод А. Афсаҳзод нақши ин ҷашнро дар рушди камолшиносӣ махсус таъкид намуда, менависад, ки тибқи нақшаи кумитаи тадорукот дар саросари Тоҷикистон бисёр корҳои хайру муҳим дар заминаи омӯзиши аҳволу осори шоир, муаррифии чеҳраи адабию ҳунарии ӯ ва нашру тарғиби ашъораш ба анҷом расид. Ба ин муносибат дар вилояти Ленинобод (имрӯза Суғд) ва махсусан шаҳри Хуҷанд барои қадршиносӣ аз ин шахсияти бузург корҳои шоиста ба анҷом расиданд. Аз ҷумла, рисолаи «Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ» (1994), матни мухтасари девони Камоли Хуҷандӣ ва мақолоту таълифоти зиёди дигаре ба нашр расиданд. Дар он давра танҳо ба хотири нокомилии марокизи пажӯҳиши устод А.Афсаҳзод рисолаи «Камоли Хуҷандӣ-устоди ғазал»-ро ба чоп надоданд. Эшон ин амали худро чунин шарҳ медиҳанд: «Аммо рисолаи мазкур ба дасти чоп дода нашуд, зеро хостам, ки девонҳои тавсифкардаи Ибни Юсуфи Шерозӣ ва Гулчини Маониро шахсан таҳқиқ намоям». Эшон баъдтар нусхаи девони шоир, ки Эраҷи Гулисурхӣ дар асоси нусхаи муътабар ба нашр расонида буд дастрас намуда, дар заминаи пажӯҳишҳои ин камолшиносӣ маъруф рисоларо тасҳеҳу такмил намуда баъди чандин сол ба нашр расониданд.

Дар китоби мазкур муҳаққиқ дар баробари дар асоси сарчашмаҳои мӯътамад равшанӣ андохтан ба муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагии шоир, ашъори ӯро ҳам аз дидгоҳи ҳунари шоирӣ муфассал баррасӣ намуда ба субут расонид, ки Камол дар ҳунари шоирӣ ҳамвазну ҳампояи аксари шоирони ғазалсарои замонаш, аз ҷумла Саъдиву Ҳафизи Шерозӣ аст. Вай махсус таъкид менамояд, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик Камоли Хуҷандӣ соҳиби мақоми мумтозест, аммо ҳамин имтиёзи ӯ то кунун ба таври бояду шояд бозтоб нашудааст. Ӯ ҳамаи рисолаю мақолаҳои то кунун перомуни аҳволу осори Камол таълифгардида, аз ҷумла рисолаи мазкури худро ҳам дар масири камолшиносӣ дар маҷмӯъ пажӯҳишҳои муқаддамотӣ меҳисобад. Омода сохтани матни илмию интиқодии девони Камол ва дар ин замина таҳияи фарҳанги ашъори шоир аз орзуҳоиву ниятҳои олимонаи устоди зиндаёд А. Афсаҳзод буд. Хушбахтона ин орзуҳои устодро шоир ва муҳаққиқи варзидаву заҳматкаш Абдуҷаббори Суруш бо камоли дилбастагиву муҳаббати бепоён ба шеъри Камоли Хуҷандӣ ба анҷом расонид ва бо ин иқдоми худ орзуи деринаи донишманди мӯътабарро амалӣ сохт. Маҳз натиҷаи ҷустуҷӯю ковишҳо ва пажӯҳишҳои дилбастагону ошиқони шеъри Камол буд, ки имрӯз камолшиносӣ ба ҳайси як самти алоҳидаи илми адабиётшиносии тоҷикӣ ташаккул ва инкишоф меёбад.

АДАБИЁТ

1. Афсаҳзод А. Камоли Хуҷандӣ – устоди ғазал. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 220 с.
2. Мақсудов Б. Нигоҳе ба девони Камоли Хуҷандӣ // Садои Шарқ, 1988, № 11, с. 127-131.
3. Асадуллоев А. Камоли Хуҷандӣ – Хуҷанд: Хуросон, 1996, саҳ 122.
4. Насриддин А Кулиёти осор (дар 7ҷилд), ҷ.2.- Хуҷанд: Хуросон, саҳ 570.
5. Камоли Хуҷандӣ. Девон (таҳияи Аҳмад Каримӣ) Теҳрон; Суруш 1374, с. 7.
6. Камоли Хуҷандӣ. Девон (таҳия ва таҳқиқи А Суруш) – Хуҷанд: Хуросон, 2015, с. 25.
7. Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ – Хуҷанд: Хуросон, 2015 – 736 с. Шоҳмансур (А Суруш) А.

АЛОХОН АФСАХЗОД – ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВА КАМОЛА ХУДЖАНДИ

Таджикский востоковед и ученый текстолог Алохон Афсахзод внес огромный вклад в изучение жизни и творчества Камола Худжанди. Его монографическое исследование «Камоли Худжанди – мастер газели» открыло новую страницу в развитии камоловедения, как самостоятельного направления в таджикском литературоведении. Данная работа, явилась серьёзным шагом в изучении поэтики газелей Камола и его поэтического мастерства.

***Ключевые слова**: таджикский востоковед, текстолог, Камола Худжанди, газель, поэтика, поэтическое мастерство, таджикское литературоведение.*

ALOKHON AFSAKHZOD, THE RESEARCHER OF LIFE AND CREATIVITY WORK OF KAMOL KHUJANDI

Tajik orientalist and scholarly textologist Alohon Afsakhzod made a great contribution to the study of the life and work of Kamol Khujandi. His monographic study "Kamoly Khujandi - master of gazelles" opened a new page in the development of Kamolovedenie, as an independent direction in Tajik literary criticism. This robot, was a serious step in studying the poetics of Kamol's ghazals and his poetic skill..

***Key words:** Tajik orientalist, textologist, Kamola Khujandi, ghazal, poetics, literature skills, Tajik literary criticism.*

Сведения об авторе:

***Салими Носирджон Юсуфзода** - доктор филологических наук, профессор, академик АН РТ, ректор ТГПУ им. С. Айни*

***Солехов Шамсиддин Аслиддинович,** доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы ТГПУ им. С. Айни, e-mail: soleh59@mail.ru*

About the authors:

***Salimi Nosirjon Yusufzoda** - doctor of philological sciences, professor, academician of Academy of Sciences of the RT, rector of the TSPU named after S. Ayni*

***Solehov Shamsiddin Asliddinovich,** Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and History of Literature of the TSPU. S. Ayni, E-mail: soleh59@mail.ru*

АДАВОТИ ШЕЪР ВА МУҚАДДАМОТИ ШОИРӢ

(*аз нигоҳи Шамси Қайси Розӣ*)

Умриддин Юсуфов

Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи А. Рӯдакӣ

«Ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъори-л-Аҷам»-и Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ дар таърихи адабиёти порсии тоҷикӣ севумин ва ба навбаи худ муҳимтарин китоби балоғат дар заминаи шинохти фунуни салоса (арӯз, қофия ва нақду-ш-шеър) ва бахше аз воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад, ки нисбат ба осори пешиниён дар ниҳояти камол таълиф шудааст. Онро худи муаллиф «дар ин фан ҷомеътар аз ин насохтаанд ва дар ин ин навъ муфидтар аз ин ҷамъ насохта» [3, 23], Абдуқаҳҳор ибни Исҳоқ мутахаллис ба Шариф соҳиби «Лисону-л-қалам» «китобест дар ғояти лутфу покӣ ва ороста ба анвои фавоид» [1, 2], Абдулҳусайни Зарринкӯб «дар ҳамаи фунуни шеър аз арӯзу қофия ва бадеъ ва нақди шеър, ки дар забони порсӣ то он ғоят ва ҳатто то кунун чунон китобе аз ҳайси ҷомеият ва диққат [таълиф-У.Ю.] накардааанд»[2, 417], Абдунабӣ Сатторзода «яке аз пурқимматтарин асарҳои назарӣ дар илми адабиётшиносии тоҷик» [4, 69] тавсиф кардаанд. Ин, аз як сӯ, нишон медиҳад, ки фанни балоғати порсии тоҷикӣ аз марҳалаи таъсис ва шаклгирӣ ба раванди тозаи таквину тадвини фунуни балоғӣ ворид гардида, аз сӯи дигар, ҳамчун сарчашмаи муътабари балоғат шинохта шуд, ки то он замон дар адабиёти порсӣ собиқа надошт. Зеро дар асри XIII дар баробари «ал-Муъҷам фӣ маъойири ашъори-л-Аҷам»-и Шамси Қайси Розӣ инчунин тазкираи «Лубобу-л-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, рисолаҳои «Меъёру-л-ашъор» ва «Асосу-л-иқтибос»-и Хоҷа Насираддини Тӯсӣ ба вуҷуд омаданд, ки «афкори адабӣ ва эстетикии асрҳои миёнаи форсии тоҷикӣ дар ин қарн нисбат ба

гузашта қадами қатъие пеш гузошта, хеле такомул ёфт ва ба гузоштани масъалаҳои муҳимми назарӣ ҷуръат намуд» [4, 85].

Муаллиф қисми хотимаи китоби худро “фотиҳаи ҳақиқати илм ва воситаи иқд (гавҳарҳо)-и ин синоат” номида, дар он дидгоҳҳои адабӣ ва назариёти бадеии худро баён намудааст. Ӯ хотимаро, -менависад Уилям Смит, - ба маводе ихтисос медиҳад, ки фаротар аз тарҳи ғайри қобили инъитоф ва мавзӯоти аслии матни китоб аст [5, 161]. Ба андешаи мо, ин бахшро ба ҷуръат “адавоти шеър ва муқаддамоти шоирӣ” метавон номзад кард, ба ин далел, ки он нақши як навъ дастури ҳунари шоириро дорад. Бояд гуфт, ки ин бахши рисола ба баъзе нуктаҳои “Қобуснома”-и Унсуралмаолии Кайковус ва “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ шабеҳ аст.

Фасли панҷуми боби дувумро, ки ба мавзӯи тағйири алфоз аз манҳаҷҷи савоб ва хатоҳои маънавӣ бахшида шудааст, низ метавон ба ҷуръат ба бахши нақди адабии Шамси Қайс дохил кард. Бояд гуфт, ки аксари ин гуна нақдҳо дар кутуби балоғии арабӣ, аз ҷумла муқаддимаи “аш-Шеър ва-ш-шуаро” - и Ибни Қутайба ад-Динаварӣ, “ас-Синоатайн”-и Абӯҳилоли Аскарӣ, “ал-Умда”-и Ибни Рашиқ вуҷуд доштанд, ки Шамси Қайс аз онҳо истифода бурдааст.

Шеър дар баробари моҳият (модда) ва вуҷӯҳ (сурат), инчунин адавот дорад. Бинобар фармудаи Шамси Қайс: “Бидон, ки шеърро адавотест ва шоириро муқаддамотест, ки бе он ҳеч касро лақаби шоирӣ намезебад ва бар ҳеч шеър номи нек дуруст наёяд” [3, 443].

Ин адавот бо моҳият (маъно) ва сурат (лафз) таҷзия шуда, ба эҷоди шеър замина мегузорад. Маҷмӯи ин адавот дар дидгоҳи адабии Шамси Қайс аз чаҳор қисм: а) калимоти саҳеҳ, б) алфози азб, в) ибороти балеғ ва г) маонии латиф таркиб ёфта, онро “чун дар қолаби авзони мақбул резанд ва дар силки абёти матбӯъ кашанд, шеъри нек хонанд ва тамоми санъат ҷуз ба истикмоли олот ва адавоти он даст надиҳад” [3, 444]. Бар ин мабнӣ, ин адавот барои шеър аз аҳамияти вижа бархурдор буда, Шамси Қайс онро ба аъзои шахс шабоҳат додааст: “ва камоли шахс бе саломати аъзо ва абъози он сурат набандад”.

“Муқаддамоти шоирӣ” дар назариёти бадеӣ ва зебошинохтии Шамси Қайс аз мақулотест, ки шартҳои махсуси худро дорад, ки муҳимтарини онҳо ба қарори зайланд:

– вуқуфи шахс аз муфрадоти луғате, ки бар он шеър хоҳад гуфт;

– интихоби ақсоми таркиботи саҳеҳ ва пешгирӣ аз алфози фосид ва нодуруст;

– шинохти роҳу равиш ва сабку сиёқи калом дар таъсиси мабонии шеър ва сулуки маноҳиҷи назм (ба истилоҳи имрӯза мактабҳои адабӣ, ҷараёнҳои фикрӣ, сабкшиносӣ ва ҷараёншиносии шеър);

– пайравӣ аз суннату тариқати шоирон дар хусуси ситоиш ва сифоту дараҷоти мухотабот ва омӯхтани фунуни таъризот, лавозими тасреҳот, қавонини ташбеҳот, анвои таҷнисот, қавоиди мутобиқот, муғолатот, вуҷӯҳи муҷозот, истиорот ва соири маснӯоти калом;

– корбасти амсолу ҳикам дар мавқеи худ, донистан ва огоҳии комил доштан аз таърихи гузашта ва аҳволи мулуки пешиниён ва зиндагинома ва осори донишмандони барҷастаи қаблӣ;

– фарқи маъонии латиф аз заиф;

– дарёфти зебоии ҳусни матлаъ ва лутфи мақтаъи шеър, то ҳар маъниро дар кисвати иборате лоиқ ба минассаи (манзалаи) назм нишонад;

– иҷтиноб варзидан дар саради сухан аз маонии сард, ташбеҳоти козиб, ишороти маҷҳул, имооти мушкил, иҳомоти нохуш, таҷнисоти мутакаррир, авсофи ғариб, истиороти баид, муҷозоти нодуруст ва такаллуфоти сақил, тақдими таъхироти нодилписанд;

– дар ҳама абвоб аз қадри ҳоҷот ба тарафе аз ифроту тафрит берун наравад (яъне ҳадди эътидолро риоят кунад-У.Ю.) ва аз молобудд накоҳад ва дар молояънӣ наяфзояд [3, 444].

Аз шартҳои дигар ва ҳатмии муқаддамоти шоирӣ, ба қавли Шамси Қайс, вуқуф ёфтан аз илми арӯзу қавофӣ барои шинохти баҳрҳои қадиму ҳадис, фарқи авзони хуш аз нохуш ва “шояд ва нашояд”-и зиҳофҳо, дарку фаҳми абёти саҳеҳ аз сақим, тамйизи қофияи аслӣ аз маъмул, мукаррар хондани ашъори устодон ба хотири созгор омадани “моддаи табъ ва мояи хотир” мебошад. Пеш аз он, ки ба гуфтани шеър оғоз намояд бояд шартҳое, ки дар фавқ ишора шуд, иҷро намояд, “он гаҳ шеъри ӯ чун чашмаи зулол бошад, ки мадад аз ҷӯйҳои бузург ва рӯдҳои амиқ дорад ва чун маъҷуне хушбӯй ояд, ки равоеҳи он машоми арвоҳро муаттар гардонад” [3,

444-445].

Навиштани ҳар асар, аз ҷумла асари бадеӣ, хусусан шеър тартиби муайяне дошта, нахуст бояд тарҳи он рехта шавад. Дар назариёти адабии Шамси Қайс тарҳи нигориши шеър аз чаҳор рукн иборат аст: “чун ибтидои шеъре кунад ва оғози назме ниҳад, а) нахуст насри онро пеши хотир орад, б) маонии он ба саҳифаи дил нигорад, в) алфозе лоиқи он маъонӣ тартиб диҳад ва г) вазне мувофиқи он шеър ихтиёр кунад” [3, 445].

Илова ба ин, шоир ҳангоми эҷоди шеър бояд ба ду ҷанбаи муҳими балоғӣ таваҷҷуҳи вижа дошта бошад: а) сиёқати сухан ва б) тартиби маонӣ [3, 445].

Шамси Қайс дар баробари адабиётшиноси забардаст ва номӣ буданаш, инчунин шоири маъруфи замони худ буд. Ба ин далел, дар рисолааш ба ҷузъитарин масъалаҳои таълифи шеър аҳамияти махсус додааст: “Ва аз қавофӣ онч мумкин гардад ва хотир бад-он мусомаҳат кунад бар варақе бинависад ва ҳар чӣ аз он саҳлу дуруст бошад ва дар он вазн ҷойгир ва мутамаккин ояд, интихоб кунад ва шойгону маъмулро бад-он роҳ надиҳад. Ва ... қасидаро бар сабили мусаввада таълиқ занад ва кайфа мо иттафақа (чунонки иттифоқ уфтод- У.Ю.) бигӯяд ва бинависад. Ва агар иттифоқи уфтодагии қофияте дар маъние ба кор бурда бошад ва байте машғул карда, баъд аз он маънии беҳтар рӯй намояд ва байте аз он азбтар даст диҳад ва он қофият дар ин байт мутамаккинтар ояд, нақл кунад. Пас агар ба байти аввал ҳоҷат бошад онро қофияте дигар талабад, вагарна тарки он орад. Ва чун абёт бисёр шуд ва маонӣ тамом гашт, ҷумларо марратан баъда ухро аз сари иттиқон боз хонад ва дар нақду танқеҳи он муболағат намояд ва миёни абёт талфиқ кунад ва ҳар якро ба мавзӯи хеш боз барад ва тақдиму таъхир аз он зоил гардонад, то маонӣ аз якдигар гусаста нашавад ва абёт аз якдигар бегона нанамояд. Ва ба ҳамаи вуҷӯҳ тавофуқи абёт ва масориъ ва татобуқи алфоз ва маъонӣ лозим дорад, чи бисёр бошад, ки ду мисроъ ё ду байт аз якдигар аз роҳи маънии мутаносиб наёяд ва бад-он сабаб равнақи шеър ботил гардад [3, 445-446].

Яке аз лавозимоти муқаддамоти шоирӣ ба истеъдоти фитрӣ ва маҳорате, ки тавассути таҷриба, хусусан таҳқиқи осори бадеӣ ҳосил шудааст, вобастагии қавӣ дорад. Ба иборати дигар, онро метавон ҳунари шоирӣ номид. Шоир аз назари Шамси Қайс “нақкоши чирадаст” буда, бояд “дар тақосимо нуқуш ва тадовири шоху баргҳо, ҳар гуле бар тарфе нишонад ва ҳар шох ба сӯе берун барад ва дар рангомезӣ, ҳар сибғ (ранг) ҷое харҷ кунад ва ҳар ранг ба гуле диҳад, онҷо, ки ранги сер лоиқ ояд, ним сер сарф накунад ва онҷо ки ранг равшан бояд, торик ба кор набарад” [3, 446-447].

Соҳиби ал-Муъҷам дар инҷо ба ду мақулаи адабӣ: а) ҳусни таълиф ва б) таносуби таркиб, ки бинои шеърро ташкил медиҳад, диққат варзида, баъдан дар хусуси интихоби мавзӯъ ба тафсил мулоҳизаҳои муфид меронад.

Шамси Қайс охирин бахши фасли вижаи “Дар зикри баъзе аз аҷноси шеър, ки мусталаҳ ва мутадовили оммаи шуарост”-ро ба мутакаллиф ва матбӯъ ихтисос додааст.

Шеър бино ба таърифи Шамси Қайс аз лиҳози муҳтаво ба ду навъи мутақобил - мутакаллиф ва матбӯъ ҷудо шуда, дар навбати худ дорои мухтассоти тамйизкунанда низ мебошад. Шеъри матбӯъ дар назариёти адабии Шамси Қайс ҳамон шеъри нек буда, муаллиф сохтори онро бо таркиботи зер низомманд намудааст: а) насри балеғ ва назми бадеъ, б) қавофии дуруст, в) маонии латиф ва алфози хуб, г) ҳуруфи калимоти он бар ҳам уфтода ва талаффузи калимоти он мушкил набувад, д) таҷнисоти он мутакаррир ва санъати он мутакаллиф набошад, е) бинои он бар машҳуроти луғати дарӣ саҳеҳ бувад ва аз ғароиби луғати фурс ва мусталаҳоти ҳар як вилоят (лаҳҷа - У.Ю.) пок бошад, ё) калимоти арабӣ, ки дар муҳовароти порсигӯён наёяд, дар он мустаъмал набувад, ж) аз ҳуруфи завоид ва ҳашвҳои қабеҳ, ки ҷиҳати анбориши байт истеъмол кунад ва аз тағйироти алфоз, ки кудамо зарурати онро дар ашъори хеш ҷоиз доштаанд, холӣ бошад, з) ба шунидан осон ва ба гуфтан душвор [3, 431], яъне саҳлу мумтанеъ бувад.

Ӯ шеъреро, ки дар он санъатҳои лафзӣ, аз ҷумла қалб ва тасҳиф ва истеъмоли ҳуруфи атил ё манкут истифода шудааст, яъне бо такаллуф гуфта шудааст, мутакаллиф (сохта ва ғайритабиӣ- У.Ю.) меномад. Чунончи Натанзӣ гуфтааст:

Тирмижгону камонабрӯ, суманбар, сангдил,
Бозсират, кабкрафтор, обтан, оташрухон.

Хубзоҳир, зиштботин, заҳркин, позаҳрмеҳр,
Некваъда, бадкуниш, фарбеҳсурин, лоғармиён.
Барқханда, барфдандон, кажзулфайн, ростқад,
Маҳҷабин, шабгесувон, ҳанзалсухан, ширинзабон. [3, 432].

Тавре ки дида мешавад, шоир дар ин абёт илтизом карда, чанд "маънии мухталиф ва исми мутағойир"-ро баршумурда, ки дар натиҷа "шеъре ғарибу назме мушкил", ки воқеан маснӯъист, фароҳам омада. Зикри чунин шавоҳид аз ҷониби муаллиф ба хотири он аст, ки шоири ҷавон аз овардани калимоти душвор ва вазни нохуш худдорӣ намояд.

Умуман, дар бобати муқаддамоти шоирӣ, - менависад А. Сатторзода, - миёни назариёти Унсуралмаолии Кайковус, махсусан Низомии Арӯзӣ ва Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ ҳамрангие ҳис карда мешавад, ки ҳамаи онҳо пешаи шоириро худодода ва дастнорас ва як касби фавқуттабиӣ намешуморанд, баръакс барои ҳама дастрас ва имконпазир меҳисобанд ва барои аз худ кардани он роҳ нишон медиҳанд [4, 75].

Ноқид аз назари Шамси Қайс соҳибҳунарест, ки насси сарех, яъне неку бади шеър шиносад. Муаллиф саъй кардааст, то нақшу мақоми ноқидро дар ҳаёти адабии худ муайян намояд ва тафовути пешаи шоирӣ ва истиқлоли нақди шеърро ба таври мушаххас нишон диҳад.

Шеър, -менависад Шамси Қайс, -фарзанди шоир аст. Чун байте чанд гуфт... агарчи донад, ки камтар аз абёти дигар уфтодааст, аз хештан наёбад, ки гуфта ва пардохтаи хешро ботил кунад. Аммо ноқидро дил насӯзад бар шеъри дигарон, ки на ӯ хотир сӯзонидааст дар назм ва тартиби алфоз ва маъонии он, пас ҳарчи некӯ бошад ихтиёр кунад ва ҳарчи ракик бошад бигзорад, чӣ шоир дар назми хеш толиби хушомад бошад ва ноқид ҷӯяндаи беҳомад бувад" [3, 459].

Аз ин рӯ, Шамси Қайс ҳамчун ноқиди забардаст талош кардааст, то шоириро ҳамчун пешаи мустақил ва танқиди адабиро ба масобаи фанни махсус оид ба сухансанҷӣ исбот намояд. Тафовут ниҳодан миёни ноқид ва шоир аз ин ҷиҳат дорои аҳамият аст, ки муаллиф шеърро на ба ҳайси як асари ҳунарии хос, балки ҳамчун падидаи фарҳангӣ арзёбӣ мекунад: "... нақди шеър ва маърифати ракику расин ва ғассу самини он ба шеъри нек гуфтан тааллуқ надорад ва бисёр шоир бошад, ки шеър некӯ гӯяд ва нақди шеър чунонки бояд натвонад ва бисёр ноқиди шеър бошад, ки шеъри некӯ натвонад гуфт" [3, 457-458].

Рисолати шоир шеъри нағз гуфтан ва рисолати ноқид дар назди адабиёт нақди сараи асари бадеӣ мебошад. Ҳанӯз ҳафтсад сол қабл аз ин Шамси Қайс ба масъалаи нашру пахши шеъри шоир диққати ҷиддӣ додааст, ки онро метавон яке аз муҳимтарин дидгоҳҳои ӯ дар маърифати шеър номзад кард: "Ва бояд, ки ба ҳеч ҳол дар аввали ваҳлат бар гуфта ва пардохтаи хеш эътимод накунад ва то онро марратан баъда ухро бар ноқидони сухан ва дӯстони фозили мушфиқ арз накунад ва хатою савоби он аз эшон ба тариқи истиршод нашнавад ва эшон ба сиҳҳати назм ва қабули вазн ва дурустии қофият ва узубати алфоз ва латофати маъонии он ҳукм накунанд, онро ба минассаи арзи омма нанишонад ва дар маърази писанд ва нописанди ҳар кас наёрад" [3, 456-457].

Дар маҷмӯъ, агар Муҳаммад Умари Родуёнӣ дар "Тарҷумону-л-балоға" дар хусуси нақди шеър бо ишораҳое маъдуд иктифо дорад, Рашиди Ватвот дар "Ҳадоиқу-с-сеҳр фӣ дақоиқи-ш-шеър" ин дидгоҳҳои адабиро каме вусъат бахшидааст, Муҳаммад Авфӣ дар "Лубобу-л-албоб" дар "роҳи татбиқи назарияи шеър ба амалияи он, яъне таҳлилу тадқиқи эҷодиёт ва асарҳои бадеии адибон фақат кӯшиш намуда бошад" [4, 76], пас Шамсуддин Муҳаммад ибни Қайси Розӣ ҳамчун ноқиди номӣ ва забардаст қадаме аз гузаштагони худ пеш рафта, ба мавзӯъҳои мақоми сухан ва нақди он, нуфузи шахсияти наққодон, нақши онҳо дар ҳаёти адабӣ ва ниҳоят арзёбии баъзе аз мухтассоти нақди адабии давраи худ, аз ҷумла тавсиф, таҷзия, таҳлили осори адабӣ, санҷиши ҷанбаҳои сохтор ва муҳтавои шеър аҳамияти вижа дода, бори нахуст нақди адабиро ҳамчун фанни махсус ва алоҳидаи адабиётшиносии порсии тоҷикӣ муаррифӣ кардааст. Ба иборати дигар, таҳкурсии фанни мустақилеро бо номи нақдушшеър ё ба истилоҳи имрӯза нақди адабӣ гузоштааст.

АДАБИЁТ

1. Абдуқаҳҳор ибни Исҳоқ. Лисону-л-қалам фӣ шарҳи алфози-л-аҷам. Бо ҳавошӣ ва таълиқоту тасҳеҳи Муҳаммад Ҳасан Адиби Ҳиравии Хуросонӣ. –Теҳрон. 1337.
2. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ошноӣ бо нақди адабӣ. Вироиши дувум. –Теҳрон: Сухан. 1380. Чопи шашум.

-508с.
3. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-Муҷам фӣ маъойири-л-ашъори-л-аҷам. Ба тасҳеҳи аллома Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоби Қазвинӣ, Мударрис Разавӣ ва Сирус Шамисо. –Теҳрон: Илм, 1388. -640с.
4. Сатторзода Абдунабӣ. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ. –Душанбе: Адиб, 2001, -144с.
5. Смит Уилям. Нахустин осори форсӣ дар балоғат. Тарҷумаи Маҳмуд Ҳасанободӣ. Кайҳони андеша. Мурдод ва шаҳривари 1373. Шумораи 55. – СС. 152-169с.

СПОСОБ НАПИСАНИЯ ПОЭМЫ И ПОЭТИЧЕСКИХ НАВЫКОВ (С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ШАМСА КАЙСИ РОЗИ)

В статье исследуется одна из важнейших проблем персидско-таджикской литературной теории - стиль написания стихотворения и поэтическая основа (поэтические навыки), на которую ссылается выдающийся ученый XIII века Шамс Кейс Рози в секции Хотимы Аль-Му'джам. Он играет руководящую роль поэтических навыков. Автор считает, что каждая наука, включая науку о поэме, имеет свою собственную процедуру и правила. Если формулировка не соответствует стандартам стихотворения, то она не имела бы поэтической ценности. В статье автор пытается рассмотреть видение и теорию Шами Кейса, связанные с идентификацией стихотворения и его сущности с новым взглядом.

Ключевые слова: *Шамси Кайси Рози, аль-Му'джам, фарси-таджикская поэзия, поэтические навыки, красивый язык, свежие мысли.*

THE WAY OF WRITING POEM AND POETIC SKILLS (FROM THE POINT OF VIEW OF SHAMS KAYSY ROSI)

This article deals with one of the most important problems of the Persian-Tajik literary theory - the style of poem writing and the poetic basis (poetic skills), which is referred to by the eminent 13th-century scholar Shams Case Kozi Rosi in the section of Khotima Al-Mu'jam. He plays the leading role of poetic skills. The author believes that every science, including the science of the poem, has its own procedure and rules. If the wording does not meet the standards of the poem, then it would not have a poetic value. In the article the author tries to consider the vision and theory of Shamsi Keyes connected with the identification of the poem and its essence with a new look.

Key words: *Shamsi Qaysi Rozee, al-Mu'jam, Farsi-Tajik poem, poetic skills, beautiful language, fresh meanings.*

Сведения об автора:

Умриддин Юсуфов *, докторант Института языка и литературы имени Рудаки, Академия наук Республики Таджикистана.*

About the author:

Umriddin Yusufov*, Doctoral candidate of the Institute of Language and Literature named after Rudaki, Academy of Sciences of Tajikistan*

УДК 07+621·397(575·3)

ОМОДАСОЗИИ КАДРҲОИ ЖУРНАЛИСТӢ ВА МУАММОҲОИ РУШДИ КАСБИЯТИ КОРМАНДОНИ ВАО

Гулов С.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз дар ҷумҳурӣ омодасозии кадрҳои соҳибтахассус барои расонаҳо ва муаммои рушди касбияти кормандони ВАО хеле мубрам аст. Ҷойи шубҳа нест, ки дар шароити муосир журналистика яке аз ниҳодҳои муҳимтарини иҷтимоӣ, ВАО аз муассиртарин василаҳои таъсир ба афкори омма мебошанд. Дар баробари ин журналистон касоне ҳастанд, ки фаъолияти намояндагони ягон касбу коре ба мисли фаъолияти онҳо мавриди баррасиву вокуниш, эътимоду эътироз, тавсифу интиқод, таҳсину мазаммат қарор намегирад. Имрӯз журналистика аз доираи илмҳои филологиву таърихӣ фаротар рафта, синтези сиёсат, иқтисод, иҷтимоъ, фалсафа, ҳуқуқ ва ғайра гардидааст. Дар ин замина баррасии мушкилоти таҳсилоти журналистӣ, таълиму тарбияи журналистон, омодасозии

кадрҳо барои расонаҳо талаботи рӯз аст. Қаблан ҳам профессорон А. Саъдуллоев (шодравон), А. Нуралиев, И. Усмонов ва дигар муҳаққиқон борҳо мавзӯи мазкурро аз зовияҳои гуногун ба риштаи баррасиҳо кашида, андешаҳои қобили мулоҳизаро пешниҳод карда буданд.

Ҳоло дар кишвар қариб 500 расона аз қайд гузашта бошанд ҳам, дар амал каме бештар аз нисфи онҳо фаъоланд. Наметавон гуфт, ки расонаҳо пурра бо кадрҳо таъмин бошанд. Роҳбарони расонаҳо ҳамеша аз норасоии кадрҳо мегӯянд:

– Муассисаҳои таълимӣ кадр тайёр мекунанду аксари онҳо ба талаботи амалия номувофиқ.

Роҳбарони расонаҳо бар он андешаанд, ки барояшон аз донишгоҳҳо кадрҳои ба талаботи муосир пурра ҷавобгӯ меоянд. Аммо ин интизориҳои соҳибрасонаҳо бархоста аз воқеият нестанд. То миёни расонаҳо ва муассисаҳои таълимӣ ҳамкории воқеӣ ба миён наояд, наметавон дар хусуси кадрҳои ба талабот пурра ҷавобгӯй сухан ронд. Дар ин самт таҷриба мавҷуд аст. Аз ҷумла, миёни ДМТ бо Кумитаи телевизион ва радиошунавонии назди Ҳукумати ҶТ, идораи чанд нашрия дар бораи омода сохтани мутахассисон шартномаҳо амал мекунанд. Аммо на ҳама муассисаҳои таҳсилоти олӣ чунин шартномаи ҳамкорӣ доранд. Имрӯз зарурати шартномаҳои нав бо назардошти воқеияти рӯз ба миён омадааст.

Ҳоло дар Тоҷикистон 8 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ *(ДМТ, ДСРТ, ДДХ ба номи Б. Ғафуров, ДДХ ба номи М. Назаршоев, ДДҚ ба номи Н. Хисрав, ДДК ба номи Рӯдакӣ, Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода, Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов)* ва ба тайёр кардани кадрҳои журналистӣ машғуланд. Бояд гуфт, ки «на танҳо пойгоҳи моддиву техникӣ, ҳайати илмиву омӯзгорӣ» (1.20), балки нақшаву барномаҳои таълимии ин муассисаҳо аз ҳам фарқ мекунад. Ва замоне як муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ - *Коллеҷи ҷумҳуриявии фарҳанг ба номи Буйдоқов* низ барои ВАО кадр омода мекард. Ба ҳисоби тахминӣ тақрибан ҳар сол ин муассисаҳоро беш аз 300 нафар бо дипломи журналистӣ хатм мекунанд, аммо расонаҳои мо боз ба кадрҳои соҳибкасб ниёз доранд. Чаро? Низоми тайёр кардани кадрҳои журналистӣ дар мактабҳои олӣ худ ба муаммоҳо рӯ ба рӯ буда, ниёз ба ислоҳот дорад. Ҳарчанд дар ин самт иқдомоти ҷиддие роҳандозӣ мешаванд, талош мешавад, ки барномаҳои таълимӣ ба талабот ва эҳтиёҷоти ВАО мувофиқ карда шаванд, бо вуҷуди ин дар миёни низоми донишгоҳии омодасозии кадрҳои журналистӣ ва амалияи журналистика холигоҳ ё худ тарқише мавҷуд аст. Мутаассифона, солҳо боз дар ин бора гуфта мешаваду дар амал тағйироти чашмгире дар ин самт ба мушоҳида намерасад. Дар зери таъсири таҳаввулоти касбиву технологӣ фаъолияти ВАО ба шакли сифатан нав баромадааасту низоми таълим сари вақт ба он расидагӣ карда наметавонад ва аз амалия қафо мондааст. Гузашта аз ин пайдоиши шаклҳо ё намудҳои нави журналистика ва фаъолияти ВАО (масалан журналистикаи чандрасонаӣ) дар назди кадрҳои журналистӣ талаботи навро мегузорад. Имрӯз вақти он расидааст, ки ба омодасозии кадрҳои журналистӣ ислоҳот ворид шавад ва кадрҳои ҷавон бояд ба талаботи ҷаҳони муосир омода бошанд. Низоми таҳсилоти олӣ худ ба ислоҳот ниёз дорад, дар таҳаввулоти ҷиддӣ қарор дорад, вале дар айни замон бояд кадрҳое омода созад, ки талаботи журналистикаи муосирро қонеъ созанд. Оё аз иҷрои ин вазифаи худ низоми таҳсилоти олӣ мебарояд? Ин суолест, ки посухи худро интизор аст. Аз берун ба назар чунин мерасад, ки гӯиё дар низоми таҳсилоти олӣ бештар ба дарсҳои назариявӣ эътибор медиҳанд ва афзалият додаанд. Аммо дар асл, тақрибан ними дарсҳои ихтисосии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба дарсҳои амалӣ рост меоянд. Ин ҷо дар асл муаммо сари он аст, ки дарсҳои амалиро *кӣ?* ва *чӣ тавр?* мегузарад. Воқеият нишон медиҳад, ки аксарияти онҳое, ки аз амалияи журналистика дарс мегӯянд, ба фаъолияти ВАО-и муосир ошно нестанд, аз амалия дуранд. Ба андешаи профессор Н. Солеҳов: «Мушкилоти омодасозии кадрҳои соҳибихтисоси журналистика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоят мубрам аст. Низоми омодасозии мутахассисон дар мактабҳои олӣ дар ҷараёни таҳаввул қарор дорад, донишгоҳҳо таълимро такмил медиҳанд, кӯшиш менамоянд, ки барномаҳои таълимӣ ва усулҳои умумии омодагии касбии журналистонро ба талаботи амалияи муосири ВАО наздик гардонанд. Бо вуҷуди ин тафовут байни фаъолияти амалӣ ва низоми таҳсилот мавҷуд аст.» [3, с. 25]

Журналистика аз шумори он касбҳоест, ки бештар ба амалия такя мекунад. Чанд сол пеш дар як назарпурсӣ аксари донишҷӯёни курсҳои хатмкунандаи факултети журналистикаи ДМТ аз сифати дарсҳои ихтисосӣ норизоӣ изҳор кардаанд. Ҳамчунин хоҳиш кардаанд, ки аз ВАО журналистони соҳибтаҷрибае, ки амалияро хуб медонанду маҳорати омӯзгорӣ доранд, ба таълими дарсҳои амалии

журналистшавандаҳо ҷалб карда шаванд. Дар баробари ин, на ҳамаи муҳаққиқони ВАО (масалан С. Г. Корконосенко) ба манфиатбахш будани ҷалби журналистони ВАО ба таълими донишҷӯён - журналистони оянда тарафдоранд. Онҳо ин андешаашонро бо он асоснок мекунанд, ки барои як сикл ё як семестр таълим додани журналистшавандаҳои оянда баъзан таҷриба ва баъзан ҳавсалаи журналистон намерасад. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки тарзи ҷалби кормандони ВАО барои таълими журналистони оянда тағйир дода шавад, яъне онҳо ҳамон паҳлӯ, ҳамон самтеро, ки зарур медонанд, дар худи расонаҳо таълим диҳанд. Шакли дигари ҷалби журналистон ба таълими журналистшавандаҳо ин гузарондани мастер-классҳо мебошад. Ба андешаи ин ҷониб, ин шакли ҷалб бештар самара медиҳад.

Инчунин таҷрибаомӯзии донишҷӯён бояд куллан тағйир дода шавад ва қатъиян талаботи Стандарти давлатӣ риоя гардад. Дар ҳар таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён бояд дар жанрҳои мушаххаси журналистика қувваозмоӣ кунанд. Мутаассифона, устодон - роҳбарони таҷрибаомӯзӣ ин талаботро назорат намекунанд ва ҳам шогирдон онро риоя намекунанд.

Ҳамгироии назария ва амалияи журналистика вақте натиҷа медиҳад, ки агар аз ҳарду ҷониб кӯшишҳо шавад, яъне расонаҳо интизор набошанд, ки барояшон аз муассисаҳои тахсилотӣ журналисти тайёр меояд. Имрӯз чунин ба назар мерасад, ки ҳарду тараф (*расонаҳо ва муассисаҳои таҳсилотӣ*) ба ҳамдигар гилагузорӣ мекунанд.

Таҳаввулот ва тағйирот дар низоми фаъолияти ВАО низ боиси дур будани кадрҳои ҷавони омодамешуда аз амалия гаштааст. Аз ҷумла, омода сохтани матни журналистӣ барои интернет. Соҳибрасонаҳо пайваста гила мекунанд, ки на ҳамаи журналистони омодамешуда дар навъҳои нави журналистика ва самтҳои алоҳида ба мисли сиёсат, иқтисод, иҷтимоиёт дониши казоӣ доранд. Ин боиси он гардида, ки қисме аз журналистон ба бозомӯзии такрорӣ дар расонаҳо фаро гирифта шаванд. Гилаи роҳбарони ВАО то андозае ҷой дорад. Бояд ҳама хатмкунандаҳои ихтисоси журналистӣ чунин дониш ва малакаву маҳоратро дошта бошанд. Аммо дар шароити имрӯзи муассисаҳои таҳсилотӣ ба чунин тахассусҳо тайёр кардани мутахассисон душвор аст. Муҳаққиқ М. Муродов дар ин замина дуруст масъалагузорӣ мекунад: «*… оё барои ташаккул ва инкишофи журналистикаи чандрасонаӣ дар муҳити илмӣ ва таълимии мо заминаҳои назарӣ ва методӣ вуҷуд дорад ё не? Оё хусусияти таълимие, ки дар факлтету ихтисосҳои рӯзноманигории макотиби олии кишвар роиҷ аст, барои омодагии касбии шогирдон дар ин самт таъсир гузошта метавонад? Магар дар шароити феълӣ мушаххассозии самти фаъолияти кафедраҳо аз рӯи воситаҳои ахбори оммаи алоҳида (матбуот, радио ва телевизион) моҳияти худро гум накардааст?...*» [2, с. 262]

Дар 20 соли охир тақрибан соле то 10-12 семинару курсҳои омӯзишӣ доир ба мавзӯъ ва самтҳои мушаххас барои журналистони ВАО аз тарафи созмонҳои журналистӣ ва байналхалқии муқими Тоҷикистон баргузор гардидааст. Дар ин самт созмонхое, мисли Иттиҳоди журналистони Тоҷикистон, Ассосиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон, Шурои ВАО, Хома, Мактаби мустақили Тоҷикистон – асри 21, Маркази тадқиқоти журналистӣ, Интернюс, намояндагии Институти ҷанг ва сулҳи Британияи кабир ва гайра хеле фаъол буданду ҳастанд. Ҳамчунин соли 2015 дар заминаи Маркази санъатҳои аудиовизуалии телевизион, радио ва кинои Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Академияи ВАО таъсис дода шуд, ки барои такмили донишу маҳорат ва бозомӯзии журналистону кормандони расонаҳо ихтисос дода шудааст. Ба фаъолияти Академияи ВАО ҳанӯз баҳо додан барвақт аст. Агар дар ҳар семинар то 10 нафар журналист такмили ихтисос карда бошанд, пас ҳисоб намоед, ки чӣ қадар журналистони мо бо меъёрҳои байналмилалии журналистика, падидаҳои нави фаъолият дар расонаҳо, усулҳои муосири журналистика шинос шудаанд. Онҳое, ки дар хориҷи кишвар тренингу семинарҳои омӯзиширо гузаштаанд, дар ин шумор нестанд. Аммо ҳанӯз дар расонаҳои мо касбияти кадрҳо беҳбудӣ мехоҳад. Албатта, бо ин гуфтанӣ нестем, ки семинарҳои омӯзишӣ ва ширкат дар онҳо, ҳама мушкилоти касбиву кадриро ба якборагӣ ҳал мекунад. Зеро омилҳои инсонӣ, гузаштан ба дигар вазифаю иваз кардани касб низ дар раванд нақше доранд. Дар робита ба андешаҳои баёншуда метавон хулоса кард:

– Дар омода сохтани кадрҳои журналистӣ муаммоҳое назири ба талаботи Стандарти таҳсилоти олӣ ҷавобгӯй набудани нақшаҳои таълимӣ, ба таври бояд ба роҳ монда нашудани дарсҳои амаливу

таҷрибаомӯзӣ, ҷалб нагардидани журналистони таҷрибадори расонаҳо ба таълими донишҷӯён ва ғайра мавҷуд мебошанд.

– Баррасӣ ва ҳалли муаммоҳои омодасозии кадрҳои журналистӣ ва рушди касбияти кормандони ВАО вазифаи як ҷониб нест. Балки ҳам созмонҳои журналистӣ, ҳам расонаҳо ва ҳам муассисаҳои таҳсилотӣ дар ин самт бояд фаъолияти худро ҳамоҳанг созанд.

АДАБИЁТ

1. Гулов С. Таҳсилоти журналистӣ дар Тоҷикистон / Гулов С. Маҷмӯаи мақолаҳо оид ба таҳсилоти журналистӣ. – Душанбе, 2008. – С. 20 - 24.
2. Муродов М. Журналистикаи чандрасонаӣ: масъалаҳои омӯзиш ва омодасозии мутахассисон // Муродов М. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: «Сино», 2013, №4/3 (113). – С. 259-263.
3. Солехов Н. Н. Проблемы подготовки журналистских кадров в ВУЗ-ах Таджикистана // Солехов Н. Н. Маҷмӯаи мақолаҳо оид ба таҳсилоти журналистӣ. – Душанбе, 2008. – С. 25 - 29.

ПОДГОТОВКА ЖУРНАЛИСТСКИХ КАДРОВ И ПРОБЛЕМЫ ПОВЫШЕНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ РАБОТНИКОВ СМИ

В статье речь идёт о журналистском образовании, сложностях, связанных с подготовкой кадров, сотрудничестве между средствами массовой информации и образовательными учреждениями, а также повышении квалификации работников СМИ. Сегодня в Республике весьма актуальна проблема подготовки профессиональных кадров для СМИ, где имеет место определенные сложности в процессе повышения их квалификации. В современном мире, журналистика является одним из важных социальных институтов, СМИ являются современным инструментом воздействия на общественное мнения. На ряду с этим, журналисты представляют то сообщество, чья деятельность подвергается наибольшему обсуждению и критике в сравнении с другими профессиями. Сегодня, журналистика охватывает намного больше чем филология и история, занимаясь политическим, экономическим, социальным, философским и правовым анализом. На этой основе очень важна организация журналистского образования, обучение и воспитание журналистов, подготовка кадров для СМИ. На нынешнем этапе развития деятельность СМИ вышла на новый качественный уровень. Развития технологий, появление новых трендов, заставляет журналистское образование шагать в ногу со временем и подготавливать кадры, соответствующие современным тенденциям. Не смотря на проводимые работы в данном направлении, все еще остаётся область для дополнительной работы. Опираясь на анализе, автор приходит к выводу, что на ряду с тем, что много усилий в этом направлении было предпринято, всё еще существуют проблемы для профессиональной подготовки специалистов и повышении качества сотрудников СМИ, и к ним можно отнести недостаточность учебных планов, отдаленность учебной программы в высших учебных заведениях от профессиональной практики, непривлечение опытных журналистов к образовательному процессу.

Ключевые слова: *средства массовой информации, журналисты, журналистские кадры, журналистское образование, повышение квалификации, профессионализм, мастерство.*

TRAINING OF JOURNALISTS AND CHALLENGES ON CAPACITY BUILDING OF MEDIA REPRESENTATIVES

This article talks about education of journalists, problems related to preparing professional journalists, cooperation between media community and educational institutions as well as improving the capacity of media representatives. Today, in the country education of well trained experts for media and their professional development is a big issue. Nowadays, journalism is one of the key social institutions of the society and media is the most effective tool of impacting of public minds. In mean time, journalists are representing a professional wing, whose activity is discussed more, comparing to any other occupation. Journalism today goes too beyond of philology and history scencies, and covers political, economic, social, philosophy, legal analysis. Under this consideration, issues related to the education of journalists, improvement their skills and behavior and preparing professionals for media industry are very important. Currently, the activity of mass media qualityywide is pretty advanced. Technology developments, new directions in journalism pushing education of journalism to be on the same page with modern trends and

produce professionals in accordance to the market demands. Though, a lot of things are undertaken in this area, still they are not sufficient. Relying on the analysis, the author stating that in spite of undertaken recent activities towards improvement of the situation there are still certain barriers and some of them related to: insufficiency of education plans; remoteness of practical aspect of journalism from the theory provided at universities; not involvement of experienced journalists to the education processes.

Key words: *mass media, journalists, journalistic education, capacity building, professionalism, advanced skills.*

Сведения об авторе:

Гулов Сангин Нурович, *кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой телевидение и радиовещание ТНУ.*

Телефон: (+992) 93 567 60 35. E-mail: gulsang@mail.ru

About the author:

Gulov Sangin Nurovich*, Candidate of Phylology, Associate professor, Head of TV and Radio broadcasting Department of Tajikistan National University.*

E-mail: gulsang@mail.ru; tel.: (+992) 935676035.

МАҚОМИ ГУЛНАЗАР ДАР ТАҲАВВУЛИ ЖАНРИ РУБОӢ

Равшани Ҳ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Рубоӣ машҳуртарин жанри адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣ мебошад. Рубоӣ вожаи арабӣ буда, маънои маъмултаринаш «чоргона» мебошад, яъне шеърест шомили чор мисраъ. Мавзӯоти мухталифи зиндагиро фаро мегирад. Мисраъҳои он дар шакли ахрам ё ахраби баҳри Ҳазаҷ сурат мегирад. «Рубоӣ аз ҷумлаи он жанрҳои нодири лирикӣ ба шумор меравад, ки лавозимоти шаклии вай бо мундариҷаи ғоявиаш ба ҳадди аъло мутобиқат кардааст» [8, с.162].

Ривоят мекунанд, ки рубоиро устод Рӯдакӣ аз даҳони мардум илҳом гирифта вориди адабиёти хаттӣ кардааст. Рӯзе кӯдаке ҳангоми чормағзбозӣ ба шариконаш чунин мегӯяд: «Ғалтон-ғалтон ҳамеравад то буни кӯ»…Шамси Қайси Розӣ низ ба ҳамин мисраъ ишора карда меафзояд: «Шоирро ин калимот вазне мақбулу назме матбуъ омад. Ба қавонини арӯз муроҷиат кард ва онро аз мухтареоти баҳри Ҳазаҷ берун овард» [10, с.96]. Ин ривоят дар эҷодиёти шифоҳии мардум мавҷуд будани рубоиро собит мекунад. Аммо ба ақидаи саҳеҳи бисёре аз олимони суханшинос жанри рубоӣ бо вазни арӯзиаш ба адабиёти мо роҳ ёфтааст**».** Ба ҳар ҳол, поягузори жанри рубоӣ устод Рӯдакист. Пас аз ӯ Абӯалӣ ибни Сино қонуният ва зарфи ғунҷоиши рубоиро такмил дод:

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи банди ҳар макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд магар банди аҷал.

Умари Хайём баъд аз Сино рубоиро ба авҷи аъло расонид. Мазмунҳои фалсафиро дар қолаби рубоӣ матраҳ кард:

Як қатраи об буд, бо дарё шуд,
Як зарраи хок бо замин якҷо шуд.
Омадшудани ту андар ин олам чист?
Омад магасе падиду нопайдо шуд. [11, с.29].

Умари Хайём воқеан устоди рубоӣ буда, пас аз рубоиёти ӯро ба забони англисӣ тарҷума кардани Фитсҷералд шуҳраташ тамоми оламро фаро гирифт. «Тааҷҷуб дар ин аст, ки Урупо беш аз Осиё аз Хайём қадрдонӣ намуда, дар тарҷумаи рубоиёт ва таҳқиқи ҳолоти ӯ урупоиён қадамҳои васее бардоштаанд. » [9, с.123].

Рубоии дигар аз Хайём:

Дӣ кӯзагаре бидидам андар бозор,
Бар порагиле лагад ҳамезад бисёр.

В-он гил ба забони ҳол бо ӯ мегуфт:
Ман ҳам чу ту будаам, маро неку дор. [11, с.32].

Табиатан сохти қофиябандии рубоӣ **ааба**, яъне, мисраи сеюм озод мешавад, ки онро адабиётшиносон **рубоии хасӣ** меноманд. Баъзан ҳар чор мисраъ ҳамқофия мешавад, ки онро **рубоии тарона** номидаанд. Намунаи рубоии тарона аз Хайём:

Аз дӣ, ки гузашт, ҳеҷ аз ӯ ёд макун,
Фардо, ки наёмадаст, фарёд макун.
Бар н-омадаву гузашта бунёд макун,
Ҳолӣ хуш бошу умр барбод макун. [11, с.39].

Тавре ки аён аст, ин рубоии тарона дорои радиф низ мебошад.

Дар адабиёти классикӣ Ҳофизи Шерозӣ, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Шайх Абӯсаиди Абулхайр, Бобо Афзали Кошонӣ, Бобо Тоҳири Урёнва Мирзо Абдулқодири Бедил дар рубоисароӣ шуҳрат ёфтаанд.

Дар замони шӯравӣ низ шоирони алоҳида дар ин жанр табъозмоӣ кардаанд. Абулқосим Лоҳутӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ рубоиёти зиёде сурудааанд. Аммо муддате ба ин жанри латифи лирикию фалсафӣ таваҷҷуҳи шоирони тоҷик коҳиш ёфт. Зеро дар солҳои 40-50 ба таҳаввули он касе роҳ кушода натавонист. Баъдан устод Лоиқ Шералӣ дар солҳои донишҷӯи Донишкадаи омӯзгорӣ буданаш рӯ ба рубоӣ овард ва аввалин рубоиёти худро дар маҷмӯаи нахустини ашъораш «Сари сабз» (с. 1966) ба нашр расонд ва таваҷҷуҳи мухлисонро ба ин жанр ҷалб намуд. Рубоиёти ӯ рӯҳан рубоиёти замони нав буданд ва аз рубоиёти гузаштагон бо диду назар ва тафаккури тозаву тасвири шоиронаашон фарқ мекарданд. Сипас, Лоиқ силсилаи рубоиёти худ «Ҷоми Хайём»-ро офарид, ки писанди ҳаводорон гардид. Дар бораи хусусият ва кайфияти пайдоиши рубоӣ ақидаҳо фаровонанд. Масалан, шоир ва муҳаққиқи муосири Эрон Зиё Муваҳҳид аз китоби Ҷалолиддин Ҳумоӣ «Фунуни балоғат ва саноати адабӣ» (нашри «Ҳумо», Теҳрон, 1370, с. 151) чунин иқтибос овардааст: «Рубоӣ бино ба таърифи машҳур ду байт аст, ки қофия дар ҳарду мисраи аввал ва мисраи чаҳорум риоят шуда ва бар вазни **«Ло ҳавла вало қуввата илло биллоҳ»** бошад ва овардани қофия дар мисраи сеюм ихтиёрӣ аст». [7, с.105].

Рукнҳои аввали мисраъҳои рубоӣ дар шакли **ахрам ё ахраби баҳри ҳазаҷ** сурат мегирад. Гоҳе ду ҳиҷои аввали мисраъҳо дароз мешавад, ки ахраб (**мафъӯлу**) аст, гоҳе се ҳиҷои дароз мешавад, ки он ахрам (**мафъӯлун**) мебошад.

Зиё Муваҳҳид вазни рубоиро ба 12 гурӯҳ (ду дастаи шаштоӣ) чудо кардааст. Ӯ иброз медорад, ки гӯё нахустин рубоиҳо дар шакли фаҳлавиёт пеш аз арабҳо аз тарафи эрониҳо суруда шудаанд. Дар бораи маҳбубияти рубоӣ дар Эрон аз китоби Шамси Қайси Розӣ «Алмуъҷам фӣ маъойир-ил-ашъор-ул –Аҷам» (тасҳеҳи Муҳаммади Қазвинӣ ва Мударрис Разавӣ. Донишгоҳи Теҳрон, с. 1338) Зиё Муваҳҳид чунин иқтибос овардааст: « Хосу ом мафтуни ин навъ шудаанд, олиму омӣ машъуфи ин шеър гашта, зоҳиду фосиқро дар он насиб, солеҳу толеҳро бад- он рағбат;кажтабъоне, ки назм аз наср нашиносанд ва аз вазну зарб хабар надоранд, ба баҳонаи таронае дар рақс оянд. Басо духтари хона, ки бар ҳаваси тарона дару девори хонаи исмати худ дарҳам шикаст…Ва дар ҳақиқат, ҳеҷ вазн аз авзони мубтадеъ ва ашъори мухтареъ, ки баъд аз Халил эҳдос кардаанд, ба дил наздиктар ва дар табъ овезандатар аз ин нест» [7, с.109].

Воқеан, рубоӣ ҳамин гуна сеҳромез аст, ба шарте ки гӯяндааш шоире соҳир бошад. Дар китоби «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур» (ба тасҳеҳи Муҳаммад Иқбол. Теҳрон, 1333, с. 334) омадааст, ки (мазмунан)

Нақмиддини мулаққаб ба «Дубайтӣ» ба ҳар кучо сафар мекардааст, агар рубоие мешунидааст, навишта мегирифтааст. Моли фаровони худро сарфи рубоисароён кардааст. Пас аз маргаш ба ворисонаш 50 ман коғаз мерос мондааст, ки ҳамагӣ рубоӣ будааст.

Зиё Муваҳҳид рубоиро аз рӯи мазмун ба чор гурӯҳ тақсим кардааст: а) рубоиёти ғиноӣ, б) рубоиёти фалсафӣ; в) рубоиёти пандомӯз

г) рубоиёти орифона.

Дар адабиёти муосири Эрон низ домани рубоиро ҳанӯз аз даст надодаанд. Масалан, Нимо Юшиҷи навпардоз қариб 600 рубоӣ эҷод кардааст. Ин далели он аст, ки ин жанри суннатӣ низ чун ғазал таҳаввулпазир аст.

Тавре ки аз **сухбати бевоситаи устод Гулназар** бармеояд, ӯ низ чун устод Лоиқ рубоисароиро хеле барвақт оғоз намудааст. Аммо Лоиқ муттасил аз пайи эҷоди рубоӣ ва тадвини силсилаи рубоиёташ шудаасту Гулназар чан муддат таваққуф карда ҳамаи нозукиҳои ин жанри заҳматписандро омӯхтааст ва баъд бо шӯру шавқи беандоза рубоиёти зиёде сурудааст.

Доктор Алиасғари Шеърдӯст зимни баррасии рубоиёти шоирони муосири тоҷик чунин иброз медорад: «Дигар шоире, ки дар корбурди рубоӣ хеле даст дорад, Гулназар аст. Рубоиёти ӯ низ аз лиҳози мавзӯъ ба рубоиёти Лоиқ шабоҳат доранд. Гулназар як китоби махсусе низ низ нашр карда ба унвони «Табхола» (1992), ки аз рубоӣ ва дубайтиҳо мураттаб шудааст. Муносибати Гулназар ба ин қолабҳои шеърӣ қобили таваҷҷуҳ аст, ки аз байти зери ӯ ҳувайдост:

Магир осон рубоиву дубайтӣ,
Ки чун табхола рӯяд аз таби дил» [12, с.156].

Барои он ки дар хулосаҳои минбаъдаи худ низ бедалел ҳарф назанам, ақидаи дигаронро низ асос карданам аз фоида холӣ нест. Доир ба рубоиёт ва дубайтиҳои устод Гулназар мунаққидони тоҷик ҳам бо ишқу алоқа ҳарф задаанд. Абдураҳмон Абдуманнонов ба Гулназар рӯ оварда мегӯяд: «…вале бар онам, ки беҳтарин бозёфтҳоятон дар рубоиву дубайтиҳо рух намудаанд. Худ иқрор кардаед, ки «**ин навъи зебои адабӣ ҳамеша бо ман будааст ва бо ман хоҳад монд**». Бодо!Воқеан, лаззату кайфияти рубоиву дубайтиҳоятон дигар аст. Онҳо дар ҳар мавзӯе гуфта шуда бошанд, таъсирбахшанд, касро ба ҳамдиливу ҳамсадоӣ мехонанд» [1, с.22].

Ногуфта намонад, ки рубоиёти устод Гулназар натанҳо дар китоби «Табхола», балки дар маҷмӯаҳои дигараш низ ба нашр расидаанд. Соли 2001 аз тариқи нашриёти «Сурушан» таҳти унвони «Қадаҳи шабнам» маҷмӯаи рубоиёт ва пурсишҳои шоир аз чоп баромад.

Соли 1997 чанд рубоии ба тозагӣ эҷодкардааш дар маҷмӯаи «Ҳар мисраи шеър Тоҷикистони ман аст»низ ба нашр расида буданд. Воқеан, рубоиву дубайтӣ ҳамеша бо Гулназар будаанд.

Дар пешонии китоби «Қадаҳи шабнам» чун эпиграф рубоии зерин сабт шудааст:

Чун сабзаи тар дамиданат мебояд,
Чун меваи дил расиданат мебояд.
Аз аср ба аср бурдаву ҳоло низ
Андуҳи маро кашиданат мебояд. [2, с.3].

Мухотаби шоир рубоист. Муаллиф таманнои онро дорад, ки рубоӣ аз замини синааш чун сабзаи тар бидамад ва монанди меваи дил ба пухтагӣ расад. Рубоӣ шоирро тарк накарда аз асри бист ба асри бисту як расонидааст ва шоир орзуманди он аст, ки минбаъд низ бори бори андуҳи ӯро рубоӣ ба дӯш дошта бошад. Дарвоқеъ, шоире, ки ба чунин шакли зебои шеърӣ ишқу алоқаи отифӣ дорад, ба вай ҳамеша такя мекунад ва доманашро сахт медорад, сабзидану пухтани онро чун сабзаву чун мева ба таври ҳамешагӣ орзу мекунад.

Алиасғари Шеърдӯст, чунонки дар боло ишора шуд, иброз доштааст, ки рубоиёти Гулназар аз лиҳози мавзӯъ ба рубоиёти Лоиқ шабоҳат доранд. Шабоҳати мавзӯъҳо маънои онро надорад, ки Гулназар рубоиёти худро дар пайравии Лоиқ суруда бошад. Лоиқу Гулназар фарзандони як айём буданд, дар як муҳити иҷтимоиву як ҳавзаи фарҳангӣ зиндагиву эҷод мекарданд. Табиист, ки мавзӯи фарогири рубоиёташон метавонист ба ҳам шабоҳат пайдо кунад. Аммо нигоҳи онҳо, тарзи ҳалли мавзӯъҳо ва забони рубоиёташон аз ҳамдигар фарқ мекунад. Агар як рубоӣ аз Лоиқ ва як рубоӣ аз Гулназар интихоб карда дар як варақ нависеду дар зери он рубоиҳои интихобшуда номи муаллифонро сабт накунед, шеършиноси воқеӣ метавонад аз рӯи услуби баён онҳоро аз ҳамдигар фарқ кунад ва ҳукм барорад, ки кадоме аз ин рубоиҳо хоси Лоиқ асту кадоме ба Гулназар тааллуқ дорад. Албатта, бурди ҳар шоир ҳам дар он аст, ки суханаш аз сухани дигарон фарқ кунад. Барои мисол аз ҳамин ду шоир яктогӣ рубоии ишқӣ меорем, яъне аз як мавзӯъ:

Аз Лоиқ:

Ҳоло, ки баҳорам нагузаштаст, биё,
Ҳоло, ки хуморам нашикастаст, биё.
Ҳоло, ки ба ёди рухи хуршедвашат
Хуршеди ҳаётам нанишастаст, биё.
Аз Гулназар:
Чашмони туро, ки аз хатар сохтаанд,

Бар қасди умеди Гулназар сохтаанд.
Лабҳои туро, ки ҷони ман сӯхтааст,
Аз гармии устуво магар сохтаанд.

Рубоии ошиқонаи Лоиқ аз лиҳози забон ба рубоии мардумӣ наздитар аст. Агар вожаҳои китобии «хуршед», «хуршедваш»ва «рух»-ро ихтисор кунему ба ҷои онҳо муродифҳояшонро истифода барем, ин рубоии Лоиқ аз ҷиҳати ифода ва забон ба рубоиёти халқӣ чун нусхабадале ҷилва мекунад.

Лекин услуби рубоисароии Гулназар дигар аст. Ӯ он қадар ба халқияти гуфтор мутаваҷҷеҳ намешавад ва бештар ба истифодаи васеи санъатҳои бадеӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ифодаҳои «аз хатар сохтани чашмон» ва «аз гармии устуво сохта шудани лабон», ки дар яке маҷозу дар дигаре муболиға мавҷуд аст, аз ин тамоюли эҷодии Гулназар гувоҳӣ медиҳад. Қасди ман аз чунин муқоисаи рубоиёти ин ду шоири бузург нишон додани бартарии яке аз онҳо нест, балки мақсади ман он аст, ки собит созам, ки ҳарду шоир услуби ягонаи эҷодӣ надоранд.

Гулназар нисбати Лоиқ ихлосу эҳтиромӣ бузургеро қоил аст. Дар сарсухани китоби «Лоиқе чун Лоиқе» менависад: «Боре, дар суҳбате, Лоиқ ба ман гуфт: «Ту аз ман баромадаӣ». Бешак, на танҳо ман, балки ҳамаи он шоирони ҷавоне, ки баъди Лоиқ ба адабиёт омадаанд, аз шеъри Лоиқ шеъргӯиро омӯхтаанд. Ё аз ӯ тарзи омӯзиш ва баҳрачӯиро ёд гирифтаанд» [3, с.6].

Воқеан, Гулназар аз Лоиқ «тарзи омӯзиш ва баҳрачӯиро омӯхтааст, аммо услуби эҷодии худро касб карда, бо пайроҳаи хеш ба сафар баромадааст:

Дар хилвати хеш рангу бӯ дораму бас,
Аз ҳиммати решаам нумӯ дораму бас.
Дар хонаи оина иқомат дорам,
Бо сурати хеш гуфтугӯ дораму бас. [2, с.12].

Агар тақсимбандии Зиё Муваҳҳидро дар рубоиёти Гулназар низ татбиқ кунем, аз лиҳози мазмун рубоиёти ӯ ба чор гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки аз ҳар гурӯҳ мисоле овардан мувофиқи мақсад аст:

Аз рубоиёти ғиноӣ:
Эй чорагари ин дили бечораи ман,
В-эй осудагии ин сари овораи ман.
Ман ошиқи рӯи ту на имрӯзаму бас,
Буд муҳраи ту муҳраи гаҳвораи ман. [2, с.5].

Аз рубоиёти фалсафӣ:
Одам, ки аёну ноаён мегузарад,
Аз санҷиши сад суду зиён мегузарад.
Аҳсант ба биноши ӯ бояд гуфт,
Бо дидаи баста аз ҷаҳон мегузарад. [2, с.29].

Аз рубоиёти пандомӯз:
Дунё, ки хуш аст, низ дунӣ дорад,
Ин кӯчаи ошиқӣ ҷунунӣ дорад.
Курсии баланду худнамоӣ?Чӣ аҷаб!
Фаввора машав, ки сарнагунӣ дорад. [2, с.23].

Аз рубоиёти орифона:
Фарёд зи доноии нодонии мо!
Афсӯс бар ин сиришти зулмонии мо!
Донӣ, ки зи чӣ Каъба сияҳ пӯшида?
Биншаста ба мотами мусулмонии мо![2, с.8]

Дар рубоисароӣ ва умуман, дар ҷодаи эҷод дарки таърихию иҷтимоӣ ва адабӣ Гуназарро тарк накардаанд, ки ҳамин дарки сегона дар рубоиёти шоир низ равшан инъикос ёфтаанд. Шоир аз таърихи қадиму асрҳои миёна ва замони нави миллати худ огоҳ аст, аз он хулоса мебарорад ва бо назокат ҳосили идроки худро ба риштаи тасвир мекашад. Ӯ ҷаври таърихро пеши назар меорад, бевафоии таърихро мазаммат мекунад, дар хонаи рубоӣ ба золимони таърихӣ мурофиа

меорояд. Воқеан, кам аст халқе дар олам, ки чун тоҷикон аз бевафоии таърих ин қадар ранҷи бисёре кашида бошад:

Таърих ба тоҷик вафодор набуд,
Ҷуз ҳамлаи мӯру малаху мор набуд.
Санҷар буду Темур буду дар мулки Бухор
Исмоили Сомонию девор набуд. [4, с.53].

Гоҳо дар либоси рубоии ғиноӣ ҳам баъзе ҳаводиси таърихиро ҷилва медиҳад:

Боз о, ки қиёми ҷонӣ ҳам мегузарад,
Бехобиву шеърхонӣ ҳам мегузарад.
Чун шуҳрату шони давлати Сомонӣ
Аз ғафлати мо ҷавонӣ ҳам мегузарад. [4, с.95].

Гиромидошти шахсиятҳои таърихӣ ки поягузорони адабиёту котибони шаҳодатномаи миллатанд, қарзи ҳар як фарзанди бонангу номус буда, чунин мавзӯъ бо тобишҳои мухталиф дар рубоиёти Гулназар инъикос ёфтааст:

Эй шаҳри азиз, баҳри ҳар бехабаре
Гӯям, ки ту ҳам қадиму ҳам навасарӣ.
Чун Рӯдакӣ аз роҳи қурун меоӣ,
Чун Айнӣ аз инқилоб дорӣ шараре. [4, с.101].

Аз даст рафтани Самарқанду Бухоро аз фоҷиаҳои сахттарини таърихи қарни бист аст. «Он фарҳанги олиро, ки тоҷикон ба вуҷуд оварда, баъд бо туркҳо ба ҳам дидаанд, масалан, осори меъмории Бухорову Самарқандро, ки аҷдоди тоҷикон сохтааанду туркҳо кисман хароб кардаанд, бузургтарошҳои пантуркист имрӯз моли туркон медонанд; ба он фарҳанг ҳақ доштани тоҷиконро инкор мекунанд. Чунин кӯрнамакӣ дар замони шӯравӣ дар Ӯзбекистон бисёр зоҳир шуд. [13, 47]. Аксарияти аҳолии Самарқанду Бухоро тоҷикон буданд. Бо сиёсати «табартақсим» Самарқанд дар қатори Бухоро ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон «ҳадя» карда шуд. Солҳои 80-и қарни бист тадриҷан ҳамаи мактабҳои миёнаву олии ин шаҳрҳоро бастанд. Ҳуқуқи забони тоҷикӣ поймол шуд. Шоир бо қалби саршори отифаву ҳасрат ва тасвире шоирона иброз медорад:

Афтода ба хоки роҳ минбарҳояш,
Пӯшида ба рӯи шоирон дарҳояш.
Аз коғази машҳури Самарқанд имрӯз
Монда рухи коғазии духтарҳояш. [2, с.7].

Шоир чун фарзанди замон ва вориси гузаштагон аз ноадолатиҳои таърих чашм пӯшида наметавонад. Дарки таърихӣ бо отифаи фитриаш

гиреҳ хӯрда, ӯро такон медиҳад, ки воқеиятро рӯи коғаз орад. Репрессия

(шахспарастӣ) -и соли 1937 ба миллати мо низ гароniҳои зиёде овард. Бисёре аз падарон қурбони ин девбоди сиёсат шуданд ва нисбатан «хуштолеон» ба Сибир бадарға шуданд:

Афсӯси баҳори вожгуни падарам,
Сад ҳайфи ҷавонии забуни падарам.
Дар шоху бари дарахти домони Сибир
Гӯё ки давад ҳанӯз хуни падарам. [4, с.142].

Мавзӯи ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар рубоиёти Гулназар низ равшан инъикос ёфтааст. Шоир аз ҷабру зулми Искандару Санҷар нобуд нашудани миллати тоҷикро ёдовар шуда, изҳори нигаронӣ мекунад, ки ин миллатро ҷаҳли мураккаби бародарон, ки алайҳи ҳамдигар дар ду майдон сангар гирифтаанд, нобуд хоҳад кард:

Моро дами шамшери Сикандар накушад,
Хунхорагии лашкари Санҷар накушад.
Мо Юсуфи даврони худему моро
Ҷуз ҷаҳли мураккаби бародар накушад. [5, с.56].

Ҷанбаи иҷтимоии рубоиёти шоир чун дигар анвои шеъраш аз дарки иҷтимоии ӯ сарчашма мегирад. Ҳамдардии шоир ба мардуми ниёзманду саргардон, бечораву бепаноҳ аз тариқи шеъру рубоиёти пурдард сурат гирифтааст:

Гардун ҳама пур зи оҳи сӯзони ман аст,

Дунё ҳама пур зи рӯҳи сарсони ман аст
Месӯзаду ғам меҳӯраду менолад,
Ин сафҳаи шеър Тоҷикистони ман аст. [5, с.57].

Солҳои ҷанги бародаркуш вазъи иҷтимоии мардуми тоҷик хеле бад буд. Мардуми офатзадаву кулфатдида ба ҷуз оҳу фиғон илоҷе надоштанд. Нархи нон барои баъзеҳо аз нархи ҷон қиматтар буд, ки бо оҳанги танзомез дар ин рубоӣ ифода ёфтааст:

Офатзадаро барги хазон арзон аст,
Кулфатзадаро оҳу фиғон арзон аст.
Аз нархи баланди нон набояд ғам хӯрд,
Дар кӯчаву бозор чу ҷон арзон аст. [5, с.59].

Устод Гулназар воқеан **дарки баланди адабӣ** дорад. Ӯ адибест, ки дар деги ҷомеа ҷӯшидаву пухтааст, масъулияти адабӣ ҳамеша ҳамсафару

ҳамдами ӯст. Таҳкурсии **иморати шеъраш** аз адабиёти классикӣ буда, адабиёти муосиру хориҷиро низ хеле хуб омӯхтааст. Ва ин иморатро баланду барҳаво сохтааст, ки хиштҳояш ҳама пухтааанду бо камоли устодӣ чида шудаанд. Агар ҳамин дарки адабӣ ӯро такон намедод, Суруди миллиро дар чунин пояи баланд эҷод карда наметавонист. Ваҳдати халқ ва миллати бо маънои томаш яклухт шудани ӯ таманнои ҳамешагии шоир аст, ки дар рубоие чунин фармудааст:

Эй халқи азизи ман, саломат бошӣ,
Парвардаи номусу шарофат бошӣ.
Аз ҷон гуфтам суруди миллии туро,
То ҷӯр ба ҳам бошиву миллат бошӣ! [5, с.61].

Гулназар **ҳунари шоириашро** сарфи анвои гуногуни шеъраш кардааст, ки рубоиёташ аз ин ҷумла истисно нестанд. Рубоиёти ӯ рубоиёти замони моянд. Аз ин рӯ, аз лиҳози муҳтаво ва дарунмоя на ба рубоиёти классикӣ монанданду на ба рубоиёти солҳои 30-60-и қарни гузашта. Тарзи ифода ва услуби баёну нозукиҳои забон, хаёли шоирона ва мусиқии калимаҳову тасвирҳои тоза хоси рубоиёти Гулназаранд. Ӯ рубоие надорад, ки забонаш хушку муҳтавояш бемағз бошад. Рубоиёти ғиноияш саршори отифа ва эҳсоси ошиқонаанд. Вақте ки онҳоро мехонед, гумон мекунед, ки шоир ба ҷуз фикри ишқ андешаи дигар надорад. Дар рубоиёти фалсафиаш зоҳиран истилоҳоти фалсафӣ ба назар намерасанд, аммо муҳтаво ва дарунмояи онҳо фалсафианд ва ҳангоми мутолиа шумо бо ҳакиме мулоқот мекунед, ки доруи талх, аммо шифобахш бо ӯст. Рубоиёти пандомӯзаш аз зиндагии воқеӣ сарчашма мегиранд. Шумо ҳангоми хондани чунин рубоиёт бо носеҳи беғаразе рӯ ба рӯ мешавед, ки вуқуъгӯй маромии зиндагии ӯст. Миқдори чунин рубоиҳо дар силсилаи рубоиёти Гулназар афзудан дорад, зеро таҷрибаи зиндагӣ ва мурури умр ҳаминро тақозо мекунад. Вақте ки рубоиёти орифонаи Гулназарро мутолиа мекунед, гумон мекунед, ки шумо бо орифи асрҳои миёна суҳбат доред, ки ӯ бо рӯҳи замони мо ошност, бо забони шоиронаи рӯзгори мо алоқа ва ошноӣ дорад:

Аз меҳри Ватан баски сухан мегӯям,
Як ғунчаи хеш сад чаман мегӯям.
«Мансур ба зери дор аналҳақ мегуфт»,
Ман дар таҳи шамшер Ватан мегӯям. [4, с.101].

Гулназар аз восита ва санъатҳои бадеӣ хеле эҳтиёткорона истифода мебарад, то дар рубоиёташ суханбозӣ ҷои вуқӯъгӯиро танг накунад. Зеро зарфи рубоӣ хеле танг буда, дар он ба ҷои хазафпора дурру марҷон бояд андохт. Масалан, санъати талмеҳ дар ин рубоиҳо чунин корбурд шудааст:

Ҳар зарра ба сони қурси маҳ том нашуд,
Ҳар косаи Чин ба рӯи каф ҷом нашуд.
Дар майкадаи муғон, аё дӯст, нигар,
Ҳар бодапарасти ринд Хайём нашуд.

***

Эй лаззати хандаи саҳар, хуш бошӣ,
Шириниии умри даргузар, хуш бошӣ.
Зартушти туам, ки бо сари сабзи туам,

Эй сарви азизи Кошмар, хуш бошӣ. [4, с.128].

Рубоиёти хасиву тарона чун чун анвои ғазалу дубайтиҳои суннатӣ таҳаввулпазиранд, ба шарте ки тафаккуру диди шоир нав бошад.

Инак, намунаи рубоии тарона аз Гулназар:

Аз кӯча гузар, ки навбаҳорон ояд,
Ширинии сабри интизорон ояд.
Аз мӯи ту атри обшорон ояд,
Аз рӯи ту ҳусни рӯзгорон ояд. [5, с.62].

Рубоӣ, ба ибораи дигар, дар шакл таҳаввул намепазирад, яъне, миқдори ҳиҷову вазн тағйир пазируфта наметавонад. Шоирони замонҳои гуногун

аҳёнан ба тағйир додани шакли зоҳирии рубоӣ даст задаанд, аммо дар ин ҷода касе муваффақ нашуд. Баъзан рубоиҳои мустазод ва рубоиҳои мисраъҳояшон дар сохтори **аабб** эҷод шуданд, ки онҳоро рубоиёти воқеан таҳаввулпазируфта арзёбӣ кардан душвор аст. **Рубоӣ бояд аз дарунмояи худ таҳаввул пазирад. Шоири ҳунарманд он аст, ки аз ҷаҳони худ меоғозад ва ба ҷаҳони ҳамагон рахти сафар мебандад.** Гулназар чун шоири огоҳ ҳамин ҷодаи мушкилро пеш гирифтааст. Забони рубоиро саршори мусиқӣ кардан аз ҳунарҳои шоиронаи ӯст. Аз хусусиятҳои дигари рубоиёти Гулназар забони ғанӣ ва пуртанини ӯст ва дигаре ҷанбаи иҷтимоии он, ки тасвирҳое аз зиндагӣ ва рӯзгори муосир дорад ва рубоиёти ӯро аз рубоиёти дигарон бакуллӣ фарқ мекунонад. Масалан, тасвири нооромиҳои солҳои навадуми қарни бист дар ин рубоӣ:

Ҳайфи ту Ватан, ҳазор ҳайфи ту, Ватан,
Сар то сари ту мазор, ҳайфи ту, Ватан.
Бигрифт ғубори ту ҷаҳону н-омад
Аз гарди ту як савор, ҳайфи ту, Ватан! [5, с.57].

Ин рубоии сиёсӣ ба дарди шиорзадагӣ мубтало нест. Дар он тасвиру фазо тоза аст, отифа дар ҷӯш. Такрори пайдарпайи ибораи «Ҳайфи ту, Ватан» чун оғози рубоӣ ва инчунин радиф, такрори бамавқеи ҳарфи «р» ба мусиқии шеър мусоидат кардаанд. Киноя̂ои «ҷаҳонро гирифтани ғубор» ва «аз гард наомадани савор» муҳтавои рубоиро мушаххасу мақбул намудаанд.

Шоир тачрибаву мушоҳидаҳои зиндагиро ба рубоӣ мекӯчонад. Ин вуқӯъгӯиҳои хушку холӣ нест. Самарқанд бо нони хуштаъму ҷилодораш шуҳраи офоқ аст. Шоир аз истифодаи ташбеҳҳои забонзада даст кашида, рӯи маъшуқаро ба нони Самарқанд ташбеҳ додааст, яъне чун анъана онро ба моҳ нисбат надодааст, лабҳои ӯро ба ақиқу лаъл нею ба гулқанд ташбеҳ додааст. Агар «чашми ту сиёҳ» мегуфт, шеърият ҳосил намешуд, аммо «эй рӯи ду чашми ту сиёҳ» -гуфтанаш рубоиро пуртароват кардааст:

Рӯят ба ғами нони Самарқандам кард,
Лабҳои ту бениёзи гулқандам кард.
Гуфтам, ки маро ситораи бахт дамид,
Эй рӯи ду чашми ту сиё!Фандам кард![2, с.11].

Ибораи «теғи бараҳна» дар адабиёти классикӣ мустаъмал аст, аммо «Ватани бараҳна» тасвири тозаест, ки онро худи Гулназар сохтааст. Ӯ дар роҳи таҳаввулгароӣ тачрибаи дигаре ҳам кардааст. Баъзан калимаҳои алоҳидаро аз хонаводаашон талабида ба хонаводаи дигар мекӯчонад ва ба онҳо ҷуфти тоза ва муносиб меёбад. Ин тачриба дар шеърҳои озод ва сафедаш бештар аст, аммо чун мақсади мо алъон таҳлили рубоист, рубоиеро мисол меорем:

Хоҳӣ, ки ба хоки падарон реша кунӣ,
Нанг аст, ки решаро дами теша кунӣ.
То теғи бараҳнаро намонӣ аз каф,
Кай аз Ватани бараҳна андеша кунӣ! [2, с.36].

Ватани дар он солҳо бараҳнашудаи мо имрӯз пероҳани шодӣ дар бар дорад, аммо чунин рубоиҳо дар таърихи он мемонанд. **Дар рубоиёти Гулназар аз армонгароӣ дида воқеъгароӣ бештар ба назар мерасад.** Ба шеъру рубоӣ кӯчонидани вожаҳои зебо ва ифодаҳои дар гӯишҳои

мардум роиҷбуда аз таҷрибаҳои деринаи Гулназар аст. Истифодаи баъзе аз онҳо рубоиёти шоирро ба рубоиёти халқӣ наздику ҳамоҳанг кардаанд:

Ин аґбаи тармапар аҷаб пирам кард,
Шавқи хаму печи ҷодаҳо серам кард. [4, с.46].
***
Обе, ки бирафт, пас наояд дигар,
Ту об наию боз ой, чӣ шавад. [4, с.103].
***
Гӯянд, ки бигзарад ҳар он чи бирасад,
Як дам ґами ишқи ту нарафт аз дили ман. [4, с.111].
***
Аз кӯча гузар макун, дилам меларзад,
Бе дард назар макун, дилам меларзад. [4, с.140].

Ин гуна рубоиёти Гулназар кам нестанд. Боре устод нақл карда буданд, ки ба идораи маҷаллаи «Садои Шарқ», ки рубоиёти халкиро дар саҳифаи махсус чоп мекард, баъзан аз тарафи хонандагон рубоиёти ману Лоиқ ба ҳайси рубоиёти мардумӣ дар лифофаҳо фиристода мешуд. Албатта, ин ґафлати хонанда нишонаи ҳунари шоир аст, ки рубоии ӯро аз рубоии мардумӣ фарқ накардааст. Муҳаммадризо Шафеъии Кадканӣ дар китоби пуарзиши хеш «Бо чароґ ва оина» мисоли аҷоибе овардааст, ки мазмуни мухтасараш чунин аст: Ба Кӯҳӣ ном марди фозил ва соҳибзавқ фармудаанд, ки таронаҳои мардумиро ҷамъ оварад. Ӯ бо мақсади пули бештаре ба даст овардан худаш низ дар ҳамон сабк таронаи бисёре эҷод намудааст. Аммо фармоишгарони шеършинос таронаҳои мардумии «таҳия» кардаи Кӯҳиро «тоза» карда,

ҳамагӣ 700 дубайтӣ (тарона)-и соф мардумиро қабул кардаанду халос. [6, с.608].

Рубоиёти алоҳидае, ки устодон Лоиқ ва Гулназар дар ҳавои рубоиёти мардумӣ гуфтаанд, ба онҳо қаробат доранд, аммо айнияти надоранд. Бо вуҷуди содагии забон ва равонии баён аз онҳо садои шоири воқеии замони мо меояд.

Хулоса, хидмати Гулназар дар рубоисароӣ он аст, ки ӯ тавонист бо мушаххасбаёнию вуқӯъгӯй, тозаҷӯй, истифода аз тасвирҳои зебою шоирона ва забони нобу бетакаллуф, инчунин мусиқии гӯшнавози вожаҳо, дар тамоси бевосита бо рӯҳи замон ва тафаккуру диди нав дар ин жанри суннатӣ таҳаввуле ба миён орад ва муваффақ хам шудааст.

АДАБИЁТ

1. Гулзори Гулназар. -Душанбе: Эҷод, 2005. -164с.
2. Гулназар . Қадаҳи шабнам. -Душанбе : Сурушан, 2001. -48 с.
3. Гулназар. Лоиқе чун Лоиқе. -Душанбе: Сурушан, 2000. -82с.
4. Гулназар. Табхола. -Душанбе: Адиб, 1992. -224с.
5. Гулназар. Ҳар мисраи шеър Тоҷикистони ман аст. -Хуҷанд, 1997. -88с.
6. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеъӣ. Бо чароґ ва оина. -Теҳрон: Сухан,
7. 1390. -768с.
8. Муваҳҳид, Зиё. Дирӯз ва имрӯзи шеъри форсӣ. -Теҳрон: Интишороти
9. Ҳермиз, 1394. -287с.
10. Мусулмониён, Раҳим. Назарияи адабиёт. -Душанбе: Маориф, 1990. -336с.
11. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам. -Душанбе: ДДОТ, 2016. ҷ. 1-2. -544с.
12. Розӣ, Шамси Қайс. Ал муъҷам. -Душанбе: Адиб, 1991. -464с.
13. Умари Хайём. Рубоиёт. -Душанбе: Ирфон, 2010. -44с.
14. Шеъردӯст, Алиасґар. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик. -Душанбе: Адиб, 1997. -272с.
15. Шакурӣ, Муҳаммадҷони Бухороӣ. Хуросон аст ин ҷо. – Душанбе: Дониш, 2009. – 576с.

МЕСТО ГУЛНАЗАРА В РАЗВИТИИ РУБОИ

В статье рассматривается ключевая роль Гулназара Келди в развитии жанра рубаи. Автор питается на основе анализа некоторых рубаи показать роль поэтического искусства Гулназара в развитии жанра рубаи.

***Ключевой слова**: рубаи, эволюционист, традиция форма, рифма, редиф, тема.*

THE PLACE OF GULNAZAR IN THE DEVELOPMENT OF THE RUBAI

This article deals with main role of Gulnazar Keldi in the development of the rubai genre. An author tries to analyze the role of Gulnazar's poetic art in the development of the rubai genre on the basis of an analysis of some rubai.

***Keywords**: rubai, evolutionist, tradition, form, rhyme, theme.*

Сведения об автора:

***Равшани Хамрох** (Хамроев Равшанкул Замонович) ассистент общеуниверситетской кафедры таджикского языка ТГПУ им. С. Айни, E-mail: ravshan60@mail.ru; тел: (+992) 927692017.*

About author:

***Ravshani Hamroh**, an assistant in the Department of General University Tajik Language, TSPU named after Sadriddin Aini, E-mail: ravshan60@mail.ru; тел: (+992) 927692017.*

ЗАВҚИ ШЕЪР ВА МАШАҚҚАТИ ЭҶОДӢ АЗ НАЗАРИ БОЗОР СОБИР

Мавҷуда Т.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Тадқиқи диди эстетикӣ ва таҳаввули таҷрибаи эҷодии суханварони муосир барои мушаххас кардани арзиши осори онҳо муҳим аст. Агар ба таърихи шеъри ҳазорсолаамон назар андозем, мебинем, ки ҳар як суханвар дар меъёри шинохти шеър назари худро дорад ва дар порае аз қитъа ва ё ғазалу қасойиди хеш оид ба арзиши шеъри худ ва ё дигар шоир мулоҳиза рондааст. Дар адабиёти навин ҳам адибон дар баробари навиштани осори бадеӣ, инчунин оид ба шеъру шоирӣ, мақоми суханвар дар ҷомеа, шеъри хубу шеъри бад, оид ба арзиши шеъри худу ашъори ҳамасрон, инчунин оид ба арзиши шеъри классикон изҳори назар кардаанд. Тафовути афкори адабӣ ва танқидии суханварони муосир аз классик дар он аст, ки имрӯз шоирону нависандагон дар мақолаву тақризҳои худ, инчунин дар мусоҳибаву мубоҳисаҳо ва мизҳои мудаввар мушаххас мулоҳизаҳои адабию эстетикиашонро баён месозанд.

Афкори адабӣ ва эстетикии суханварон ба ҷаҳонбинӣ, тамоюли завқӣ, мавқеи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ғоявии онҳо алоқаманд аст.

Бозор Собир аз зумраи он шоиронест, ки дар шеъри навини тоҷик бо сабку услуби ба худ хос мақоми арҷмандеро соҳиб гаштааст ва оид ба арзиши шеъру манзалати суханварии ӯ ноқидону суханшиносон тадқиқоти зиёдеро ба анҷом расонидаанд. Аммо оид ба афкори адабию танқидии ӯ то кунун кассе тадқиқот набурдааст.

Дар ин мақола оид ба завқи шеъру машаққати эҷод аз назари Бозор Собир маълумот медиҳем.

Завқ, чазба, илҳом ва машаққат аз мафҳумҳои истилоҳӣ дар нақди адабӣ ба ҳисоб мераванд. Завқ чун эҳсоси рӯҳонӣ ва ботинии инсон ирсиву модарзодӣ набуда, ба дарачаи маърифату тарбияи кас вобастагӣ дорад. Ҳар фард дорои завқи ба худ хос мебошад. Ин завқ дар ҳамаи умури зиндигии инсон падидор аст: дар баҳо додан ба шеъру мусиқӣ, дар тарзи либоспӯшӣ, умуман дар баҳо додан ба ҳастӣ. Завқи шахс агар дар заминаи шеъри омиёна тарбия ёфта бошад, шеъри олиро қабул надорад. Ва баракс, шахси дорои завқи баланд ҳар гунна ҳарзаву газоф ва шеърҳои кӯчагиро намеписандад.

Дар китоби пурарзиши Абдулҳусайни Зарринкӯб оид ба ин масъала маълумоти хуб дода шудааст. Дар бораи чазба (Lextase), ки муқаддимаи илҳом ба шумор меравад аз нигоҳи равоншиносӣ мулоҳизоти зиёде баён кардаанд. Ба қавли Зарринкӯб «Чазба иборат аз он аст, ки таҳти таъсир ва истилои муҳаррикоте қавӣ ва олӣ шуур ва виҷдони фарде аз ҳам фурӯ резад ва инсон вуҷуди худро дар вуҷуди олитар маҳвшуда биёбад ва эҳсоси саодат кунад». [2, с. 53]) Вобаста ба чигунагии чазба дар ирфон ва шеър тафовутҳо ба назар мерасад. Қаламрави яке ҷамоли зоҳир асту майдони амали дигаре камоли мутлақ. Ҳосили чазба дар зеҳн ва шуури ҳунарманд боиси пайдо шудани илҳом мегардад. Аз замонҳои хеле қадим соҳибназарон шеърро илҳом медонистаанд. Дар Юнони қадим онро муҳаббати худоён ва сурӯшон медонистаанд.

Арабҳо низ аз ҷин ва шайтон, ки муаллим ва роҳнамои ҳар шоир аст ёд кардаанд ва эътиқод доштаанд, ки талқини шеър шаётин мекунанд ва ҳар касеро шайтонаш дар ин боб қавитар бошад, шеъри ӯ беҳтар аст. Дар Ғарб низ аз қадим соҳибназароне аз қабили Буало, Ламартин ва Виктор Гюго вуҷуди ҷазба ва илҳомро қатъӣ шумурдаанд.

Дар мақолаи «Завқи шеър» Бозор Собир завқи шоириро ба ду гаҳвора алоқаманд дониста аст, ки яке гаҳвораи тифлӣ ва алаҳои модар ва дуюмин адабиёти классик. Ӯ менависад: «Гаҳвораи дигари завқи шеър ҳамоно адабиёти хатист. Онҳое, ки дар гаҳвора дар таги сарашон девони ғазалиёти Ҳофизу «Гулистон»-у «Бӯстон»-и Саъдӣ будааст ва онҳое, ки зери бистари хобашон «Девони кабир»-у «Хамса», куллиёти Мирзо Бедилу Соибу Хоқонист, ҳатман соҳибзавқанд. Вале чунин ба назар мерасад, ки ааксарим тоҷикон дар ин гаҳвораи ноз парвариш наёфтаанд, алоқаашон танҳо забонист. Чизи казоие, ки аз ин адабиёт шунидаанд, ҳамон аст, ки дар мактабҳои советӣ дарс медодаанд. Ман зомин, ки ҳанӯз касе аз ин адабиёт китобе ба ҳалолӣ нахондааст. Ман зомин, ки агар-

Чу офтоби май аз машриқи пиёла барояд,

Зи боғи орази соқӣ ҳазор лола барояд, -

дар сад маҷлису маҳфили тоҷикон хонда шавад, касе ба ҳаяҷон намеояд. Зеро зеҳни мо дар ин сабку завқу санъат варзишу парвариш наёфтааст.»[4, с. 117]

Дар ин мулоҳизаи шоир чанд нукта қобили таҳлил аст. Ҳеҷ тифл аз он ҷо ки дар зери сараш «Гулистон»-у «Бӯстон»-ро мемонанд соҳибзавқ шуда наметавонад. Ҳадафи шоир ин аст, ки модаре, ки ин шоҳасарҳоро мехонаду алла мегӯяд ва ба фарзандаш таълим медиҳад натиҷаи тарбия ин мешавад, ки фарзанд соҳибзавқу хушгуфтор мешавад. Аз дигар ҷониб, дуруст аст, ки замони Шӯравӣ муносибат ба адабиёти классикӣ дигаргуна буд. Ва то ба имрӯз ҳам дар мактабҳои миёнаву олӣ адабиётро дарс намедиҳанд, балки адабиётшиносӣ мехонанд. Матни адабиёт як сӯ гузошта мешавад. Аз ин лиҳоз шоир дуруст мегӯяд, ки хонандаи тоҷик қобилияти тамиз кардани матни шеърро надорад.

Дар ин маврид мулоҳизаҳои шоирро дар бораи хушзавқии мардуми кашшоқ ва безавқии мардуми Ғарб овардан лозим мешавад:

Дар шаҳр шууру шеър дар қишлоқ аст,

Дар шаҳр шиору шеър дар қишлоқ аст.

Ақлу ҳушу ҳайрату таачуб дар шаҳр,

Завқу дили беғубор дар қишлоқ аст. [5, 45]

Шеърро бисёр касон маҳсули илҳом мегӯянд. Аммо аз нуқтаи назари илмӣ ин қазия асос надорад. Илҳом, яъне майл пайдо кардан барои анҷоми коре мебошад. Дар ибтидо ҷазба (кашиш) пайдо мешавад, ки инсонро чизе ё касе ба худ ҷалб менамояд. Масалан, шоирро манзарае мафтун мекунад ва мехоҳад онро ба риштаи шеър бикашад. Ана ҳамин хоҳиш илҳом мебошад. Боқӣ навадуҳашт дар сади кор ба машаққат вобастагӣ дорад. Маншаи илҳомро адабиёти куҳан ва ақидаҳои омиёна иборат аз амре медонанд, ки хорич аз вуҷуди ҳунарманд аст, дар сурате, ки равоншиносии имрӯз мекӯшад онро аз даруну вуҷуди инсон ҷустуҷӯ намояд. Бидуни шак то омодагии дарунӣ набошад, илҳом аз хорич изофа намешавад ва илҳоми дарунӣ ҳам бидуни як ангезаи берунӣ мумкин нест ҳосил ояд.

Бозор Собир аз зумраи он шоиронест, ки бештар аз ҳама рӯи шеърҳояш кор кардааст ва тӯли фаъолияти эҷодияш ҳамеша ба таҳриру такмили ашъораш машғул шудааст. Маҷмӯаи «Аз «Гули хор» то «Симхор»-и шоир чунин натиҷа медиҳад, ки ӯ то кунун аз навиштаҳояш қонеъ нест.

Тадқиқи диди эстетикӣ ва таҳаввули таҷрибаи эҷодии Бозор Собир ҳам осон аст ва ҳам мушкил. Осонии масъала дар он аст, ки ӯ дар мақолаву мусоҳибаҳояш ба тафсил оид ба шеъру шоирӣ, машаққати эҷодӣ, арзиши сурудаҳои худу дигарон мулоҳизаронӣ кардааст, вале таҳрири ҷиддие, ки ӯ тайи даҳсолаи охир ба ашъораш ворид намудааст, қобили мулоҳиза ва таҳқиқ аст, ки ин паҳлӯи мушкили масъаларо фаро мегирад. Матлаб ин аст, ки на ҳама таҳрирҳои воридкардаи ӯ бомуваффақият баромадаанд.

Дар мақолаи «Аз «Гули хор» то ин ашъор»-аш шоир менависад: «Ман ҳамин рӯзҳо мунтахаби эҷодиётамро гирд овардам, ки «Гули хор» маҷмӯаи аввалин ва «Симхор» маҷмӯаи охирини ман аст. Дар давоми кор аз ҳафт китобча фақат ҳафтод шеъру сесад чорпора ё рубоӣ

баромад. Бисёр шеърҳо ниҳоят таҳриру ихтисор шудаанд, ба дараҷае, ки аз қитъаҳои дароз-дароз танҳо як-ду байт монду тамом. Ва аксари шеърҳоеро, ки дар замонаш адабиётро хор карда ба ҳар калу кӯре бахшида будам, акнун аз номашон гардондам. Аз бисёр навишторам, ки ҳафтаҳою моҳҳо навиштаю хат кашида, хат кашидаю навишта будам, танҳо як байт ё як-ду банд шеър ёфтам. Ҳайфи шабнишиниҳои барҳадару дам ба дам пуф-пуф сигареткашиҳои ман. Сад ҳайф, ки чи қадар беҳуда нури чашму саломатӣ талаф додам. Дардову дареғо, ки камхобиву хастагӣ чи қадар шабҳоям ба дарди сару рӯзҳоям ба даҳанвоҷаку даҳандараю хамёза гузаштаанд. Азобу заҳмати тоқатфарсои ман боз дар он буд, ки ҳамин шеърҳои лангарии пуршикасту микастамро аз ёд карда, дар вохӯриҳои мунтазам мехондам. Ҳайфи он хонданҳо, ки чи қадар баланду бурро мехондам ва истакон-истакон оби хунук мехӯрдам, ки ҳаяҷону тапидани сахти дилам фурӯ нишинад. Ва сад бор ҳайфам меояд, ки барои ҳамин шеърҳо ҳамқаламонам ба КГБ маълумот менавиштанду ман баёнот медодам…» [4, 76]

Ӯ ба чунин хулосае меояд, ки дар ибтидо таълими дуруст нагирифтааст ва устоди роҳнамо надоштааст. «Ҳамин тавр ба зӯри худомӯзию меҳнату заҳмати худам шоир шудам, муаллиму устози ҳақиқию ҳаққониам худам будам. Ҳеҷ кас дасти навишту ҳавои равиши қалами маро рост накардааст. Аммо нағз фаҳмидам, ки алалхусус дар шоирӣ устозу раҳнамое мебояд ва ин касаба, касабест сахт вобаста ба муршиду мурид, ки гуфтаанд:

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.
Ҳеҷ Мавлоно нашуд Муллои Рум
То муриди Шамси Табрезӣ нашуд. [3, 28]

Шоир менависад, ки агар устози ғамхору мураббии дилсӯзе медоштам, дар як умр не, дар панҷ-даҳ сол шоир мешудам. Бо мададу раҳнамоии устоз, харра-харра китобҳои музахраф нахонда, китобҳои хуб мехондам ва ин ҳама сол заҳмати барҳадар накашида, сеҳру афсуну назокати шеърро зуд аз бар карда, зуд мерасидам…Дар идома ӯ меафзояд, ки ба адабиёт аз ибтидо кӯрмон ворид шудааст, кӯрмол-кӯрмол то ба кунун расида, ранги нобиное, ки дару деворҳоро молидаю палмосида ҳаракат мекунад. Ва илми шеърро айни ҳамон нобиное аз худ кардааст, ки хаму печу пастию баландӣ ва чоҳу ҷӯйи кӯйу барзанро бо молидану палмосидани дасту по аз ёд карда. Ба ин вақҳ бисёр лағжидаю пешпой хӯрда, то ба ҷое, ки мебоист нарасидааст ё хеле таъхир шудааст. «Чизҳое, ки бояд дар 20 солагӣ мефаҳмидам, дар 60 солагӣ фаҳмидам, ки вақти мурданам расидааст. Эй дареғ, замоне заҳмат мекашию мефаҳмию медонию пухтаву тайёру омода мешавӣ, мебинӣ, ки умрат тамом шудааст. Пештар намефаҳмидам, вале шабҳо то ба рӯз менавиштаму мехондаму хат мезадам ва фарҳанг ба фарҳангу китоб ба китобу рисола ба рисола луғату тафсиру тавзеҳ ҷуста, хаста намешудам. Ҳозир баракс, мефаҳмам, медонам, корро ёд гирифтаам, аммо коре наметавонам кард, хотирпарешонӣ, сактаи дилу гурум-гуруми сина, азоби тарбоду дарди чӯра, сили ғадуди гардан, фишори хуну сарчархаку сардард, сӯзиши банду пайванди пойҳои шалу вал ва ғаму андӯҳи гарони танҳоию маргу мотами бародарону хешу табор намегузоранд, миёни қаламамро шикастаанд». [4, 77]

Ин андешаи шоир дар воқеъ қобили мулоҳиза аст. Барои шоир шудан гузаштагони мо аввал саводи адабӣ мебароварданд, яъне маҷмӯи улуме, ки зарур буд, аз қабили арӯзу қофия, бадеъ, маонӣ, баён ва амсоли инҳоро мехонданд. Дар маҳфилҳои шеърӣ аз устодон шеър меомӯхтанд ва ин омӯзиш мисли калиде барои кушодани дарҳо то охир барояшон хизмат мекард.

Бо вуҷуди ҳамаи ин шеър маҳсули машаққату заҳмати зиёд аст. Шоир бояд ҷанбаи лафзии каломро тоза намояд, ба ибораи дигар ба шеър либоси нав пӯшонад, ки ин масъаларо маҳорати адабӣ меноманд.

Ҳамаи суханварони маъруфи гузашта машаққати эҷодиро дар навиштани шеър муҳим донистаанд. Чунончи, Анварии Абевардӣ менависад:

Чун ман ба раҳи сухан фароз оям,
Хоҳам, ки қасидае биороям.
Эзид донад, ки ҷони мискинро
То чанд аною ранҷ фармоям.

Сад бор ба уқда даршавам то ман
Аз уҳдаи як сухан бурун оям. [1, 194]

Ва ё Низомии Ганҷавӣ шеъри тару тоза гуфтанро ба ҷон кандан монанд кардааст:

Сухан гуфтани бикр ҷон суфтан аст,
На ҳар кас сазои сухан гуфтан аст. [6, 89]

Бозор Собир низ дар мақолаву гузоришҳо ва шеърҳояш заҳмату машаққатро барои эҷоди шеър шарти муҳим медонад. Ҳанӯз дар шеъри замони Шӯравӣ эҷодкардааш шоироне, ки сухани тоза нагуфта, ҷилд-ҷилд китобҳояшонро нашр сохта соҳиби унвону мукофотҳо мешуданд, мазамман намуда гуфта буд:

Ман валекин бештар аз пурнависам дар шигифт,
Нав нагуфту нав ба нав аз халқ навдорон гирифт.
Бар тани девораш ин донишмаоб,
Чида як девор аз хишти китоб.
Хишти девори утоқаш пухтаву хишти китобаш хом,
Мон ту, корашро заминҷунбӣ кунад ҳал,
Бар сараш хишти китобаш афтад аввал… [4, .79]

Агар меъёри шинохти шеър ҳунар қарор бигирад ва ҳунар дар тозагии баёну ихтирои шаклҳои тозаи хаёлӣ бошад, устод Бозор дар шеъри муосири мо беназир аст. Ҳарчанд худи ӯ аз шеъраш норизост, аммо шеърҳои зиёде дорад, ки бо онҳо метавонад дар таърихи адабиёти мо мақоми абадӣ дошта бошад. Дар иқтибоси зер низ масъалаи машаққати эҷод ва мақсад аз шеъру шоирӣ ба таври асил баён шудааст. Бисёре аз суханварони муосири мо ҳадафи шоириро дар он мебинанд, ки чанд ҷилд китоб чоп менамоянд. Ҳар қадар ҷилди китобашон ғафс шавад меболанд, ки ин амал кори беҳудааст. Шоир дар таърихи адабиёт аз рӯи миқдори абёт не, балки аз рӯи сифати шеъраш ҷовидонӣ мешавад. Дар забони миллати худ бо байте ҳам ҷовидон шудан, бақои исми шоирро таъмин месозад:

Гарчи мардум ҳарчи мегӯянд,
Кӣ чу ман дар орзуи номи Ҳофизвор нест;
Ки намехоҳад, ки якто не,
Камтарин бошад валекин шоире бошад,
Шоҳкоре не, агар байте бимонад ёдбуд
Дар забони миллати худ…[4, 54]

Дар шеъри зер, ки Бозор Собир машаққату заҳматашро ҳангоми эҷод тасвир кардааст, пайравӣ ба шеъри «Ангур»-и Нодири Нодирпур кардааст:

Ин қадар ранг, ки дар дафтари ман
Аз димоғи қаламам мерезад.
Ба Худо, хуни ман аст.
Ба Худо хуни ман аст,
Ба Худо, ранги қалам хуни ман аст.
Аз димоғи қаламам дар дафтар
Хуни ман мерезад,
Ҷуз қалам нест касе ҳамрангам,
Ҷуз қалам нест касе ҳамхунам… [3, 32]

Мулоҳизаҳои адабию танқидии Бозор Собир манзараи таҳаввул ва ташаккули шеърро дар адабиёти тоҷики солҳои 60-80 ошкор месозанд. Дар воқеъ, дар қиёс бо имрӯз он рӯзгор заминаи мусоиду муаммале барои равнақи шеър вуҷуд надоштааст. Дар мақолаи «Падарсолори шеъри форсӣ» ӯ андешаҳояшро оид ба шеъру манзалати суханварии Нодири Нодирпур баён карда, ба ин васила сатҳи саводи адабии шоирони тоҷику эрониро ошкор месозад. Ӯ менависад, ки «Нодири Нодирпур шоирест вожапардозу суханпардозу забонпардозу мазмуну маънипардозу шевапардозу адопардозу андешапардоз ва ҷумла ташбеҳу тасвираш дастнахӯрдаю чашмначарида. Шеъри ӯ танҳо зоҳиран нав нест, вожа ба вожа, сухан ба сухан, ҷумла ба ҷумла, хат ба хат, ташбеҳ ба ташбеҳ, тасвир ба тасвир, нукта ба нукта, мазмун ба мазмун, дарун ба

дарун, қабат ба қабат аз беху бунёд нав аст. Ҳатто ғазали урфиро ҳам аз беху бунёд нав мегӯяд…»[4.88]

Воқеан, аз рӯи ин мулоҳизот метавон хулоса кард, ки шеъри тоҷики солҳои 60-80 дар қиёс бо шеъри Эрон хеле заиф ва сода аст. Нагирифтани таълим аз фанни шеър, огоҳ набудан аз суннатҳои адабию балоғат боиси паст рафтани завқи суханшиносию сухансанҷии шоирони мо гардидааст. Он чи ки имрӯз назари Бозор Собирро нисбат ба шеър дигар кардааст, ин аст, ки партаверо аз ҷамоли шеъри ноб дарёфтааст ва ин ҷилва чашми ӯро то ҷое хира намудааст, ки худро дар қиёс бо шоҳкориҳои шеър оҷиз вонамуд намудааст. Ҳамон партаве, ки ду аср пеш аз шеъри Мирзо Бедил ба суханварони баъдӣ таҷаллӣ карда буд ва ҳама зери таъсир монда буданду аз татабӯъ даст кашида наметавонистанд.

АДАБИЁТ

1. Девони Анварӣ. /Таҳияи нашр бо тасҳеҳи Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 260 с.
2. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Нақди адабӣ, ҷустуҷӯ дар усул ва равишҳову мабоҳиси нақҳодӣ бо баррасӣ дар таърихи нақд ва нақҳодӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1373. – 921 с.
3. Собир, Бозор. «Аз «Гули хор» то «Симхор».-Москва: Инстрандорнаука, 2003. – 250 с.
4. Собир, Бозор. Шоиру шеъре агар ҳаст…(маҷмӯаи ашъор ва мақолаҳо). – Душанбе: Адиб, 2006.- 121с.
5. Собир, Бозор. Лолаи сиёҳ. – Душанбе: Адиб, 2013. – 88 с.
6. Низоми Ганчави. Кулиёт. Иборат аз 5 чилд. Ч.2. бо тасҳеҳи Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе, «Ирфон», 1982.- 186 с.
7. Бертельс Е. Э. История персидско-таджикскойлитературы. Москва, 1960. – 556 с.
8. Шиблии Нуъмони. Шеърул ачам.Қ.1. 1360.
9. Муллоаҳмадов М. Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт.- Душанбе, Дониш 2008. 160 с.
10. Р. Мусулмониён. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990.
11. Л. И. Тимофеев. Основы теории литературы.М.: Просвещение, 1968. -480 с.

ТВОРЧЕСКИЙ ИНТЕРЕС И КРИТИЧЕСКИЕ ВЗГЛЯДЫ БОЗОР СОБИРА

Бозор Собир является одним из тех поэтов, который в таджикскую прозу вложил свой вклад и занял видное место. До сих пор о поэзии Бозор Собира и его творчестве имеется много работ, но о его эстетической отношение к литературе некто не говорил.

В данной статье рассмотриваются эстетическое интерес и творчество Бозор Собира.

Ключевые слова: *интерес, творчество, стих, литературная деятельность, эстетический взгляд, критическое отношение.*

THE INTERST OF THE VERSE AND CREATION DIFFICULTY FROM THE POINT OF VIEW OF BOZOR SOBIR

Bozor Sobir is one of the prominent poets who has got his own methods of writing in Tajik literature. Regarding the value and state of his verses there were performed a lot of researches. But regarding his critical thinking any research has not been done yet.

This article deals with verse and difficulty of creation from the point of view of Bozor Sobir.

Keywords: *interest, creation difficulty, verse, literary thought, esthetic view, critical thought, social place*

Сведение об авторе:

Мавджуда Талбзада*, аспирант 2 курса кафедры таджикской литературы ТГПУ им С.Айни; тел: +(992)985 45 1077*

About author:

Mavjudai Talbzoda, *2nd year postgraduate student in the Department of Tajik Literature, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Tel.: +(992)985 45 1077*

РӮДАКӢ ВА ЗАМОНИ Ӯ ДАР ПАЖӮҲИШИ А.А СЕМЕНОВ

Файзуллоева Б.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Донишманди барҷаста ва муаррихи шинохтаи рус А.А Семенов оид ба даврони зиндагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ пажӯҳиши судманде анҷом додааст, ки андешахояш ба асноди илмӣ ва сарчашмаҳои муътабари таҳқиқотӣ такя дорад. Ин пажӯҳишҳои судманди А.А. Семенов дар гузориши ҷиддии илмияш бо унвонхои “Два великих поэта X века. (Рудаки и Дакики)”, “К вопросу о происхождении Саманидов” ва “Эпоха Рудаки (очерк) [13, 5-6] баён гардидаанд, ки аксари андешаҳои ин муҳаққиқ то кунун аз арзиши баланди илмӣ ва сарчашмашиносӣ бархурдоранд.

Рочеъ ба замони Рӯдакӣ, хусусан салтанати Сомониён, пайдоиш, тараққӣ ва суқути он донишмандони риштаи таърих, аз ҷумла В.В. Бардтолд, Луи Дюбу, А.А.Семенов, Л.Босворт, Б.Ғафуров, Н.Неъматов, А.Мухторов, Э.А. Давидович, А.Ю.Якубовский ва донишманди эронӣ Ҷаводи Ҳиравӣ ва дигарон тадқиқоти арзишманде кардаанд.

Сардафтари адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар бинни Муҳаммад Рӯдакӣ, ки барҳаҷ унвонҳои ифтихории Одамушшуаро, Султонушшуаро, Соҳибқирони шоирӣ ва ғайраро сазовор гардидааст, дар замоне зиндагиву эҷод кардааст, ки дар таърихи миллати тоҷик аз давраҳои густариши давлатдории миллӣ ва инкишофи илму адабиёт маҳсуб мешавад. Дар ин давраи таърихӣ халқи тоҷик дорои давлати миллии мукҳтадир гашт, ки бо номи Сомониён ёд мешавад ва дар ин марҳила илму забону адабиёти миллӣ хеле рушд кард, ки рочеъ ба ин масъала садҳо тадқиқоти илмӣ анҷом пазируфтааст.

Пайдоиш ва вусъат пайдо кардани ин воқеоти таърихӣ дар навбати худ аз якчанд омилҳои хоси иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ сахт алоқаманд мебошад, ки рочеъ ба ин масъалаҳо дар ахбори сарчашмаҳои гузаштаи дур маводи зиёд баён гардидааст. Аз ҷумла ин ахбор дар китобҳои муътабари “Таърихи Бухоро” –и Муҳаммад Наршахӣ, “Муъҷам-ул-булдон”-и Ёқути Ҳамавӣ, ва ғайра, инчунин осори тадқиқотии В.В Бардтолд “Туркистан в эпоху монголского нашествия” ва “Тоҷикон”-и Б. Ғафуров баёни илмии худро ёфтаанд.

Аз миёни ин тадқиқотҳо андешаҳои муаррихи пухтакор А.А. Семенов низ мақоми хос дорад, ки ҳамагӣ бар нишондодҳои таърихӣ ва таҳлили манбаъҳо асос ёфтаанд.

Барои он ки масъалаи Рӯдакӣ ва замони ӯ барои тадқиқоти мо равшан гардад, зарур аст, ки омилҳои асосии рушду тавсеаи давлатдории Сомониён ва неҳзати фарҳангиву илмии онро каме бошад ҳам баррасӣ намоем, ки ин нуктаҳо дар пажӯҳиши А.А. Семенов то куҷо баррасӣ гардидаанд.

Ба андешаи А.А.Семенов саҳифаҳои рӯзгор самтҳои зиндагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ он қадар равшан нест ва ӯ зарур мешуморад, ки бештар ба маводи сарчашмаҳои илмӣ ва тазкираҳо ручӯъ намуда, маводи дурусту арзишмандро баён намоем. А.А. Семенов дар асоси омӯзиши ҳаматарафаи манбаъҳо таъкид мекунад, ки замони зиндагии Рӯдакӣ ва давраи шукуфоӣ ва густариши илму фарҳанги халқи тоҷик, ки ду аср IX ва X-ро фаро гирифтааст, рост меояд [13, 5].

Ба таъкиди ӯ Рӯдакӣ дар нимаи дуюми асри IX ба дунё омада, дар замони салтанати Сомониён зиндагиву эҷод карда, дар ибтидои қарни X аз олам гузаштааст. А.А.Семенов қайд мекунад, ки замони солорӣ ва куҳансолии Рӯдакӣ ба давраи нобасомониҳои сиёсӣ ва суқути давлати Сомониён рост омадааст. Дар мавриди шукӯҳу суқути давлати Сомониён А.А. Семенов дар баробари маводи манбаъҳои зиёди илмӣ бештар ба тадқиқоти В.В.Бардтолд эътимод дорад ва таъкид мекунад, ки: “Дар ин маврид хизмати арзанда ба таърихшиноси барҷастаи рус, академик В.В. Бардтолд мансуб аст” [13, 5].

Дар давоми тадқиқоти худ А.А. Семенов дар баробари воқеаҳои зиёд, аз ҷумла, асосгузори сулолаи Сомониён Исмоил бинни Аҳмад, ки ӯ аслан аз Фарғона буда, муносибати ӯро бо бародараш Насри I ва талошу муборизаҳои ӯро барои расидан ба ҳокимияти сиёсии мустақил ва ҷанги ӯ бо бародараш Наср, мағлуб шудани Наср ва бахшидани гуноҳи ӯ аз ҷониби Исмоил ва ғайраро дар асоси хронологияи таърихӣ як–як баён медорад, ки ҳамагӣ дар асоси маводи таърихӣ ифода ёфтаанд.

Баъд, А.А. Семенов қайд мекунад, ки давлати ташкилнамудаи Исмоили Сомонӣ аз нигоҳи сохтор давлати мусулмоние буд, ки ба арзишҳои давлати Сосониён такя мекард ва дар аввалҳо вазифаҳои давлатӣ ва ҳарбӣ бештар ба мардуми бумӣ дода мешуд, ки аз ҳисоби деҳқонон ва бошандагони Мовароуннаҳр буданд ва баъдҳо бештар дар қушунҳо ғуломону зархаридони турк қалб шудаанд, ки дар ниҳояти кор ба шикасти давлати Сомониён овард [3].

Ба таъкиди А.А. Семенов дар қаламрави Сомониён ва гӯшаҳои дури он, аз ҷумла, Хоразм, Исфизоб, Хуттал, Рашт, Гузгон, Систон ва ғайра ҳокимони хурде ҳукумат доштанд, ки расман ба Сомониён тобеъ буданд, вале худро озодтар эҳсос мекарданд.

Дар давоми тадқиқоти худ А.А.Семенов дар бораи вазъи иқтисодӣ, молиёт, андозбандӣ, муносибати Сомониён бо аристократияи маҳаллӣ, феодалҳо, заминдорон, хазинадорӣ, аз додани хироҷ бе халифаҳои араб озод шудани Сомониён ва дигар масъалаҳо маводи фаровон меорад. Инчунин, дар бораи инкишофи ҳунармандӣ, аз ҷумлаи коғазистеҳсолкунӣ, зарфҳои чиниворӣ, шоҳибофӣ, иморатсозӣ, рушди хоҷагидорӣ ва ғайра маълумот медиҳад. Дар ҳамин ҷо дар бораи ёдгории беназири замони Сомониён мақбараи Исмоили Сомонӣ дар Бухоро ва аз маводи қимат сохта шудани бино, кошикории он ва ҳазор сол инҷониб устувор будани сухан гуфта, қайд мекунад, ки аз рӯи шакл ва тарҳи олияш ин бино яке аз шоҳкорҳои архитектураи олам ба ҳисоб меравад [13, 5].

Воқеан, замони Рӯдакӣ ва Сомониён дар таърихи илму фарҳанги миллати тоҷик беназир аст, ки аз он рӯзгор осори зиёди илмӣ ва фарҳангӣ боқӣ мондааст. Аз ҷумла, масҷиди Шери Кабир дар шаҳри Машҳади Мисриён ёдгории асрҳои IX- X вокеъ дар Ҷумҳурии Туркманистони кунунӣ, масҷиде дар деҳаи ҳазораи атрофи Бухоро, ёдгории асри IX мебошад, ки то ҳоло барҷоянд [13, 7].

А.А.Семенов дар пажӯҳиши худ аз замони Сомониён то кунун дар қисмати болооби Зарафшон, дар ҳудуди навоҳии Айнӣ ва Панҷакент боқӣ мондани чӯбкориву кандакорӣ ва ёдгории даврони Суғдӣ, ки дар Панҷакент боқӣ мондааст ва назири он дар дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ ба назар намерасад, маълумоти муфиди таърихӣ медиҳад. А.А. Семенов баъд аз баёни ин нуктаҳо, ки дар замони Рӯдикӣ ривоҷ доштаанд, тадриҷан ба мавҷуд будани расмкашӣ ва миниатюраҳо (тоблуҳо) дар ин давра мепардозад ва таъкид мекунад, ки ҳарчанд аз ин давра осори миниатюрӣ боқӣ намондааст, аммо илму адабиёт ривоҷи хубе дошт, аз ин рӯ метавон чунин ҳадс зад, ки корҳои илмӣ ва назму наср ба забонҳои арабӣ ва форсии тоҷикӣ навишта мешуд, ҳатман дастнависҳо ва миниатюраҳои ин давра нигошта шудаанд [13, 12].

Баъд, А.А.Семенов аз чандин манбаъҳо мавҷуд будани дастхатҳо, навиштаҷотҳои паҳлавӣ, расми шоҳон ва ғайраро меорад, ки ба навиштаҳои ҷуғрофидонон Истахрӣ, Ибни Ҳавқал ва Масъудӣ (географи араб) такя кардааст [13, 14].

Муҳаққиқ А.А.Семенов баъд аз баёни нуктаҳои фавқ, ки аз омилҳои муҳими рушди фарҳанг мебошад, дар тадқиқоти худ дар бораи дар давлати Сомониён ҷой доштан ва инкишоф ёфтани ҷараёнҳои мазҳабӣ, аз қабили муътазилӣ ва қарматӣ, ки ба рушди давлат ва инкишофи илм халали зиёд ворид мекарданд, андешаронӣ мекунад. Дар яке аз ин ҷараёнҳо, ки реша бар хурофоти динӣ доштанд, раванди густариши илму фарҳангро монеъ мешуданд ва ҳатто намояндагони илму фарҳанг, ки ақидаҳои пешқадам доштанд ва ба оини Зардуштӣ эҳтиром доштанд, қисман нест мекарданд.

Дар давоми андешаҳои худ А.А.Семенов зикр мекунад, ки: “Дар Самарқанд ва атрофи он қарматиҳо 17 мадраса доштанд ва муқобили қарматиҳои хурофотпараст донишмандони исломшиноси замони Рӯдакӣ, аз ҷумла, Абулҳасими Самарқандӣ (вафот 953) ва Абӯмансури Мотуридӣ (вафот 940) мубориза мебурданд” [13, 14].

Ин гуна ақидаҳои хурофотӣ дар илму адабиёт низ ҷой мегирифт, ки дар ин бора дар фаслҳои баҳси рисола муфассал андешаронӣ хоҳем кард.

Замони Рӯдакӣ, ки ба ҳукуматдории Сомониён баробар аст, дар ҳақиқат аз давраҳои инкишофи давлатдорӣ ва густариши илму фарҳанг буд ва хонадони Сомониён аз наҷибзодагони Мовароуннаҳр будаанд, ки дар ин бобат А.А. Семенов чунин мегӯяд: “Сомониён аз наҷибзодагони аслии Мовароуннаҳр буда, гузаштагони онҳо аз вақтҳои гузаштаи хеле қадим дар ин сарзамин умр ба сар мебурдаанд” [15, 16].

Ҳамин тавр, дар давлати Сомониён ва ду шаҳри марказии он Бухорову Самарқанд, ки Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ин шаҳрҳо зиндагиву эҷод кардааст, дар асрҳои IX- X ривоҷи илму фарҳангу ҳунар ва давлатдории миллии тоҷикон ба ваҷҳи аҳсан пешрафтҳо дошт. Академик Абдулғанӣ Мирзоев дар ин маврид таъкиди ҷолибе дорад: “Давлати Сомониён аввалин шакли давлатдории тоҷикон аст, ки дар давраи мавҷудияти он халқи тоҷик ва дигар мардуми Мовароуннаҳр, Хуросон, Эрон ва Афғонистон ба муваффақиятҳои калони сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ, маданӣ ва адабӣ соҳиб гардидаанд” [1, 18].

Ба таъкиди А.А. Семенов дар ин замон дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд осори зиёди илмӣ ва адабӣ ба забони давлатии хонадони Сомонӣ форсии дарӣ ё тоҷикӣ ва арабӣ аз ҷониби донишмандони машҳури давр: Мусо ал-Хоразмӣ, Сибавайҳӣ, Абдулвафо Муҳаммад ал-Нишопурӣ, Абӯҷаъфар ал-Хозинӣ, Хозини Хуросонӣ, Абдураҳмон ибни Умар ас-Сӯфии Розӣ, Абӯмаҳмуд ҳамид ибни Хузори Хуҷандӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Закариёи Розӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абӯбакри Наршахӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,

Шаҳидии Балхӣ, Муродӣ ва дигарон навиштаву эҷод шудааст. Беҳтарини донишмандону адибони даврони Рӯдакӣ парвардаи мактабҳои илмиву адабии Бухорову Самарқанд будаанд ва беҳуда нест, ки: “Дар ноҳияи Мовароуннаҳр шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ба сони ду гавҳар дурахшидаву дорои қидмати бас деринаву куҳане дар таърих низ будаанд. Аз тарафе, ба далели қароргирифтан дар канори рӯди Суғд аз хуррамиву сарсабзии хосе низ бархурдор будаанд. Дар ибтидои қудратёбии Сомониён шаҳри Самарқанд ба унвони мақарри ҳукумат ба ҳисоб мерафт, вале бо марги Наср (279 ҳиҷрӣ) пойтахт ба Бухоро интиқол дода шуда, Амир Исмоили Сомонӣ шаҳри Бухороро равнақу вусъати фаровоне бахшид. Ба тадриҷ Бухоро ба унвони яке аз муҳимтарин шаҳрҳои Эрон шинохта шуда, бо Бағдод маркази Хилофати Аббосӣ кӯси бародари зад, маркази донишмандону улламову адибон гардид”. [18, 169]

А.А. Семенов ҳамчун муаррихи варзида ба шеъри замони Рӯдакӣ ва хоса худи Рӯдакӣ таваҷҷӯҳ зоҳир карда, таъкид мекунеад, ки дар қатори пешрафтҳо шеъри шоироне ба мисли Рӯдакӣ ва Дақиқӣ бештар майл ба ҷараёнҳои мазҳабӣ дорад ва ба ҳукми мисол рубоии Рӯдакӣ:

Аз Каъба калисиёнишинам кардӣ,
Охир дар куфр беқаринам кардӣ.
Баъд аз ду ҳазор саҷда бар даргаҳи дӯст,
Аз ишқ, чӣ бегона зи динам кардӣ!? [10, 89].

А.А.Семенов дунболаи тадқиқоти худро ба масъалаи забони замони Рӯдакӣ ва дафтардории Сомониён бахшида, мегӯяд, ки: “Забони давлатии девони Сомониён забони тоҷикӣ ё тавре ки он замон ёд мекарданд, форсӣ (порсӣ) буд, инчунин дар адабиёт ва илм забони арабӣ истифода мешуд. Инчунин, дар замони Сомониён, ба андешаи А.А. Семенов дар қисмати Эрон забони паҳлавӣ ё форсии миёна низ дар истифода қарор дошт.

Дар ин замон, таъкид мекунад А.А.Семенов “мардум ба ин забон осор мехонданд ва осори зиёдро ба забони форсӣ тарҷума мекарданд” [13, 16].

Бинобар андешаҳои А.А. Семенов, забони форсии ин давра ду хусусияти услубӣ дошт:

– якум, аз нигоҳи сохтори баён хеле сода ва дур аз такаллуфоти арабӣ буда, ба номи дарӣ ёд мешуд;

– дуюм, форсии бо ифодаҳои арабӣ омехта ва бо баёни нисбатан печидаву мушкил ифодашаванда, ки хоси гӯиши ҳокимон, давлатдорон буд ва ин шева дар замонҳои баъд (садаҳои аз XI ва XII) бештар густариш ёфта, шеваи баёни зебову содаи дарӣ ҷойи худро ба ин забон вогузошт.

А.А. Семенов ба ин андешаи худ чунин далелро меоварад: “Амири Сомонӣ Нӯҳ бинни Наср дар соли 951 аз Хоҷа Амид Абулфаворис хоҳиш мекунад, ки аз забони паҳлавӣ ба забони форсӣ “Китоби Синдбоди дарёгард”-ро, ки сарчашмаи ҳиндӣ дорад, тарҷума кунад. Хоҷа Амид Абдулфаворис ин китобро ба шеваи дарӣ (ба луғати дарӣ) тарҷума мекунад ва баъд аз гузашти 200 сол бо супориши ҳокими Қарохонӣ Қилич Табғоч-хоқон, писари Қилич Қарохон Муҳаммад бинни Алӣ бинни Муҳаммад бинни Ҳасан ал-Котиби Самарқандӣ ба забони форсии роиҷи замони худ тарҷума мекунад, ки аз вожаву ибораҳои арабии зиёд ва ҳадису оятҳои Қуръонӣ истифода кардааст” [13, 17].

Бо ин гуфтаҳо А.А.Семенов қайд мекунад, ки бо истилоҳи дарӣ дар замони Сомониён на забони алоҳида, балки як шеваи баён, ки услубан соддаву гуворо буд, фаҳмида мешавад, ки ба ин шева “аз шоҳ то гадо” сухан мегуфтанд ва ба ин шева шоирони машҳур Рӯдакӣ, Шаҳид ва дигарон шеър эҷод кардаанд. Аммо ба ин адешаи А.А. Семенов ва забоншиносон ақидаи дигар доранд, ки мо бо сабаби мавзӯи баҳсамон набудани ин андеша, аз баррасии он, ки фурсати зиёдро мегирад, худдорӣ мекунем.

Ба ҳар сурат, замони зиндагиву кору пайкори ӯ аз давраҳои хеле дурахшони адабу фарҳанги форсии тоҷикӣ аст, ки дар ин бобат, ки дар таърих бо номи давраи растохези фарҳангӣ ёд мешавад, донишмандони зиёди ватаниву хориҷӣ мунтақиданд ва мо низ ҷонибдори ин андеша ҳастем.

Назми даврони Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ин давраи ривоҷу равнақи забони тоҷикикӣ, адабиёти тоҷик ва давлатдории тоҷикон мебошад, ки дар ин бора даҳҳо тадқиқоти сарчашмашиносӣ, таърихӣ, адабӣ ва фарҳангӣ гувоҳу далеланд. Дар бораи назми даврони Рӯдакӣ донишмандони зерин: Е.Э. Бертелс, А.А. Семенов, С.Нафисӣ, З.Сафо. Э.Браун, М. Баҳор, А.Мирзоев, А.Афсаҳзод, Р.Ҳодизода, Х.Мирзозода, Ш.Ҳусейнзода, А.Насриддин, Х.Шарифов, А.Сатторов, А.Абдуллоев ва даҳҳо дигарон асару мақола ва гузоришҳои ҷолиб кардаанд.

Асосу бунёди адабиёти хаттии форсии тоҷикӣ дар асрҳои IX- X гузошта шудааст, ки ба давраи густариши давлати Сомониён мувофиқу баробар аст. Дар охирҳои асри VIII ва оғози асри IX дар майдони адабиёт шоирони дузабонае ба камол расиданд, ки дар баробари шеъри арабӣ инчунин ба форсии тоҷикӣ шеърҳо месуруданд. Дар он замон худшиносии мардуми форсу тоҷик ба авҷи баланд расида, кӯшишҳои аз нав зинда гардонидани забони паҳлавӣ ба назар

мерасад. Аммо да оғози асри IX, ки оини исломӣ дар қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр хеле ривоҷ ёфт, майл ва пешрафту тавсиаи боқимондаҳои оини зардуштиву паҳлавӣ дар ин кишварҳо рӯ ба инқироз оварданд.

Дар охири асри VIII ва оғози асри IX аллакай шоирони дузабонае ба камол расидаанд, ки дар баробари шеъри арабӣ ба форсии дарии тоҷикӣ қитъаҳои муназзам мегуфтанд. Ин шоирон Язид ибни Муфарриғ (вафот 688), Абулянбағӣ, Абӯҳафси Суғдӣ, Муҳаммади Восиф, Бассоли Курд, Муҳаммад ибни Баъис, Муҳаммад ибни Мухаллад, Маҳмуди Варроқ, Абӯсолиҳи Гургонӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ ва дигарон мебошанд.

Ҳарчанд дар нуқоти гуногуни кишварҳои форсизабонони асрҳои IX- X нашрҳои гуногуни шеъри форсии тоҷикӣ падид оянд ҳам, маркази муқтадиру ҳақиқии шеъру адаби замони Сомониён ҳамон Бухоро ба шумор мерафт. Шаҳри Бухоро, ки аз соли 892 бо кӯшиши бевоситаи Исмоили Сомонӣ пойтахти Сомониён қарор гирифта буд, дар охири асри IX ва оғози асри X ба маркази бузурги илмиву адабии мамлакат табдил ёфт. Берун аз дарбори Сомониён ҳам маҳфилу анҷуманҳои адабиву илмӣ вуҷуд доштанд.

Оид ба ривоҷи илму адаби ҳамин давра донишманди тоҷик А.Афсаҳзод чунин гуфтааст: “ Бо вуҷуди ин, дар он замон дар қаламрави Сомониён гармтар аз ҳама конуни адабиёт гардон буда, дар пойтахту шаҳру вилоятҳо адибони зиёд асар менавиштанд. Дар ибтидои давр устоди тарбиятгари шоирону пешвои тамоми адибони замон Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва дар охири он суханвари ҷаҳонӣ Абулқосим Фирдавсӣ зиндагиву эҷод мекарданд. Абӯалӣ ибни Сино низ аз нобиғаҳои парвардаи ҳамин аср буд” [6, 85].

А.А. Семенов рушду инкишофи адабиёти давраи Рӯдакиро дар се омили муҳим дидааст:

1. Шароити мусоиди иҷтимоиву фарҳангӣ, яъне мусоидати Давлати Сомониён ба ин соҳаҳо.
2. Инкишофи забони форсии тоҷикӣ.
3. Қадрдонии хонадони Сомониён аз аҳли илму адаб [13, 16].

Хулоса, жанрҳои асосии адабиёти асри X назму наср бошад ҳам, назм дар адабиёти ин давра мавқеи пешдастиро дошт. Навъҳои асосии шеъри тоҷикӣ маснавӣ, қасида, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа ва ғайра. Дар ҳамин замон шакли комилгирифтаву инкишофёфта буданд. Ин навъҳои шеър аз рӯи хусуситҳои шаклӣ, яъне аз ҷиҳати ҳаҷм, тарзи қофиябандӣ ва қолаби вазн аз ҳамдигар фарқ мекарданд. Масалан, маснавӣ бо байтҳое, ки ҳар мисрааш ҳамқофия аст, эҷод мешуд. Рубоӣ аз чаҳор мисраъ иборат буда, баъзан ҳар чаҳор мисраъ ҳамқофия ва гоҳе мисраи сеюм аз қофия озод мебошад. Қасидаву ғазали ин давра як хел қофия доранд. Қасида нисбатан дарозу муфассал, вале ғазал кӯтоҳ аст. Ба таъкиди А.А.Семенов устоди ҳамаи ин навъҳои шеърӣ ва пешвои адибони замон, бе шак Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ буда, Дақиқӣ, Шаҳирии Балхӣ ва Кисоӣ низ дар эҷоди якчанд навъи шеърӣ маҳорати хуб доштаанд [13, 16-17].

АДАБИЁТ

1. Абдулғанӣ Мирзоев. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ.- Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1958.- 277 с.
2. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Бо корвони ҳулла. Таҳия ва тавзеҳи Шодӣ Шокирзодаи Нӯъмонпур, Райҳон Мамадаминзодаи Соҳибназар.- Душанбе: “Пайванд”, 2004.- 335 с.
3. Абдулманнони Насриддин. Куллиёти осор. Дар ҳафт муҷаллад. Ҷилди якум.- Хуҷанд: “Хуросон”, 2013.- 608 с.
4. Абдураҳмон Тоҳирҷонов. Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор.Таърихи таҳқиқ (аз забони русӣ тарҷумаи М. Муллоаҳмад). – Душанбе: “Деваштич”, 2008.- 228 с.
5. Атахон Сайфуллоев. Паямбари ишқ. – Душанбе: “Адиб”, 2008. – 543 с.
6. Аълохон Афсаҳзод. Одамушшуаро Рӯдакӣ. Рисолаи тадқиқотӣ. Нашри дуюм. – Душанбе: “Адиб”, 2008. – 312 с.
7. Бертелс Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ – тоҷикӣ (аз рӯзгори бостон то поёни аҳди Салҷуқиён) (аз забони рӯсӣ тарҷумаи Сируси Эзадӣ, таҳия, вироиш ва баргардон аз хати форсӣ: Муҳаммадалии Аҷамӣ. – Душанбе, 2015. – 650 с.)
8. Мирзо Муллоаҳмад. Суннатҳои пойдори даврони пурбори адабиёт.- Душанбе: “Дониш”, 2008.- 320 с.
9. Муҳаммад Авфии Бухорӣ . Лубоб-ул-албоб, нашри Браун, ҷилди 2.
10. Рӯдакӣ А. Насими мӯлиён. Маҷмӯаи ашъор. Дебоча ва танзиму тавзеҳи Асрори Раҳмонфар.- Душанбе: “Адиб”, 1999.- 192 с.
11. Рӯдакӣ А. Девон. Таҳия ва тасҳеҳи Қ. Рустам.- Олиотӣ, 2007.-256 с.
12. Рӯдакӣ: дирӯз ва имрӯз (маҷмӯи мақолот). Мураттибон: А.Рачабов, Р.Муқимов, М.Каримов (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва хулосаҳои англисӣ). – Душанбе, 2007. – 628 с.
13. Рӯдакӣ ва замони ӯ. (маҷмӯаи мақолаҳо) . Ҷашнномаи Рӯдакӣ. Дар таҳти таҳрири Абдулғанӣ Мирзоев. – Сталинобод: Нашр. давл. Тоҷикистон, 1958.- 239 с.

РУДАКИ И ЕГО ЭПОХА В ИССЛЕДОВАНИИ А.А. СЕМЕНОВА

В статье «Рудаки и его эпоха в исследовании А.А. Семенова» автор анализирует на ряду с историческими материалами, литературное наследие эпохи Саманидов. Рудаки являлся основаломпинком персидено Таджикской летературы и создателем такого стихотвори жанра, как рубаи, касида, газель.

Ключевые слова: *Рудаки, Саманиды, А.А. Семенов, Бухара, слепой гений, культура эпохи Саманидов, язык персидских даров, поэзия, элегия.*

RUDAKI AND HIS ERA IN A.A. SEMYONOV'S RESEARCHES

In this article "Rudaki and his era in the study of AA. Semenov" the author analyzed, along with historical materials, the literary course of the Samanid era, which Abuabdulloch Rudaki is the literary medium of the literary environment. Abuabdulloch Rudaki, according to A.A. Semenov, being the founding father of Persian-Tajik literature, founded rubies, kasid, gasul and other poetic genres in his poetry.

A.A. Semenov in his article adheres to the opinion of medieval oriental researchers and European scholars that Rudaki since childhood was blind and uses the word "ragged blind" that the author of the article Faizulloev B. Based on the opinion of some researchers, including S. Nafisi, A. Mirzaev, A.Afsakhzod and others believe that Rudaki has never been blind and gives numerous examples from the poetry of Rudaki, who will change to a routine.

The author of the article considers the opinion of AA Semenov from the point of view of the critical approach, what to say about the correct direction of research.

Keywords: *Rudaki, Samanids, A.A. Semyonov, Bukhara, blind genius, culture of Samanids' epoch, Persian-Dari language, poetry, elegy.*

Сведения об авторе:

Файзуллоева Бибисаломат -*докторант кафедры теории и истории литературы, Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни Tel: +992 93 827 89 89*

About the author:

Fayzulloeva Biblalomat, *Ph.D Student in the Department of Theory and History of Literature, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini. Tel.: +992 93 827 89 89*

АНДЕШАҲО ОИД БА РӮЗГОР ВА ОСОРИ ВОСИФИ БОХТАРӢ

Фатона Бадахшӣ

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Қаламрави забон ва адабиёти форсии дарӣ-точикӣ фарох ва паҳновар буда, бар хилофи таъғйиротҳо дар шеъри имрӯз ҳамеша ***ҷовид*** мондааст. Фарзонагони номвар дар ин қаламрав кам нестанд.

Восифӣ Бохтарӣ яке аз чеҳраҳои барҷастаи адабиёти муосири Афғонистон маҳсуб ёфта, дар шаклгирии шеъри нави Афғонистон нақши муассир дорад. Шеъри Восифи Бохтарӣ дар қаламрави забони форсӣ пешоҳанг буда, худи ӯ аз чеҳраҳои матраҳ дар ин ҳавза ба шумор меравад.

Восифи Бохтарӣ шахсияте аст, ки андешааш ҳамвора бӯи баҳор дорад, чаро ки дар канори дониши замон гомҳои сабзашро гузошта, уфуқҳои тоза ва навини огоҳӣ ва бинишро тасхир кардааст.

Шоир дар осори манзуму мансур, бахусус дар ҳама қолабҳои шеъри классикиву нав қувваозмоӣ кардааст. Бо ҳузури шоир шеъри нимоӣ дар ин сарзамин авҷ гирифтааст. Бинобар ин, ӯ шоирест бо зарфияти бузурги тахайюл ва дониш тавонист пешгом бошад.

Балхи куҳан дар давраҳои бостон то ба имрӯз таҷаллигоҳи завқ ва маҳди шеър ва муҳити шуаро ва донишмандонест, ки чун ситораҳои фурӯзон аз варои шиканҳои таърихӣ бар пешонии асрҳо ва қурун медурахшанд.

Муҳаммадшоҳ Восифи Бохтарӣ писари қорӣ Муҳаммадуллоҳ машҳур ба қори Масталӣ ба соли 1321 хуршедӣ (мутобиқ соли 1942 мелодӣ) дар Балх (шаҳри бостонии Мазори шариф) дида

ба ҷаҳон кушод. Вай омӯзишҳои нахустин ва миёнаро дар литсеи Бохтар шаҳри Мазори шариф дар соли 1341(1962 м.) ба анҷом расонид [1, с.33].

Восифи Бохтарӣ омӯзишҳои нахустин ва фарогири донишро назди падар ва устодони он вақт фаро гирифта, ки дар ин бора мегӯяд. «… Ба мавозоти таълимоти расмӣ, дар маъзари падар дар маъзари марҳум Абдулаҳади Рақим дар маъзари марҳум устоди мавлоно Холмуҳаммади Хаста ва яке аз устодони дигар, ки хушбахтона то имрӯз зиндааст – устод Мавлоно Солеҳмуҳаммади Фитрат – мабодии арабӣ ва улуми исломиро ҳам муназаман хондаам» [2, с. 319].

Восифи Бохтарӣ дар даҳсолагӣ ба сурудани шеър оғоз карда буд. Омилҳои гуногуне дар рушди шахсияти адабӣ ва шеъри Восифи Бохтарӣ таъсиргузор буд, ки он аз кӯдакӣ ба шеъру адабиёт дилбастагии зиёд дошт, ки худ дар ин маврид чунин мегӯяд: «Бо як теъдоде аз шуаро, махсусан рӯзҳои ҷумъа, ки як маҷлиси унси адабӣ дар манзили мо баргузор мешуд, ифтихори шиносоӣ аз панҷсолагӣ-шашсолагӣ доштаам, ки аз он шумор ҳастанд, марҳумон Мавлоно Хаста, Абдулаҳади Рақим, Мирабдулло Нисор, Абдусамади Ҷоҳид, оқои Фитрат, оқои Муҷоҳид, оқои Бадрӣ ва яке аз теъдод шуарои дигар, ки дар шаҳри Мазори Шариф дорои шуҳрат буданд. Чанд китоб дар китобхонаи маҳдуди падар таваҷуҳи маро бештар ҷалб кард, аз ҷумла «Девон»-и Ҳофиз ва «Маснавии Маънавӣ» албатта, ба иқтизои кӯдакӣ дар китоби бузургу азими «Маснавӣ» ман бештар ба дунболи қиссаву ҳикоя мегаштам. Қиссаҳо ва ҳикояҳои Маснавиро ба қадри саводе андак доштам, бештар мехондам. Ҳамчунин «Девон»-и Парвини Эътисомӣ, устод Ҳалилӣ, Соҳиби Табрезӣ, Абдулмаонӣ Бедил ва ғайра, ки дар китобхонаи падарам вуҷуд доштанд гоҳ- гоҳе мехондам ва орзу доштам, ки ман ҳам битавонам монанди онҳо дар олами орзуҳои кӯдаконаи худ шеър бигӯям»[2, с.320].

Шеърҳои Восифи Бохтарӣ аз аввал пухта ва пероста буда дар мусобиқоти мактаб ва берун аз он ҳамеша мақоми аввалро ба даст меоварад. Нагуфта намонад, ки нахустин мураббӣ ва омӯзгори Бохтарӣ дар ин давраи зиндагиаш – Мавлоно Холмуҳаммади Хаста буд, ки аз дониши ин марди бузургу фарҳехта дар шинохти шеър даст ёфт. Ҳамчунон Муҳаммадумари Фарзод - адабиётшинос, пажуҳишгар ва нависандаи огоҳ ва Адбулаҳади Рақим дар ислоҳ ва беҳбудии шеърҳои аввалини Бохтариро роҳнамоӣ мекарданд. Нахустин шеърҳояш, ки дар маҷаллаи «Бедор» ҳамон вақт чоп мегардид, ҳама дар қолаби ғазал ва рубоӣ буданд.

Нависанда ва шоир – Солеҳ Муҳаммадхолиқ дар ҳаққи Восифи Бохтарӣ чунин мегӯяд: «Гоҳе ки миёни ҳамагунони дабистонияш мусобиқаи суннатӣ ба истилоҳ «шеърҷангӣ» роҳ меафтод, ҳамвораи ӯ ё гуруҳе, ки ӯро дар таркиб дошт аз мусобиқа, пирӯз ва барандаи он мешуд ва боре низ ҳанӯз давраи нахустин таҷрибаҳоро дар замина сароиши шеър аз сар мегузаронд, ки сурудаҳои вай дар бароянди мушоираҳои дар вилояти Балх сазовори ҷойгоҳи аввал шинохта мешуд ба сурудаҳояш аз ҳамон оғоз пухтагӣ ва пардохтагии устодона будааст. Масалан:

Ҷу дар шиканҷи қафас ёди ошёна кунам,
Зи хуни дидаву доғ дил обу дона кунам.
Расад ба арши Худо шеъри осмонии ман,
Шабе, ки созе суханҳои ошиқона кунам.
Шароби бӯсаю гулнори ашку накҳату гул,
Саришта созаму оҳанги ин тарона кунам.

Ва ё дар шеъри дигараш:

Вожгун шуд кавкаби бахти биҳишт оини ман,
Ҷилвагоҳи меҳргон гардид фарвадини ман.
Ҷуз ғами оворагӣ дар пардаи пиндор нест,
Созе номавзун буд андешаи дерини ман.
Рӯю мую чашму масти пайкари симини ӯст,
Арғувону сунбулу нилуфару насрини ман.
Дӯш бо ёдаш чунон будам, ки дар базми тараб,
Бомдодон буйи гул меомад аз болини ман.

Шеърҳои зебои «Парниёни пӯш», (рӯзномаи «Бедор, 1961), «Гули ваҳшӣ» рӯзномаи «Бедор»). «Саропардаи Ҷамшед» ва «Офтоб намемирад», ва шумораи дигар аз ёдгори ҳамон давраҳои нахустинанд. Восифи Бохтарӣ огоҳӣ ва шинохти амиқе аз таърих дорад, номи ҳама маҷмӯаҳои шеърияш ё унвони шеърҳояш исмҳои баргузида, ки огоҳии ӯро аз таърихи тамаддуни қадим нишон медиҳад. Ҳамчунин муҳтаво ва мазмуни шеърҳои Бохтарӣ оҳангҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва инъикоси зиндагии воқеии мардумашро фарогир буда, ба ҳамин сабаб унвони шеърҳояш рамзе аз таърих ва авзои кишвараш мебошад ва ин ки Бохтарӣ беҳтарин мутафаккири вожа ва таркибҳои нав дар забони форсии дарӣ мебошад, Чунончи: «Парниёни пӯш, Саропардаи Ҷамшед, Оинаи бишкастаи таърих, Муяҳои Исфандиёри гумшуда, Дар ишроқи шикаста, Ҳамосаи шуъла» ва ғайра.

Дар шеърҳои давраи ҷавонии Бохтарӣ як навъ дарду шикваю фарёдро метавон дид, ки умқи ин ҳасрату фарёду дардро дар ашъори давраҳои баъдияш боз бештар метавонад дид. Масалан: дар шеъри «Саропардаи Ҷамшед» навиштааст.

Дар доманаи даштаму дар пояи кӯҳсор,
Бо хотири афсурдаву бо чашми гуҳарбор.
Дар сояи ин коҷи диловези нагунсор,
Аз дур бувад манзараи шаҳр падидор.
Чун пардаи ларзанда чун нақши фиребо,
Перояи ман оташи доғи ҷигари ман.
Оҳанги зи худ рафтани ман, болу пари ман. [3, 34].

Шоир ба сароидани қасида ҳам тамоил дошт. Бо таъсирпазирӣ аз қасоиди устод Халилӣ, Маликушшуаро Баҳор, Қоонӣ ва Хоқонӣ, Носири Хусрав чандин қасида суруда аст. Бохтарӣ сароиши хешро дар оғоз дар ин қолаби шеър ин тавр баён мекунад: «То ҷое ки ба ёд дорам, нахустин қасидаро ҳангоме, ки ки синфи даҳуми литсеи Ҳабибия будам, сурудам. Нависандаи номовари кишвар доктор Акрами Усмон дар конфронси лисаи Ҳабибия қасидае аз устод Халилӣ хонд. Дар иртибот ва мақом ба рӯзи муаллим- шевои қасидаи устод Халилӣ ва дар айни ҳол хониши бисёр дилнишин ва муассири Акрами Усмон як манбаъ бисёр неруманд буд барои ман, ки ту ҳам метавонӣ қасида бисароӣ ва ман дар ҳамон вазн қасидае сурудам. Боз ҳам дар сипосу ситоиши муаллим. То ҳангоме, ки аз қасида ва қасидасароӣ даст кашидаам (албатта, на қасидахонӣ), ҳудуди панҷоҳ то шаст қасидаи ноқису абтару ибтидоӣ шояд суруда бошам, ки то ҳол баъзе аз намунаҳои он дастраси ман аст [2;321-322].

Восифӣ Бохтарӣ пас аз ба анҷом расонидани давраи донишомӯзӣ муддати нӯҳ моҳ дар омӯзишгоҳи бахши муҳосиба идораи нефту газ дар шаҳри Мазори Шариф (мактаби Султон Ғиёсиддин) ба ҳайси омӯзгори забони форсии дарӣ дарс медод. Пас аз он то соли 1345-и ҳиҷрӣ хуршедӣ аз Донишкадаи забону адабиёти Донишгоҳи Кобул донишномаи лисонс гирифта аст. Вай барои идомаи таҳсилоти олӣ раҳсипори Иёлоти Мутаҳидаи Амрико шуда, ба риштаи омӯзишу парвариши Донишгоҳи Колумбия шомил мегардад. Бохтарӣ пас аз ба даст овардани гувоҳномаи магистрӣ аз Донишгоҳи Колумбия дар раёсати таълифу тарҷумаи Вазорати таълиму тарбияи кишвар машғули тасҳеҳу тадвини китобҳои дарсӣ буд. [1, с. 36]

Восифӣ Бохтарӣ, баъди бозгашт ба Афғонистон дар курсҳои мухталифи давлатӣ ба иҷрои вазифа пардохта корҳои бузургу мондагоре дар заминаҳои фарҳангӣ ва илмӣ ва адабӣ дар бахши тарҷумаи мақола, шеър аз англисӣ ба форсӣ ва аз форсӣ ба англисӣ ба анҷом расонид. Бохтарӣ дар мансабҳои давлатӣ солиёни мутамодӣ масруфи иҷрои вазифа буд. Муддате ҳам устоди Донишгоҳи Кобул будааст.

«Аз соли 1361 (1982) то соли 1374 (1993) дар Иттиҳодияи нависандагони Афғонистон дар вазифаҳои сардабири бахши шеър, мудири масъули маҷаллаи «Жувандун» ва муншии дорулиншои иттиҳодия кор кард. Ӯ ҳамчунон дар тӯли ин солҳо дар омӯзишгоҳи Иттиҳодияи нависандагони Афғонистон тадрис мекард. Восифи Бохтарӣ солҳо узви гуруҳи дабирони фарҳанги Афғонистон, узви гуруҳи Конуни Ҳаким Носири Хусрав, узви шурои марказӣ Анҷумани фарҳангии Хушҳолхон ва узви ҳайати раиси Иттиҳодияи журналистони Афғонистон буда ва роҳбарии Конуни Мавлоно Ҷалолиддини Муҳаммади Балхиро ба ӯҳда дошт ва бештари

асноди асосӣ паёмҳо ва оинномаҳои Анҷумани нависандагони Афғонистонро ӯ навишта ва оинномаи басо аз конунҳои фарҳангӣ ба василаи ӯ нигориш ёфта аст» [4, с. 349].

Восифи Бохтарӣ дар солҳои душвори ҷанг дар Кобул зиндагӣ мекард. Замоне, ки Кобул тавассути толибон суқут кард, бинобар авзои он вақт шароиати зистан, махсусан барои фарҳангиёну донишмандон танг шуд. Восифи Бохтарӣ ногузир Афғонистонро тарк кард. Аз соли 1375 то соли 1380 дар Покистон зиндагӣ кард ва аз соли 1380 ба ин сӯ дар Иёлоти Колифорниёи Амрико зиндагӣ намудааст.

Устод Восифи Бохтарӣ аз нигоҳи шахсӣ ва дониши вижагиҳои мунҳасир ба фард дорад. Шахсе аст бисёр нармсухану шикастанафсу хушбархӯрд. Дорои равобити иҷтимоӣ хубе мебошад. Дар арсаи донишу фарҳанг Восифи Бохтарӣ шахсияти чандсуя, чандтарафа дорад. Шоир, адабиётшинос, мунтақид, таърихнигор, мутарҷим ва пажуҳишгари доно мебошад. Дар адабиёти классикиву муосир огоҳӣ ва шинохти бисёр дорад. Донишиён аз Бохтарӣ унвони доиратулмаориф истифода мекунанд. Достоннависи бузурги Афғонистон Раҳнаварди Зарёб аз рӯзгори Донишгоҳ Бохтариро мешиносад, беш аз 40 сол дӯстиашон идома ёфтааст. Дар заминаи шахсияту дониш Бохтарӣ чунин мегӯяд. «Марде аст, бисёр орому фурутан, фаровон хушбархурд, нармсухану ширингуфтор, ки дар корбурди таърифот ва одоб муболиға мекард ва дар ситоиши дӯстону ошноён низ аз зиёдаравии тундравӣ шигифтаангез кор мегирад. Бузургтарин адабиётшиноси Афғонистон аст, бар адабиёти классик ва муосир иҳота ва султаи тамом дорад… .Восифи Бохтарӣ дар арсаи фарҳанг ва адабиёт сарзамини мо ҳузури намоён ва асаргузор доштааст. Ӯ дар муддати чил сол шеър суруда сиёсат кард, ба ҳикмату фалсафа рӯй оварда ба ковишҳову пажуҳишҳои адабӣ даст зада ба кори тарҷумаҳои манзуму мансур пардохта ва роҳиёни навсафари роҳи шеър ва чакомаро дастгирию раҳнамоӣ кардааст» [5, с. 105-106].

Восифи Бохтарӣ дар ҷавонӣ ҳофизаи бисёр қавӣ дошта, фаровон мутолиа мекард. Вай китобхонтарин ва ҷустуҷугартарин инсон дар ҳама заминахо мебошад. Ашъори гумномтарин шоирон, ки имрӯз нишоне аз инҳо нест хонда аст ва дар ҳофиза супурда аст. Бохтарӣ чандин бор Маснавии Маънавиро саропо хонда бо ҳофизаи бартаре, ки дорад мабоҳисинро аз ин истихроҷ карда, дастраси хонандагон ва алоқамандон қарор додааст. Устод Халилӣ нақл мекунад, ки Бохтарӣ ҷавоне буд, бо ҳофизаи истисноӣ ин гуна худаш баён мекунад: «Дар рӯзгоре, ки дар дарбори салтанат кор мекардам, дар баробари салтанат суханоне доштам, ки пинҳон нигоҳ медоштам. Восифи Бохтарӣ гоҳ- гоҳе меомад. Дар он вақт донишҷӯ буд. Рӯзе Бохтарӣ назди ман нишаста буд, Абдураҳмони Пажвок омад ва зимни суҳбатҳое, ки мекард, гуфт: Ман барои шунидани он шеър омадам, бихон онро. Ман шеъре бар хилофи низом доштам ва Пажвок мехост, онро бишнавад. Ман гуфтам, то вақте ин ҷавон ишора ба Восифи Бохтарӣ бошад, намехонам. Ҳамин ки шеърро шунид барои ҳама мерасад, ба хотире ки бо як бор шунидан ҳамаро ба хотир месупорад» [5, с.109].

Хулоса, устод Восифи Бохтарӣ дарахтест, тановар дар нахлистони шеъри имрӯзи Афғонистон. Ӯ сароишгари порае аз барозандатарин ва бегумон мондагортарин шеърҳои рӯзгори мост. Восифӣ Бохтарӣ на танҳо шоири бе бадил аст, балки даргустараҳои дигари дониш ва андеша низ офаринишгари бузурге аст. Ӯ дар ҳар заминае, ки қадам ниҳодааст, пайгиронаю дақиқ пеш рафтааст ва коркардҳои шоистае доштааст.

Восифӣ Бохтарӣ аз истеъдод ва нубуғи фавқулодае бархӯрдор аст аз ҳамин бобат аз 10 солагӣ ба сурудани шеър оғоз кард ва сурудаҳояш аз ҳамон оғоз пухтагӣ ва пардохтагии устодонае будааст. Улуми фиқҳ, усул, сарфу нахв, ҳадис, тафсиру мантиқ, илоҳиётро фаро гирифта буд. Бо низоми ирфонӣ, назари фалсафаи исломӣ ва ғайриисломӣ ошноии комил дорад ва метавонад манзумаҳои фикрии баъзе аз машоҳири фалсафаи Шарқ ва Ғарбро нақд кунад.

Восифи Бохтарӣ нақши муҳим ва бузурге дар шаклгирии шеъри нав балки дар ҳиддати шеъри кӯҳан дар Афғонистон нақши муҳиму бузурге дорад. Ӯ дар густараи фарҳанги куҳани форсии дарӣ пажуҳишҳои равшангарона анҷом додааст ва ба раҳёфтаҳои тозае низ расидааст. Ӯ дар заминаи ирфони Шарқӣ ва фалсафаи Ғарб ба вижаи фалсафаи асри навин талоши бузурге варзидааст. Дар арсаи улуми иҷтимоӣ ва улуми тарбиятӣ низ мақолаҳои пурарзише навиштааст. Восифӣ Бохтарӣ шояд бештар аз бисёрии қаламзанони ҳамрӯзгори хеш, дар густараи адабиёти татбиқӣ ва нигариши муқоисии адабиёт(робитаҳои адабӣ) соҳибназар аст ва дар порае аз

навиштаҳояш рагаҳои мутобиқати адабиро ҳам дар осори вижа аз ду суханвари вижа ва ҳам дар куллияти суннатҳои адабӣ- фарҳангӣ ба накӯй пай гирифтааст.Бохтарӣ дар сароиши шеър аз ғазал меоғозад ва то имрӯз робитаашро аз ин қолиб қатъ накардааст.Ҳамчунон аз пешгомтарин шоир дар сурудани шеъри нимоӣ ва сапед мебошад. Беҳтарин намунаҳоро дар ин шева ироа кардааст. Мазмуни шеърҳои Бохтариро бозтоби зиндагии иҷтимоии мардумаш ва авзои кишвараш месозад. Восифи Бохтари шоирест чандсӯя ва чандтарафа дар ҳама ҷанбаҳо устодест бисёр доно ва огоҳ.

Бохтарӣ ба унвони шоир ва нависандаи назарияпардоз, нақкоди жарфнигар ва беҳтарин тарҷимони шинохта шуда, дар шинохти шеър ва адаби муосири классик аз саромадон маҳсуб меёбад.

АДАБИЁТ

1. Восифи Бохтарӣ. Дастинаҳо (бо муқаддима ва ҷамъоварии Носири Ҳутакӣ). –Кобул. Интишороти Ҳозим. 1395. 349с.
2. Восифи Бохтарӣ. Ҳошияҳои гурезон аз матн. (бо муқаддима ва ҷамъоварии Носири Ҳутакӣ). -Кобул. Интишороти Ҳозим. 1395.
3. Восифи Бохтарӣ. Сафолинаи чанд бар пешхони билаврини фардо. (бо муқаддима ва ҷамъоварии Носири Ҳутакӣ). -Кобул. Интишороти Ҳозим. 1395.
4. Восифи Бохтарӣ. Сӣ мурғе, ки симурғ нашуданд. (бо муқаддима ва ҷамъоварии Носири Ҳутакӣ). -Кобул. Интишороти Ҳозим. 1395. 350 с.
5. Ёди он сафаркарда.//Маҷмуи мақолаҳо аз рӯзгори Восифи Бохтарӣ.- Кобул. Интишороти Кобул, 1388.

РАЗМЫШЛЕНИЯ О ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВЕ ВАСИФА БОХТАРИ

В данной статье впервые рассматривается жизнь и творчество одного из основоположников современной Афганской поэзии Васифа Бохтари. Васиф Бохтари является одним из ярких личностей современной Афганской литературы и играет ключевую роль в образовании новейшей поэзии современного Афганистана. Его поэзия считается путеводителем, и он является одним из величайших личностей на территории персидской поэзии.

Предметом исследования в данной статье является то, что поэт показывает свою силу в произведениях классической и современной поэзии. Первыми учителями и наставником, поэт считает своего отца и деятели того времени Мавлана Хаста, Абдулахади Раким, Мирабдула Нисар, Абдусамади Джахид, Фитрат, Муджахид и Бадри. Первые стихи были сочинены в рамках газели и рубаи, когда ему было десять лет, которых опубликовали в журнале того времени «Бедор».

Васиф Бохтари так же является искусным сочинителем в жанре оды. Следуя за своими наставниками, Халили, Маликушшуара Бахар, Каани, Насири Хусрав сочиняя несколько од, в которых отражал свои цели и мечты. Об этом сам поэт напоминает в своих воспоминаниях: «Как я помню, впервые я сочинил, когда учился в десятом классе лицея Хабибия ». На арене знания и культуры Васиф Бохтари является многогранной личностью, и его поэзия охватывает разную тематику. Он, будучи поэтом, является литературоведом, критиком, историком, переводчиком и достойным исследователем, который очень хорошо знаком с классической и современной литературы. Ученные считают его как энциклопедиста.

Поэтому в данной статье впервые сокращенно озвучены личности поэта, его влияние в персидско-дорийско таджикской тематики его поэзии.

***Ключевые слова**: жизнь, переводчик, критик, литературовед, историк, поэт классики, оды, газели и рубаи.*

IDEAS ABOUT WASSEF BAKHATRI'S LIFE AND LETTERS

In the article, the life and the letters of one of the poetry excellence of Afghanistan Wassef Bakhtari observed.

Wassef Bakhtari is one of the prominent features of contemporary literature in Afghanistan, which has an important role in the formation of Afghanistan's poetry. The poetry of Wassef Bakhtari was in

the realm of Persian language and he is one of the most prominent person in this Area. In the article, it is noted that

Writings of the poet and the poet's writings are that the poet in poetry and manuscripts, especially in all classical poetic forms of the poem. The poet starts his first education with his father and the teachers of that time, Maulana Khasta, Abdul Ahad raqim, Mr Jahed. Mr Fatrat and Aqay Badri have been poetry since the age of ten. His first poems were published in the magazine of bedar that time when they were published in Rubaie and Ghazal.

Wassef Bakhatri, to sing odes both has high zeal ode of Ostad khalili, Malikol shoara bahar, Qaane Khaqani, Naser Khosrow, several odes written They really show the aim of poems and the poets say until where I remember first ode in tenth class of habibia high school I wrote "In the context of the knowledge and culture of Wassef Bakhtari, the proximity of his personality and his multitude are diverse. They are rising over literary criticism, criticism, historian, translator and scholarship. Classical and scholarly and cognitive knowledge they use it as an encyclopedia.

This is in the article about the personality of the Persian poets of the Persian poetry, a topic of his poetry and a brief overview of his ideas.

***Keywords**: Life, Translator, critic, writer, historian, poet, poetry, classical, idiot, ghazal, robaie*

Сведения об автора:

***Фатона Бадахши** аспирант кафедра теории и истории летературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. E-mail: fatonabadakhsh1@gmail.com*

About the author:

***Fatona Badakhshi**, post-graduate Student in the Department of Theory and History of Literature, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini. E-mail: fatonabadakhsh1@gmail.com*

АҲАМИЯТИ ФОЛКЛОР ДАР ЗИНДАГИИ ИҶТИМОӢ

Муллоев А., Ализода Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Фолклор – асоси фарҳанги шифоҳии оммаи мардум аст, ки хостгоҳи он аз гаҳвора ва қабли он (замоне, ки дар батни модар аст ва баъд аз он лулу лулуи ҷони модар) шуруъ то ба охири зиндагии инсонҳо омехта бо адабиёт мебошад. Фолклор нишондиҳандаи арзишҳои зиндагии башарӣ аст ва барои танаввуъи бештар, содасозӣ, суҳулат ва осонии ифҳом ва тафҳим эҷод гардидааст, дар табиини сунати фолклор, лаззат ва осоиш дида шудааст.

Фолклор дар паҳлӯи улуми дигари башарӣ нақши асосиро дар табалвури арзишҳои башарӣ ифо карда ва ҷойгоҳи хосеро дар зиндагии мардум ба худ ихтисос додааст; аз лиҳози истифода дар миёни ҳамаи улуми мумтоз ва оламгир аст. Аз ин рӯ, метавон тамоизи бештар ба ин бахш аз улум қоил шуд.

Фолклор аз ду калимаи лотинӣ «Folk», ба маънои тӯдаи оммаи мардум ва ба таври куллӣ «табақаи авом», ки дар маънои ғайритахфифомези он, дар баробари «хавос» (нухбагон ва фарҳехтагони ҷомеа) қарор мегирад ва «lor» ба маънои «дониш, илм, адаб аст».

Аввалин бор, як атиқашинос ба номи Амброизе Мортон, беш аз як қарн пеш калимаи фолклорро сохт, ӯ менависад: «Он чи мо дар Англия, русуми бостонии омиёна ё адабиёти омиёна меномемро метавон даҳиқан бо як таркиби хуби саксонӣ, яъне «фолк-лор» ё «дониши омиёна» баён кард [2]. Ин калима дар Эрон ба «фарҳанги омма» тарҷума шудааст.

Ин истилоҳ, амалан дар тамомии забонҳои аврупоӣ пазируфта шуда, аммо маънои он ҳамвора дучори тағйир шудааст. Муҳаққиқон, ибтидо фолклорро фақат шомили адабиёти тӯда, монанди: қиссаҳо, афсонаҳо, овозҳо, таронаҳо, масалҳо, муаммоҳо ва ғайра медонистанд. Кам кам суннатҳое, ки ба таври шифоҳӣ омӯхта мешавад ва ончи мардумон дар зиндагии хориҷ аз дабистон фаро мегиранд низ чузви он гардид. Чанде баъд, эътиқодот, авҳому пешгӯиҳои роҷеъ ба вақт, нуҷум, таърихи табиӣ, тиб ва ончи дониши тӯда номида мешудро низ ба ин илм

афзуданд. Сипас одоб ва суннану русуме ки рочеъ ба ҳар як мароҳили зиндагӣ буд, монанди: таваллуд, кӯдакӣ, ҷавонӣ, заношӯй, пирӣ, сугворӣ, ҷашнҳои милливу мазҳабӣ ва низ одоте ки марбут ба зиндагии умумӣ мешавад, аз ҷумлаи тамоми пешаҳо ва фунуни тӯдаро низ ҷузви фолклор ба шумор оварданд. Аммо агар бихоҳем фолклорро кӯтоҳ ва комил таъриф кунем, бояд чунин дарк кунем: «фолклор, дониши ошноӣ бо парвариши ғайрирасмии аксарият аст (дар муқобили парвариши ниҳодҳои расмии омӯзиш ва тарбият) дар миёни як миллати мутаммадин»[3].

Аз он ҷо ки мавзӯи мутолиаи фолклор, баррасии ҷанбаҳои мухталифи зиндагии омма аст, бинобар ин метавон гуфт, фолклор дар ҷомеае вуҷуд дорад, ки афроди он дорои ду навъ парвариш, яке авом (мардуми кӯча ва бозор) ва дувум хавос (нухбагон) бошанд. Зеро дар ҷомеае, ки тамоми аъзои онро афроди таҳсилкарда ва фарҳехта ташкил дода бошанд, фолклор вуҷуд нахоҳад дошт ва ё баракс, бар мавриди ҷомеаи бисёр бадавӣ ва рушднаёфта, ки ҳатто хондану навиштан ҳам намедонанд, низ ба кор бурдани калимаи фолклор, маъно намедиҳад. Ба ақидаи бисёре аз фолклоршиносон, чунин ҷомеа ҳаргиз вуҷуди хориҷӣ надоранд.

Ба таваҷҷуҳ ба матолибе ки баён шуд, метавон вижагиҳои зерро барои фолклор равшан сохт:

– Фолклор, аъмол ва рафтори ҷамъӣ ва гурӯҳе аст, ки дар байни оммаи мардум роиҷ аст.

– Ибдоъкунанда ва бавуҷудоваранда, низ замони шурӯи рафторҳо ва аъмоли фолклорӣ маълум нест.

– Одоти фолклор, дар маҷмӯаи фаъолияти зиндагии иҷтимоӣ, нақшеро ба уҳда доранд.

– Аъмолу рафторҳои фолклор ба муносибат ва бинобар муқтазиёти замон, такрор мешаванд; яъне он чи дар як ё чанд мартаба ва ё фақат дар даврае хос ва маҳдуд иттифоқ афтад, дар шумори фолклор нест.

– Фолклор дар ҷараёни интиқол, мувофиқи муқтазиёти наслҳо, дигаргун мешавад.

Расму ойини мардумӣ, аз ҳокимияти андешае хос, ки бар хилофи майли тӯда бошад, пайравӣ намекунанд, ҳарчанд он бар ҷомеа ҳукумат дошта бошад.

Шоёни зикр аст ки одобу русум ва рафторҳои фолклори ҳар минтақа, барои мардуми ҳамон минтақа, “суннат” ва барои мардуми соири нуқот, ба унвони “фолклор”-и хосси он минтақа шинохта мешавад.

Яке аз вижагиҳои фолклор, такрорпазирӣ ва қобилияти интиқоли он ба наслҳои оянда аст. Аз ин рӯ метавон фолклори ҳар минтақаро маҷмӯае аз рафторҳо, гуфторҳо, пӯшишҳо, одобу русум ва одоте донист, ки афроди он минтақа, онҳоро аз гузаштагон ва ниёкони худ ба ирс бурдаанд. Одоте ки шояд аз ибтидои башарият оғоз шуда ва ё лоақал, марбут ба даврахои бисёри бостонӣ бошанд. Бинобар ин бо ибораи куллитар метавон фолклорро мероси қавмию маънавии як миллат донист.

Бар хилофи тасаввури бисёре ки фикр мекунанд фолклор, танҳо марбут ба гузаштагону ҷанбаҳои мухталифи зиндагии онҳост, бояд гуфт ки ҳарчанд фолклор, мероси пешиниён аст, аммо дар ҳоли ҳозир ва дар ҷавомеи имрӯзӣ низ вуҷуд дорад ва ҳануз ҳам зинда, пӯё, ҷаззобу босалобат бар пой истодааст ва мардум, дар ҳоли ҳозир низ бо маҷмӯаи донистаҳое ки аз гузаштаҳои дур ва аз наслҳои гузашта ба ҷо мондаву сина ба сина, ҷо иваз карда ва ба онҳо расидааст, зиндагӣ мекунанд ва дар ҳақиқат, ҳамин фолклор аст, ки то ҳадди зиёде ба зиндагии онҳо маънову мафҳум мебахшад ва онҳоро ба идомаи зиндагӣ, дилгарм месозад. Дар воқеъ, агар фолклори як миллатро аз он гирем, тамоми ҳувияти он миллатро гирифтаем, ки бидуни он, зиндагӣ, ғайри мумкин хоҳад буд.

Ҳарчанд ки фолклор ҳоким бар зиндагии имрӯз, бо фолклоре, ки пешиниёни мо бо он зиндагӣ мекардаанд, мутафовит аст, аммо ба ҳар ҳол, бахше аз мероси гузаштагон аст ки бино ба муқтазиёти замон ва шароити имрӯз, тағйироте дар он ба вуҷуд омадааст ва ба шакли қобили истифода, барои зиндагии имрӯз табдил гардидааст. Ҳатто ин эҳтимол вуҷуд дорад, ки як рафтори фолклорик дар як давраи замонӣ ва бино ба шароити ҳоким фаромӯш шавад, аммо дар даврахои баъд ва бо тағйири шароит, дубора фаъол гардад ва ҳатто шояд пуррангтар аз қабл дар ҷомеаи ҷадид зоҳир гардад.

Вуҷуди пешинаи куҳану дурахшони таърихии зиндагии ақвому тавоифи мухалиф дар

канори ҳам ва шароити мутағайир обу ҳавоӣ, боис шудааст, ки кишвари мо дорои ганҷинаи биёр ғанӣ ва саршор аз одобу русум, лаҳҷаҳо, пӯшишҳо, қиссаҳо, афсонаҳо, хурофот, бозиҳо ва … бошад ва ба ҳамин далел доманаи фолклор дар Афғонистон бисёр васеъ ва мутанавъ аст.

Яке аз муҳимтарин далоили ғанои ганҷинаи фолклори Афғонистон омехта шудани он бо фарҳанг ва одобу русуми исломист. Афғонистон то қабл аз вуруди ислом ба сарзаминашон низ мардуме ботамаддун ва дори фарханг ва одобу русуми шинохташуда дар байни мамолики он замон буданд ва пас аз пазириши ислом ин одобу русум на танҳо ранг набохтаанд ва аз байн нарафтаанд балки дар партави таълими исломӣ, рангу бӯи исломӣ ба худ гирифтаанд ва комилтар аз қабл ба ҳаёти худ идома доданд. Барои мисол метавон ба иди Наврӯз ишора намуд ки аз русуми бисёр куҳани хуросониён ба шумор меояд ва бо вуруди ислом низ на танҳо аз байн нарафт ва тавонист бо бахрагирӣ аз аносири фарҳанги исломӣ бо ҷанбаи динӣ имтизоҷ пайдо кунад ва ҳамроҳ бо ин аносири гаронбаҳо комилтару ҷаззобтар аз пеш ба унвони мероси гаронбаҳо барои ояндагон ба ёдгор бимонад.

Фолкоршиносон коркардҳои бисёреро барои фаҳанги омма зикр кардаанд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба маворидi зер ишора намуд: Эҷоди ҳамбастагии қавмӣ ва нажодӣ ва наздик намудани қавмиятҳо ва миллиятҳо ба якдигар.

Агарчи фолклор аз як сӯ боиси тамоизи ақвом ва миллиятҳо аз якдигар мешавад, аммо аз сӯи дигар агар бо диққат дар фолклори тавоиф ва ақвоме ки дар як минтақа ё як кишвар зиндагӣ мекунанд мутолиа шаванд, мушоҳида хоҳад шуд ки дар сади зиёде аз зерсохтҳои фолклорӣ ки онҳо дорои решаҳои муштарак аст. Намунаҳои ҳаммонандии лаҳҷа, пӯшиш, сурудҳову мусиқиҳои маҳаллӣ ва одобу русуми ҳоким бар зиндагии ақвоми мухталиф, омиле аст барои эҷоди пайванди дӯстӣ ва низ ҷилавгирӣ аз эҷоди душманӣ ва ҷанг байни онҳо.

Дар сатҳи васеътар метавон гуфт аз ҷиҳоти тамоми милали ҷаҳон, дорои решаҳои фарҳангӣ ва одоти фолклории муштараканд. Зеро дар гузаштаҳои бисёр дур, ҳамагӣ аз як нажод ва тамаддун будаанд ва ба мурури замон, тақсим шудаанд ва ба сурати ақвому миллатҳои гуногуне ки имрӯз шоҳии он ҳастем, дар замин пароканда шудаанд. Фарҳанги оммаи ҳар миллате, дар ҳар ҳақиқат, ҳофизаи таърихи сиёсӣ ва иҷтимоии он миллат аст.

Фолклор шомили тамомии аъмолу рафтор ва гуфтору ҷанбаҳои мухталифи зиндагии башарӣ аст, ки аз насле ба насли дигар мунтақил мешавад. Бинобар ин бо шинохти фолклор як қавм метавон ба тамоми ин манобеъ, дастрасӣ пайдо кард ва аз ин тариқ ба роҳатӣ метавон ба шароити зиндагии сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми он қавм пай бурд. Масалан, агар як теъдоди масалу афсона, устура, таронаву лолоиро таҳлили ҷомеашинохтӣ кунем, мутаваҷҷеҳ мешавем, ки дар даруни онҳо ҳарфҳое аст ки дар шароити хафақони ҳокимияти он замон наметавонистаанд ба забон биёваранд, ба тавре ки таронаҳову лолоиҳои мо, ҳарфҳои сиёсӣ аст ва лолоҳои рустоии мо таронаҳое аст алайҳи арбобону хонҳои манотиқ[5]. Имрӯза агар ба диққат ба мазомини ҷукҳо ва латифаҳои мардум пардохта шавад, амиқтарин масоили сиёсиву иҷтимоиро метавон дар онҳо ёфт, ки наметавон онҳоро дар як санади ғайриомиёна, як мақолаи илмӣ ва ё як шеър пайдо намуд. Аз ин рӯ метавон, фарҳанги оммаро рӯҳи иҷтимоии як миллат, ҷойгоҳ ва шолудаи илҳомоти башарӣ дар заминаи адабиёту ҳунар донист ва навъе робитаи фарҳангии байни наслҳои мухталиф ба ҳисоб овард.

Ин сарчашмаи афкори тӯда, ки наслҳои паёпай, ҳама андешаҳои гаронбаҳо ва авотифу натоиҷи фикр ва завку озмоиши худро дар он рехтаанд, ганҷинаи заволи нопазирие аст, ки сарчашмаи бузургтарини осори ҳунарии ҷаҳон аст.

Дар ҳақиқат фарҳанги омма барои наслҳои мухталиф, нақши як мадрасаро бозӣ мекунад. Хусусан, дар гузашта, бо далели адами вуҷуди расонаҳо ва васоили иртиботи ҷамъӣ ба шакли имрӯзӣ, ин нақши фолклор, муҳимтарин коркарди он ба шумор меомадааст ва дар ашколи мухталифе ҳамчун даври ҳам нишастанҳои шабона ва гӯш супурдан ба қиссаҳои падарбузургҳо ва модарбузургҳо, пардахониҳо, нақолиҳо, сангардихониҳо ва ғайра зуҳур меёфтааст.

Агар ба шинохти кунунии фолклор ручуъ шавад, мушоҳида мегардад, ки бисёре, фолклорро ҳамон “адабиёти омма” таъриф намудаанд, дар ҳоле ки ин ду, мақулаҳои ҷудо аз якдигаранд.

Агар мо маҷмӯаи донистаҳову андӯхтаҳои зеҳнӣ ва фикрӣ, рафторҳо ва одобу русуми авомро ба унвони фолклор таъриф кунем, ҳангоме ки ин донистаҳо ва доштаҳои зеҳниву фикрӣ

бар рӯи коғаз биёянд ва мактуб шаванд, дар ҳитаи қаламрави адабиёти омма қарор мегирад.

Аммо мутаассифона дар адаби куҳани форсӣ он қадр, ки ба адабиёти расмӣ ва девонӣ (дабирӣ) аҳамият дода шудааст, ба адаб ё фарҳанги омма баҳо надодаанд ва кутуби назму насри форсӣ саҳми ночизе аз сафҳоти худро ба адабиёти омма, ихтисос додаанд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ, таносубе бо камияту кайфияти он надорад. Ба тавре ки маҷмӯи нависандагони ҳавзаи адаби порсии дарӣ, аз ба кор бурдани калимоти омиёна ибо доштаанд ва бе перояву беороянависиро заъфи адабиёт ва кори нависандагӣ медонистаанд. [6]

Дукрур Парвиз Нотили Хонларӣ дар ин бора мегӯяд: “забони оммаро қобили он намешумурдаанд, ки дар борааш баҳс кунанд ва адибон дар шаъни худ намедидаанд, ки ба ин кор бипардозанд.”[7]

Ҳарчанд ки кишвари мо дар заминаи манобеи фолклор, нисбат ба бисёре аз ҷойҳо, ғанитар ва комилтар аст, аммо дар асари фақру гуруснагӣ, кӯчкарданҳову ҷобаҷо шуданҳо ва ҳуҷуми фарҳанги бегона ва тағйироте, ки ба суръат дар ҷомеа анҷом мегирад, бисёре аз одобу русуми деҳоту манотиқи дурдаст, фаромӯш шудааст ва агар имрӯз нисбат ба ҷамъоварии онҳо иқдоме нашавад, дере намепояд, ки бисёре аз ин ганҷинаҳои миллиро аз даст хоҳем дод. (8)

Бинобар ин, вазифаи мо ин аст, ки фолклори аҳвому қавмиятҳои мухталифро шиносоӣ, тадвину ҷамъоварӣ намоему аз ин миён, он чиро ки мусбату созанда аст, дар ҷомеа тарвиҷ диҳем то аз фаромӯш шудани онҳо ҷилавгирӣ ба амал ояд.

Ба ҳар ҳол набояд фаромӯш кард, ки дастае аз ин афкор ва одобу русум, на танҳо писадидаанд, балки аз ёдгориҳои пурифтихор низ ба шумор меоянд (монади: ҷашнҳои наврӯз, мехргон, сада ва ...) ки зинда кардану нигаҳдории онҳо ё бозсозӣ ва улгубардорӣ аз онҳо, аз вазоифи муҳими миллӣ маҳсуб мешавад ва бояд бидонем, ки имрӯз миллатҳое метавонанд дар арсаи фарҳангӣ устувор бимонанд ва ҳарфе барои гуфтан дошта бошанд, ки битавонанд фарҳанги асили худро ҳифз кунанд ва онро аз хатари ҳуҷуми фарҳангҳои муҳоҷим дар амон нигаҳ доранд.

Мутаассифона, айни замон баъзе аз ҷавонони мо, ба далели надоштани шинохти саҳеҳ аз фарҳанги худ, сухан гуфтан ба забони маҳаллӣ ва ё либос пӯшидан ба шеваи падарону аҷдоди худро навъе бефарҳангӣ ва мояи нангу ори худ медонанд ва ин мавзӯъ, махсусан дар мавриди касоне ки ба хориҷ аз кишвар муҳоҷират мекунанд, бисёр бештар сидқ мекунанд. Ба маҳзи хуруҷ аз кишварашон, ҳувияти фарҳангии худро то ҳадди зиёде фаромӯш мекунанд ва дар фарҳанги ҷадид, ҳал мешаванд ва ин дар ҳолест ки онҳо бояд сафири фарҳангии кишварашон бошанд ва аз арзишҳову фарҳаги сарзамини модарии худ дифоъ кунанд ва онро интиқол диҳанд.

АДАБИЁТ

1. “Фарҳанги омма дар адаби куҳани форсии дарӣ”, Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ, манбаъ: сайти хабаргузории мероси фарҳангӣ (miras)
2. Фарҳанги улуми иҷтимоӣ. Ҷулюс Г, Вилям Л. Кулиб. Виростор: Муҳаммад Ҷаводи Зоҳидии Мозандаронӣ. Теҳрон: Мозёр, 1376, 403с.
3. “Ҷамъоварии фарҳанги омма”. Содиқ Ҳидоят, нақл аз маҷаллаи сухан, манбаъ: вебсайти шӯрои густариши забону адаби форсӣ (www.persian – language.org 3/3/1384)
4. Баррасиҳои корбурдҳои иҷтимоии фарҳанг дар бо Ҳасани Зулфиқорӣ, пажӯҳишгар, ҳикматҳои таҷрибаи мардум, Маҳдии Арванд, рӯзномаи Эрон, соли даҳуми шумораи 2998.1383/9/3,
5. “Фарҳанги омма, асоси дӯстиву пайвастагӣ, гуфтугӯ бо Аббоси Маҳёр, пажӯҳишгар”, Кайвон Божун, рӯзномаи Эрон, соли ёздаҳум, шумораи 3153, 1384/3/16.
6. Тарона ва таронасороӣ дар Эрон, Муҳаммад Аҳмади Паноҳӣ (Паноҳии Симнонӣ), Теҳрон: Суруш, 1376, с.18.

РОЛЬ ФОЛЬКЛОРА В ОБЩЕСТВЕННОЙ ЖИЗНИ

Автор о мечтает , что изучение народное творчество имеет 200 летню историю, начало которого было положено англиским археологом Джоном Тумосом для покозания значения общенородной культуры.

В статье подробно рассматривастся основные направления фолклористики и особенности их развития в историческом плане.

***Ключевые слова**: фолклор, простонародная литература, народное знание, народная*

культура, народные традиции и нравы, народный язык, народные обряды, простой народ, эмета, народные праздники, устное творчество.

A VIEW AT THE HISTORY OF FOLKLORE STUDY

The author emphasizes that the study of folk art has a 200-year history, the beginning of which was laid by the English archaeologist John Tumos for the purpose of fostering the importance of a nation-wide culture.In the article the main directions of folklore studies and the features of their development in the historical plan are considered in detail.

***Keywords**: folklore, folk literature, folk knowledge, folk culture, folk traditions and customs, folk language, folk rites, common people, emetas, folk festivals, oral creativity.*

Сведения об аторах:

***Муллоев Абдусамад** – доктор филологических наук, профессор, декан факультета таджикском филологии Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел. : (+992) 917 585 877*

***Наврузали Ализода** докторанти PhD курси 3 кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатиии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.*

Abaut the authors:

***Mulloev Abdusamad** - the Doctor of Philology, the professor, the dean of Tajik Philology of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel. : +992 917 585 877*

***Nawrozali Alizoda** – PhD student in the Department of Theory and History of Literature, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddina Aini.*

ИНЪИКОСИ МУШКИЛОТИ ОБ ДАР НАШРИЯИ «ФАРАЖ»

***Баҳромзода М.З**.*

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Асри XXI бо паёмадҳои худ ҷомеаи башариро водор ба он сохтааст, ки нисбат ба ҳалли баъзе масъалаҳо бетарафиро ихтиёр накунад. Яке аз ин масъалаҳо, ки хусусияти глобалиро касб намудааст аз аҳли ҷомеа масъулити зиёдро таҳозо мекунад, ин мушкилоти норасоии об дар сайёра мебошад. Тибқи маърӯзаи СММ «панҷоҳ дарсади аҳолии кишварҳои рӯ ба рушд маҷбуранд, ки обро аз сарчашмаҳои ифлос дастрас намоянд» [1, с. 9]. Дастрасии нобаробар ба оби тозаи ошомиданӣ имрӯз ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст, зеро 80 % - и бемориҳо дар ҷаҳон маҳз ба оби нӯшидании бесифат ва риоя накардани меъёрҳои санитарию-гигиении обтаъминкунӣ вобаста мебошад [5, с. 39]. Аз ҷониби дигар, афзоиши босуръати аҳолӣ талабот ба оби тозаи ошомиданиро рӯз то рӯз бештар намуда истодааст, ки ин нақши муҳим доштани обро барои ҳаёт собит менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари дорои захираҳои зиёди обӣ ба масъалаи об ва мушкилоти вобаста ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар соҳаи муносибатҳои обӣ пеш аз ҳама ба «пешбурди сиёсати истифодабарии маҷмӯи захираҳои об, шинохтани об ҳамчун манфиати иқтисодӣ, ба амал овардан ва таҳкими механизми самараноки пешгирикунӣ, ҳалли мушкилот ва зиддиятҳо асос ёфтааст» [3, с.7]. Пешниҳоди 4 ташаббуси глобалӣ дар масъалаи об аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бозгӯи чунин сиёсати созанда дар соҳаи об мебошад.

Муҳим будани масъалаи обро дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон матбуоти даврӣ низ хуб дарк намуда, дар саҳифаҳояш роҷеъ ба ин масъала маводи зиёд нашр намудааст. Муҳаққиқони тоҷик Усмонов И. ва Муқимов М. вазифаи матбуотро асосан дар баён намудани сиёсат ва саривақт пешниҳод намудани иттилоъ ном мебаранд [4, с.64; 2, с.260]. Ҳафтаномаи “Фараж” аз қабили чунин нашрияҳоест, ки ба мавқеи масъалаи об дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, оид ба он маводҳои зиёдеро дар саҳифаҳояш нашр намудааст. Барои муайян намудани дараҷаи инъикоси маводҳо вобаста ба масъалаи об ва мавқеи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар нашрияи “Фараж” мо шумораҳои нашрияи мазкурро аз солҳои 2008 то 2017 мавриди омӯзиш қарор додем. Аз таҳлили маводи нашрияи “Фараж” муайян

гардид, ки аксари онҳо дар жанри хабар таҳия шуда, зери рубрикаҳои “7-рӯзи як сол”, “Вокуниш”, “Мавзӯи рӯз”, “Мушкили доимӣ”, “Бонги изтироб”, “Гузориши рӯз”, “Баҳси рӯз” ва “Мушкили минтақа” ба табъ расидаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ ва кишварҳои ҷаҳон дар самти ҳалли мушкилоти глобалӣ, аз ҷумла об ҳамкории созанда ба роҳ монда, дар ҳамоишҳои байналмилалӣ иштироки фаъол дорад. Доир ба ин масъала нашрияи “Фараж” дар як хабар таҳти унвони “Президент дар Ню-Йорк”, ки аз ҷараёни сафари панҷрӯзаи Президент Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Ню-Йорки ИМА ва иштироки ӯ дар Иҷлосияи 63-юми Маҷмаи кулли СММ маълумот медиҳад, иттилоъ додааст. Дар хабари мазкур аз ҷумла таъкид шудааст, ки дар ҷараёни ин сафар Президент дар зиёда аз 20 чорабинии васеъ ва мулоқотҳои дуҷониба иштирок намуда, ду ҳамоиши сатҳи олиро, ки яке аз онҳо “Об ва санитария барои ҳама” унвон гирифтааст, роҳбарӣ намудааст. Дар маводи навбатӣ таҳти унвони “Ҳафтаи Президент”, ки аз иштирок ва суханронии Президент Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми 5-уми ҷаҳонии об иттилоъ медиҳад, нашрияи “Фараж” таваҷҷуҳро ба иқдоми ҷаҳонии Президент Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи об ҷалб намуда, ҷонибдорӣ ёфтани чунин ташаббусҳоро аз ҷониби сиёсатмадорони ҷаҳон нишон додааст. Дар маводи мазкур, ки асосан дар жанри хабар нашр шудааст, Президенти кишвар аз ҷумла таъкид намудааст, ки “сохтмони обанборҳо ва нерӯгоҳҳои обӣ ҳам баҳри истеҳсоли нерӯи барқ ва ҳам барои захирасозию истифодаи муназзами об ба манфиати кулли кишварҳои минтақа аст” [“Фараж”, 2009, 19 март].

Нашрияи “Фараж” дар баъзе маводҳо масъалаи тақсими нобаробари захираҳои об дар минтақа ва вокуниши Тоҷикистон нисбат ба ин масъаларо низ пайгирӣ намудааст. Чунончӣ, дар як маводи нашрияи мазкур нигаронии Ҳамрохон Зарифӣ вазири вақти корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба баҳси масъалаи об дар минтақа нишон дода шудааст, ки дар он ӯ баҳрабардорӣ аз захираҳои обро ҳаққи Тоҷикистон номида, ранги сиёсӣ бахшидан ба масоили тақсими захираҳои об дар Осиёи Марказиро кори нодуруст ва бар зиёни кишварҳои минтақа номидааст [“Фараж”, 2009, 4 июн]. Барои муфассал баррасӣ намудани масъалаи истифодаи нодурусти захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар нашрияи “Фараж” андешаи коршиносони соҳа низ оварда шудааст. Аз ҷумла, дар маводи таҳлилии “Фараж” таҳти унвони “Ҷанги об дар Осиёи Марказӣ”, ки дар ду шумораи нашрия ба табъ расидааст, назари ҷуғрофишиноси тоҷик Холназар Муҳаббатов рӯйи чоп оварда шудааст. Х. Муҳаббатов аз ҷумла, иброз доштааст, ки бо назардошти манфиати ҷумҳуриҳои кӯҳсор лозим аст, ки низоми мавҷудаи истифода ва тақсимоти об дар Осиёи Марказӣ тағйир дода шавад, зеро бо вуҷуди дар саргаҳи ташаккулёбии обҳои Осиёи Марказӣ ҷойгир будани Тоҷикистон он танҳо 18-20 фоизи ин обро истифода мебарад ва 40% - и ин захираҳои об ҳангоми обёрӣ талаф меёбад [“Фараж”, 2009, 11, 18 июн].

Тоҷикистон барои пешгирии истифодаи нодурусти захираҳои об дар минтақаи Осиёи Марказӣ сохтмони нерӯгоҳҳои барқиро ба манфиати кор номидааст. Чунин пешниҳодро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз минбари СММ иброз дошта, бори дигар таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонро ба масъалаи истифодаи нодурусти захираҳи об ҷалб намуд, ки дар матлаби нашрияи “Фараж” таҳти унвони “Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар СММ” ба табъ расидааст [“Фараж”, 2009, 28 сентябр]. Инчунин барои хотима бахшидан ба баҳсҳои тӯлонӣ дар масъалаи об, хусусан бо Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш намуд, ки ба воситаи кишварҳои дигари поёноб чун Туркманистон дар ҳалли ин масъала саҳм гузорад. Вобаста ба ин масъала дар маводи навбатии нашрияи “Фараж”, ки ба қалами рӯзноманигор Фахриддини Холбек тааллуқ дорад, муфассал маълумот дода шудааст. Аз ҷумла, коршиносон сафари Эмомалӣ Раҳмон ба Туркманистонро гардише дар сиёсатҳои минтақа арзёбӣ мекунанд, ки эҳтимол дорад, Тоҷикистон як иттиҳодеро дар баҳсҳо оид ба об ва сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обиро ба вуҷуд орад [“Фараж”, 2009, 12 октябр].

Нашрияи “Фараж” ҳамчунин маводҳои таҳлилиеро вобаста ба масъалаи об дар саҳифаҳояш нашр намудааст, ки онҳоро муаллифон ҳангоми сафари худ мушоҳида намуда, рӯйи чоп овардаанд. Аз ҷумла, публитсист Шераки Ориён аз натиҷаи сафари худ ба кули Сарез ёдовар шуда, навиштааст, ки оид ба хатари кули Сарез Президенти Тоҷикистон дар СММ ва Копенгаген баромад карда, роҳҳои бартараф кардани ин хатарро пеш гузошта буд. Аз натиҷаи

таҳқиқот ба кули Сарез Ш. Ориён ба хулосае омадааст, ки барои истифодаи дурусти захираҳои об, хусусан ҳангоми бунёди обанборҳо, агар кишварҳои поёноб аз оби Сарез истифода баранд, ба нафъи кор хоҳад буд [“Фараж”, 2011, 3 август]. Аз ин рӯ, нашрияи “Фараж” вобаста ба масъалаи ҳалталаби обӣ дар Осиёи Марказӣ аз суханронии Президент Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об иқтибос овардааст, ки он назари неки Тоҷикистонро ба рушди ҳамкориҳо дар масъалаи об нишон додааст. Дар ин конфронс Президент аз ҷумла таъкид намудааст, ки “Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ҳамкории мутақобилан судманд ва муносибатҳои неки ҳамсоягӣ буд, ҳаст ва хоҳад монд” [“Фараж”, 2013, 21 август].

Пажӯҳиши матолиби нашрияи “Фараж” нишон медиҳад, ки хабарнигорони он дар баробари баррасии масъалаи об дар сатҳи минтақа, инчунин мушкилоти онро дар сатҳи маҳаллӣ низ пайгирӣ намудаанд. Аз ҷумла, таҳлилгари Мактаби тадқиқоти журналистӣ Холиқназар Ҷумъаев маводеро таҳти унвони “Оби соф ба Ӯзбекистон, бемориву лойобаҳо ба сокинони Панҷакент” омода намудааст, ки он аз таҳқиқоти ин таҳлилгар ба яке аз деҳаҳои шаҳри Панҷакент Марғедар маълумот медиҳад. Таҳлилгар Х. Ҷумъаев дар матлаби худ таваҷҷуҳи хонандагонро ба шароити вазнини зисту зиндагонӣ аз ҷумла, набудани об ҷалб намуда, навиштааст, ки “...кӯдакони зиёде аз обҳои ба талабот ҷавобнадиҳанда нӯшида бо бемориҳои гуногуни сироятӣ ба шифохона мерафтанд” [“Фараж”, 2010, 14 апрел]. Ба монанди матлаби мазкур, ки аз нодида гирифтани сиёсати Президенти кишвар роҷеъ ба таъмини оби тоза дар шаҳри Панҷакент бозгӯ менамояд, матлаби навбатии “Фараж” низ таҳти унвони “Шӯроби беоб”, ки аз натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодаи таҳлилгар Саиди Ҳайдар ба шаҳраки Шӯроби шаҳри Исфара иттилоъ медиҳад, мушкилоти норасоии об дар баъзе мавзеъҳои Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Тавре ӯ навиштааст “мо дар шаҳраки Шӯроб бо чашми сар дидем, ки мардум ҳар 100 литр обро бо нархи аз 5 то 8 сомонӣ (вобаста ба сифати об) харидорӣ менамоянд ва ҳамарӯза чор мошини шахсии обкашӣ обро аз масофаи аз 500 метр то 2 км аз ҳудудҳои шаҳраки Шӯроб аз қубурҳо гирифта ба мардум мефурӯшанд” [“Фараж”, 2017, 12 апрел]. Ба воситаи маводи мазкур таҳлилгар Саиди Ҳайдар бемасъулиятии мақомоти дахлдорро оид ба иҷроиши қарори ҳукумати кишвар таҳти рақами 482 аз 4-уми октябри соли 2011 “Оид ба нақшаи барқарорсозӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳраки Шӯроби шаҳри Исфара барои солҳои 2011-2015” нишон додааст.

Тибқи ҳисоботи соли 2013 оид ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола тайи ду даҳсолаи охир зиёда аз 2, 1 млрд. одам бо об беҳтар таъмин гашта, шароити санитарии 1, 9 млрд. сокини сайёра рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст. Вобаста ба ин нашрияи “Фараж” дар як мавод таҳти унвони “Зан ва об” иттилоъ дода, таваҷҷуҳи хонандагонро ба нақши занон дар ҳалли масъалаи об ҷалб намудааст. Дар ин матлаби нашрияи “Фараж” директори шабакаи пешбарии занҳои фермер аз Нигерия Саламату Гарба таъкид намудааст, ки дар ҳолати сарфи назар кардани гендер чоҳҳои об хушкида, дастгоҳҳои обкашӣ аз кор мебароянд ва дар тақсимоти об дар байни мардум нофаҳмиҳо рух медиҳад, ки аз ин аз ҳам бештар занон зарар мебинанд. Аз ин рӯ, ӯ таъкид намудааст, ки зарур аст, то дар омода намудани лоиҳаҳо вобаста ба об занон низ бояд ҷалб шаванд, то сатҳи ҳуқуқӣ ва беҳдоштии онҳо дар масъалаи об баланд бардошта шавад [“Фараж”, 2013, 28 август].

Ҳамин тариқ, пажӯҳиши матолиби нашрияи “Фараж” вобаста ба масъалаи об нишон дод, ки хабарнигорони он сиёсати обии Ҷумҳурии Тоҷикистонро хуб дарк намуда, дар маводҳояшон вобаста ба амалӣ намудани ин сиёсат ва ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон ба мушкилоти об дар минтақаи Осиёи Марказӣ назари коршиносони соҳаро рӯйи чоп овардаанд.

АДАБИЁТ

1. Взгляд на пресноводные ресурсы мира [Текст] // Вода для людей, вода для жизнь /обзор. – 2003. –36 с.
2. Мукимов, М. Новые пути привлечения аудитории газет / М. Мукимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. - Душанбе: Сино, 2017. - № 4/1.- 318 с.
3. Нуралиев, К. Захираҳои оби Тоҷикистон: ташаббусҳо, вазъият ва дурнамо [Матн] / К. Нуралиев, М. Абдусамадов, Р. Б. Латипов. – Душанбе. – 225 с.
4. Усмонов, И. К. Назарияи публицистика [Матн] / И. К. Усмонов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 100 с.
5. Шарифов, Г.В. Об, ҳаёт, сиёсат [Матн] / Г. В. Шарифов. – Душанбе: Недра, 2013. – 140 с.

ОТРАЖЕНИЕ ВОДНЫХ ПРОБЛЕМ В ГАЗЕТЕ “ФАРАЖ”

Автор статьи анализирует освещение водных проблема воды как глобальной инициативы Таджикистана в период 2008-2017 годов в газете “Фараж”. На основе изучения и анализа материалам, связанного с водными проблемами, он определяет роль газеты «Фараж» в отражении и обсуждений данного вопроса а также показывает позицию некоторых экспертов по водном проблеме.

Ключевые слова: *печать, «Фараж» вода, инициатива, Таджикистан, Центральная Азия, эксперт.*

COVERAGE OF WATER PROBLEM IN THE NEWSPAPER “FARAZH”

This article analyzes the ways of coverage of water issues as a global initiative of Tajikistan in the period of 2008 - 2017 years in the newspaper "Farazh". In the base of learning and analysis of materials related to water issues, the author defines the role of the newspaper "Farazh" in reflection and discussion of global initiatives of Tajikistan related to water issues and shows the position of some experts related on this subject. This article defines the role and position of press in the coverage of the global initiatives of Tajikistan related to water issues.

Key words: *press, “Farazh”, water, an initiative, Tajikistan, Central Asia, expert.*

Сведения об авторе:

Бахромзода Манижаи Зафаршодухт*, докторант (Ph.D), факультета журналистики Таджикского национального университета, e – mail: bakhromzodam@mail.ru*

About the author:

Bahromzoda Manizhai Zafarshodukht*, doctoral(PhD) of journalism faculty of Tajik National University, e – mail: bakhromzodam@mail.ru*

ИНЪИКОСИ МАСОИЛИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР НАШРИЯИ «ОЗОДАГОН»

Сайфиддинова Г.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воситаҳои ахбори омма аз аркони муҳимми давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар инъикоси масъалаҳои гуногуни ҷомеа ва рушди соҳаҳои ҳаёти кишвар нақши муҳим дорад.

Воситаҳои ахбори оммаи кишвар имрӯз то ҳадди имкон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки масъалаҳои доғи ҷомеаро холисона мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳанд.

Ҳафтаномаи «Озодагон» дар қатори дигар нашрияҳо, дар инъикоси масоили рӯз мавқеи хосси худро дорад. Ин нашрия аз 28 декабри соли 2006 чоп мешавад. Муассис ва сардабири он Зафари Сӯфӣ, ва муҳаррир Азизи Нақибзод мебошанд. Нашрияро шиори «Ман душманам бар ҳар чӣ ғуломию бандагист» раҳнамоӣ мекунад.

Профессор Иброҳим Усмонов бо баррасии як шумора таъиноти ин нашрияро чунин тавзеҳ медиҳад: «дар саҳифаи аввал портрети Президенти Тоҷикистон бо нишони президентӣ ва ду ҳошия оид ба худшиносии миллӣ, ки аз ҷумлаи «Эмомалӣ Раҳмон масъалаи худшиносии миллиро ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошт» ва абзатси дигаре аз хизмати устод Садриддин Айнӣ дар мавриди миллатшиносӣ бо ҳарфҳои калон чидаанд ва ин саҳифа табрики зайлро дорад: «Фарорасии иди Қурбон барои тамоми тоҷикон ва мусулмонони Тоҷикистон муборак бод!».

Аз ин чизҳо райъ задан мумкин, ки миллат ва арзишҳои миллӣ, инчунин исломӣ ҳадафи ниҳоияш аст» [2, с. 264].

Ин ҳафтанома дар тули фаъолияти худ ҳамчун расонаи сиёсию ҷамъиятӣ соҳиби Агентии иттилоотии «Озодагон» аст, ки ҷомеаро аз рӯйдоди муҳимми дохиливу хориҷӣ огоҳ намуда, барои баррасии мушкилоти ҷомеа нақш мегузорад.

Ҳафтанома рубрикаҳои зиёд дорад. Дар ҳар саҳифаи он рубрикаи доимӣ мавҷуд аст, ки: «Сиёсат», «Иҷтимоъ», «Оина», «Мусоҳиба», «Се назар», «Ҷомеа», «Дидгоҳ», «Пурсиш», «Сарнавишт» ва «Муҳоҷират» аз маъмултарини онҳост. Бино ба таҳқиқи М. Муродов дар шароити муосир нашрияҳои мустақил, аз ҷумла «Озодагон» ва «Нигоҳ» як навъ симои худро ба шакл даровардаанд, ки рубрика ва саҳифаҳои доимӣ, ороиш ва муносибати хоса ба воқеаҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи аносири онҳоянд» [3, с. 89].

Масъалаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ин нашрия бештар зери рубрикаи «Муҳоҷират» ба табъ мерасанд. Масалан, дар шумораи 4 –уми феврали соли 2015 маводе таҳти унвони «Камбағалро аз болои шутур ҳам гурба мегазад» - «Қонунҳои нави Русия мушкилоти тоҷикро боз бештар кард» ба табъ расидааст, ки аз аҳволи муҳоҷирони тоҷики қаламрави Русия нақл мекунад. Муаллифи ин мақола аз муҳоҷирони тоҷик пуштибонӣ намуда, рӯзгори онҳоро ба ҳаёти замони пешазинқилоб, солҳои 1910-11 муқоиса намуда ба Дохунда (асари устод С. Айнӣ дар назар аст, С.Г.) монанд мекунад ва меафзояд: «Ҳар кас, ки романи «Дохунда»-и устод Айниро хондааст, аз ҳоли зори мардикорони тоҷик дар асрҳои гузашта, зулму ситам болои онҳо ба риққат меояд.

Аммо имрӯз миқдори дохунадаҳо он қадар зиёд шуда, ки наметавон вазъи душвори онҳоро дар чанд қисса баён кард.

Ин дохундаҳо – мардикорони имрӯзаи тоҷик дар Русияанд, ки ба қавле «дар миёни чор дарё тахтабандашон кардаанд».

Ҳар рӯз як душворӣ ё як вазъи ногувор онҳоро интизор аст.

Мувофиқи қонунҳои наве, ки ҳукумати Русия пас аз моҳи январ барои муҳоҷирони меҳнатӣ ҷорӣ кард, душвориҳои муҳоҷирон боз ҳам афзуд.

Шаҳрванди хоричӣ, вақте ворид шудан ба ҳудуди Федератсия Русия, мувофиқи қонунҳои нав ҳуқуқ дорад, ки дар давоми 30 рӯзи тақвими ба Хадамоти муҳоҷират (ФМС). Агар аз ин муҳлат таъхир кунад, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, аз 10 то 15 000 рубл ҷарима карда мешавад. Қаблан шаҳрвандон метавонистанд ба ФМС дар давоми 90 рӯз муроҷиат кунанд, ҳоло бошад 30 рӯз шудааст, қайд намуд корманди Хадамоти муҳоҷирати Русия.

Ба қавли Раиси Хадамоти муҳоҷирати Русия, Константин Ромодановиский аз 10 январи соли 2015 барои беш аз 120 рӯз буду бош намудан дар Русия шаҳрванд ба муҳлати 3 сол аз ҳуқуқи вуруд ба ин кишвар (яъне Русия) маҳрум мешаванд. Агар муҳлати буду бош беш аз 270 рӯз шавад, вуруди шаҳрванд ба муҳлати 5 сол манъ мегардад. Ва агар беш 360 рӯз шавад, шаҳрванд наметавонад 10 сол ба хоки Русия қадам ниҳад.

Акунун тасаввур кунед, ки чӣ қадар муҳоҷирони тоҷик зиёдтар аз муҳлатҳои зикр намудаи сарвари Хадамоти муҳоҷиратии Русия дар ин кишвар буду бош доранд.

Вазъи аксари эшон дар воқеъ хеле душвору нигаронкунанда аст» (Озодагон, 2015, 4 феврал).

Тавре аз иқтибос бармеояд, дар ин мавод вазъи ба амал омада хеле хуб мавриди инъикос ва баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф аз мушкилоти бақайдгирӣ дар ин кишвар изҳори нигаронӣ мекунад. Аз ҷумла, муаллифро мушкилоти расман гирифтани иҷозатнома (патент), ниёз доштани муҳоҷирон бе дар назардошти миёнарав тақрибан 14 000 рубли русӣ, пайдо кардани ҳуҷҷатҳо барои кор аз дасти полис, хӯрдану пӯшидан ва амсоли ин ба ташвиш меорад.

Мавриди зикр аст, ки муҳоҷират дар ҳама замон мавҷуд буд ва он як падидаи маъмулист. Аз ин рӯ, агар ба муҳоҷират ҳамчун як падидаи табиӣ назар намоем, дармеёбем, ки он дар тӯли таърих дар пайванд, боварӣ ва густариши тамаддунҳову фарҳангҳо нақши бузургу боризе доштааст ва метавонад дошта бошад. Муҳоҷират як падида ва асли бисёр арзишманди инсонист, ки он дар тӯли таърих васлкунандаи миллатҳо будааст. Масалан, вақте ки миллатҳо бо якдигар иртиботи наздик ҳосил мекунанд, аз якдигар чизҳое мегиранд ва ба якдигар чизҳое медиҳанд, ба якдигар таъсир мерасонанд ва аз ҳамдигар мутаассир мешаванд. Яъне, дар байни онҳо як навъ доду гирифти маънавӣ сурат мегирад, ки он аз манфиат холӣ нест ва табиист, ки ҳар миллате, ки аз лиҳози тамаддунӣ боло аст, бештар таъсир мебахшад ва камтар таъсир мепазирад. Ва оне ки дар сатҳи тамаддуни поинтар қарор дорад, мутаассир мешавад ва камтар таъсир мегузорад.

Вале, мутаассифона, дар солҳои охир сатҳи муҳоҷирони тоҷик дар Русия зиёд шудаву зиндагиашон дар ин мамлакат хеле душвор гардидааст. Мушкилоти онҳо аз назари журналистон

дур намемонад ва аз ҳаёти ҳамарӯзаи онҳо дар матбуоти даврӣ маводи зиёде интишор меёбад. Ошкор кардани камбудию норасоиҳои ҷомеа аз вазифаҳои аслии журналистикаи имрӯза маҳсуб меёбад. Профессор М. Муродӣ дуруст қайд мекунад, ки: «…журналистика танҳо хабаррасонӣ нест, журналистон ҳамчунин кӯшиш менамоянд, ки воқеаҳоро шарҳ диҳанд, ҳақиқати онҳоро фаҳмонанд ва ба ин минвол ба маърифати аудитория таъсир расонанд. Ин таъсир ба ташаккули афкори умумӣ мусоидат мекунад. Ба ин назар журналист на мисли суратгир ҳолати механикиро ба вуҷуд меорад, балки чун рассом ба он таровати тоза, замонавӣ ва касбӣ мебахшад. Гузашта аз ин, журналист шахсият аст, масъулияти касбиро ба душ дорад, манфиатеро думболагирӣ мекунад, услуб ва шеваи хоси гуфтор дорад. Бинобар ин ӯ дар инъикоси рӯйдодҳои иҷтимоӣ бетараф буда наметавонад. Яъне, журналист ҳам аз нигоҳи касбӣ ва ҳам аз мавқеи шаҳршандӣ ба нерӯе мубтало аст. Нерӯи касбии ӯро қонунияти эҷод ва шаҳрвандиашро манфиати ҷомеа ва миллат ташкил медиҳад» [2, с. 6].

Ҳамин аст, ки журналистони «Озодагон» масъулияти касбиро хуб ҳис карда ҳамеша ба сӯи ҳақиқат мераванд ва камбудиҳои иҷтимоиро ошкоро инъикос мекунанд, ки масаъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҷумлаи он аст.

Матлаби дигари зери ин рубрика дарҷгардида «Бесоҳибии нонаворони тоҷик» ном дорад, ки аз шикояти муҳоҷирони тоҷик дар хусуси беасос аз ҷониби Хадамоти федералии муҳоҷирати Русия боздошт ва ҷарима шуданашон нақл мекунад: «Ин гурӯҳи муҳоҷирон мегӯянд, дар ҳоле боздошт ва ба муҳлати беш аз 12 соат дар маконе нигоҳдорӣ шудаанд, ки дар қаламрави Русия қонунан ҳузур доранду ҳар моҳ дар ҳаҷми 4 ҳазор рубли русӣ андоз месупоранд» (2015, 25 июл).

Аз фактҳои маводи мазкур бармеояд, ки ҷаримабандиву пулситонӣ василаи раҳоии муҳоҷирон будааст, ки онҳо баъди супоридани ҷарима дар ҳаҷми 2 000 то 5 000 рубли русӣ халос мешудаанд.

Ин дар ҳолест, ки муҳоҷирони тоҷик дар ин кишвар бо душвориҳои зиёд кор мекунанду аз ташвиши рӯзгор сарсону саргардонанд.

Мувофики омори ҷаҳонӣ дар дунё зиёда аз 200 миллион нафар муҳоҷирони меҳнатӣ кору зиндагӣ доранд, ки онҳо одатан аз мамолики дорои қувваи зиёд ва мамлакатҳои ниёзманди қувваи корӣ ба давлатҳои рушди иқтисодияшон баланд мераванд. Русия низ ниёзманди қувваи корӣ аст ки қисми зиёди шаҳрвандони Тоҷикистон ба ин сарзамин муҳоҷир мешаванд. Ба гумони мо пазируфтани муҳоҷирон аз тарафи Русия ин далели ниёзмандии он ба қувваи арзони муҳоҷирон аст.

Албатта, як сабаби асосии рӯ овардан ба куи ҳиҷрат-ин бартараф кардани камбудиҳои рӯзгор ва ба ҳаракат даровардани заврақи рӯзгор ба ҷониби фардоҳост. Чаро ки дар чунин як давраи сахти гузариш ҳеч кас намехоҳад, ки бо мақсади тамошову саёҳат ба сафар барояд. Ҳарчанд муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари фоидаи молӣ ба буҷети оила ва иқтисодиёти кишвар, инчунин мушкилотеро дар муҳити хонадон эҷод мекунад ва ин мушкилот умумист.

Нашрия «Озодагон» ин воқеияти аслро ба инобат гирифта, қариб дар ҳар шумораи худ вобаста ба мушкилоти муҳоҷирони тоҷик матлабе ба нашр мерасонад. Тибқи омӯзиши мо ин нашрияро дар тӯли соли 2015 доир ба мушкилоти муҳоҷирони тоҷик дар Россия зиёда аз 18 матлаб интишор намудааст, ки «Дар Русия дар арафаи Ғалаба тоҷикро сар буридан».

Чуноне дар ин мақола зикр шудааст, яке аз муҳоҷирони тоҷик ҳангоми дар арафаи иди ғалаба бо сабабҳои гуногун кушта мешавад ва зикр шудааст, ки: «Бародари муҳоҷире, ки Раёсати Кумитаи тафтишотӣ дар вилояти Маскав гуфта буд 3 май аз ҷониби 2 наврас ва як ҷавони 18-сола аз шаҳри Королеви назди Маскав кушта шудааст, мегӯяд, бародарашро соати 12-и шаб миллатгароҳои рус куштаанд», ин мақола бо истифода аз пурсишҳои мутахассисон мукаммал гаштааст: «Муҳаммад Эгамзод, сухангӯйи Сафорати Тоҷикистон дар Руссия вобаста ба ин қазия мавқеи сафоратро ба «Озодагон шарҳ надод, ба радиои «Озодӣ» гуфтааст, ки «бо изҳори таасууф сафири Тоҷикистон аз ин воқеа ба Кумитаи тафтишоти Русия ва Вазорати умури дохилии ин кишвар муроҷиат кард, то парванда ба гунаи ҷиддипажӯҳиш шавад. То ҳол далел дар даст нест, ки ин куштор бо ангезаҳои сиёсӣ ба вуқӯъ пайвастааст», -гуфтааст Эгамзод». Чунин мақолаҳо зиёд ба чашм мерасанд. Масалан, маводи дигар таҳти унвони «Шеваи бархурди Ҳукумати Тоҷикистон бо қатли муҳоҷирон бояд чӣ гуна бошад?» доир ба мушкилоти

муҳоҷирони тоҷик, ки дар қаламравӣ ин сарзамин фаъолият доранд ва вобаста ба мушкилоти онҳо дар ин мавод пурсишнома байни донишмандону фаъолони кишвар аз ҷони нашрия гузаронида шудааст, ки хеле ба маврид аст. Дар ин мавод яке аз пурсидашудагон, яке аз чеҳраҳои сиёсӣ Шоди Шабдоловон, аз ҷумла қайд мегардад: «Агар ин ҷиноятро бо ҳукми ҳукумат нест карда мешуд, барвақт ҷиноятқорӣ дар дунё аз байн мерафт. Барои ҳалли ин мушкилҳо фурсату замон, ду сад се сад сол лозим аст. Дар мисоли муҳоҷират бояд гуфт, ки ба шакле ба низом дароварда шавад, ки ҳар нафар тасодуфи наравад ва барои инро ба низом даровардан мо бояд ба Иттиҳоди иқтисодии АвроОсиё шомил шавем ва ногузир ворид хоҳем шуд» намунаи онҳост.

Умуман, имрӯз журналистони нашрия мавриди назар то андозае масъулияти ба дӯш доштаашонро ба инобат мегиранд ва медонанд, ки яке аз вазифаи онҳо баррасии масъалаи мубрами рӯз аст ва бояд ба ӯ муносибати ҷиддӣ дошта бошанд.

АДАБИЁТ

1. Журналистика ва замони муосир.-Душанбе, 2015.
2. Муродов М. Баъзе масъалаҳои журналистика ва ҳаҷви публитсистӣ / М. Муродов.- Душанбе, 2005.
3. Муродов М. Аз се шохаи як илм.- Душанбе, 2014.
4. Усмонов И. К. Журналистика, қисми 1.- Душанбе, 2005.
5. Усмонов И. К. Журналистика, қисми 3.- Душанбе, 2008.
6. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика. - Душанбе, 2009.
7. Усмонов И.К. Журналистика, қисми 4.- Душанбе, 2010.
8. «Озодагон».-2015

Манбаъ

9. Номи муаллиф Камбағалро аз болои шутур ҳам гурба мегазад. Қонунҳои нави Русия мушкили муҳоҷирони тоҷикро боз бешатр кард // Озодагон 2015.-4 феврал.
10. Бесоҳибии ноноварони тоҷик // Озодагон. 2015.-25 июл
11. Дар Русия дар арафаи Ғалаба тоҷикро сар буридан // Озодагон. 2015.-13 май.
12. Шеваи бархурди Ҳукумати Тоҷикистон бо қатли муҳоҷирон бояд чӣ гуна бошад? // Озодагон. 2015.-13 май.
13. Шералиев А. Воқеияти пурдарди як муҳоҷир дар шакли қисса // Озодагон 2015. 27 май.
14. Шералиев А. Воқеияти пурдарди як муҳоҷир шакли қисса // Озодагон 2015.-10 июн.
15. Омӯзгори тоҷик дар Руссия: Вақте фаҳмиданд, ки манн тоҷикам // Озодагон 2005.-11 феврал.
16. Ораш Рустам. Хати нишони Русия: Тоҷикистон «Форспост» аст // Озодагон 2015.-18 феврал.
17. Алишер Зарифӣ. Чӣ ҷавононро ифротгаро мекунад? // Озодагон 2015.-18 феврал.
18. Чаро сафи ифротгароён ба шиддатдар ҳали афзоиш аст? // Озодагон 2015.-25 феврал.
19. Вишневский: Ин беэҳтиёти нест куштор аст // Озодагон 2015.-25 феврал.
20. Муфатишони рус: Бигӯ, ки писарамро худам куштам! // Озодагон 2015.-11 ноябр.
21. Изи ангушт вуру-талоши нави Русия алайҳи нави депортатсияшудаҳо // Озодагон 2015.-11 ноябр.
22. Сипеҳри Кароматулло. Марги ду тоҷик барои «нону патент» дар Русия // Озодагон 2015.-8 апрел.
23. Девид Лейн: 65% маблаги муҳоҷирон барои ғизо масраф мешавад // Озодагон 2015.-20-май.
24. Фирори се боздоштшудаи тоҷик: деворро шикоф кард // Озодагон 2015.-25 ноябр.
25. Маҳкумияти тоҷике, ки барои занаш маъмури «ФМС»-ро дашном додааст // Озодагон 2015.-23-декабр.

ОСВЕЩЕНИЕ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ В ГАЗЕТЕ «ОЗОДАГОН»

В статье анализируются вопросы свиязенные трудовой миграцией в понегаталные в (газета) «Озодагон». Автор, соглась на материалы указанных изданий, определяет современное состояние трудовой миграции и демонстрирует роль печати в решении данной проблемы.

Ключевое слова: *миграция, информировать, рассмотрение, деньги, граница стран, события, позиция.*

THE ISSUES OF LABOR MIGRATION IN THE NEWSPAPER "OZODAGON"

This article deals with questions of coverage of the labor migration issues in the publication (newspaper) of «Ozodagon". The author, in the based of analysis of the materials mentioned publications, identifies the causes, factors and the current state of labor migration, and demonstrates the role of the press in the consideration of this trend.

Ke words: *migration, inform, consideration, money, the border of countries, the event, position.*

Сведения об автора:

Сайфитдинова Г- *Соискатель кафедры печати факультета журналистики Таджикский нацанальний университет, тел: +992985917552*

About the author:

Sayfitdinova G- *Researcher of the Department of Mass Media of the Faculty of Journalism of Tajik national University, tel: +992985917552*

ВАҲДАТИ ИРФОНИИ МАВЛОНО БО ШАМСИ ТАБРЕЗӢ

Холова Ф.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, яке аз суханварони фарҳехта, орифи мутафаккир ва аҳли нубуғи тамоми давру замонҳо буда, дар баробари дигар шоирони маърифатгарои форсу тоҷик тавонистааст, ки бо андешаҳои хеш дар мавриди шинохти «инсони комил» ва тарғиби ғояҳои ирфонии расидан ба «ваҳдати вуҷуд» шӯҳрати офоқ гардад.

Ӯ аз зумраи абармардони муаррификунандаи тамаддуни башарӣ ва ҳамтабори сазовори дарвешону қаландарони аҳли дидаву дил ва унс буда, ҳамчунон ба ҳайси бузургтарин суханвари мутасаввифи адабиёти тоҷик, шеъри воло ва ба мазмун беназири мардуми моро дар радифи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалии Сино, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Шайх Фаридуддини Аттор, Абӯсайид Абулхайри Майҳанӣ, Бобо Тоҳири Урён, Бобо Афзали Кошонӣ, Бобо Кӯҳӣ, Саъдии Шерозӣ, Фахруддини Ироқӣ ва дигарон ба афзунӣ оламгир гардонидааст. Намунаи чунин шоҳкориҳои ӯро метавон дар осоре чун «Девони Шамси Табрезӣ», «Маснавии маънавӣ», афкори ирфонии мундариҷ дар «Фиҳи мо фиҳ», мавъизаҳои «Маҷолиси сабъа», «Мактубот» ва дигар хотироту ёддоштҳои дӯстон бахшида бар айни рӯзгор ва каромоти ӯ ба мушоҳида гирифт ва ҳосил аз хулосаи ин ҳамаро ба тарозуи ақл ва маънишиноси хаёлгир баркашид.

Тибқи нишондоди сарчашмаҳои маъмули хаттӣ ва таҳқиқоти таърихнигорони давр, зодбуми Ҷалолуддин Муҳаммад дар хонадони маъорифпарвар ва фақеҳи замон Баҳоуддин Валади Балхӣ (муаллифи китоби «Маориф») – писари Ҷалолуддини Хатиб, дар замони ҳамлаи муғулони кишварситон, ки бо кирдори хунинашон ба қавли Халифаи Абдулҳаким -«бузургтарин садамае, ки то он вақт ба мусалмонон ворид…» карда буданд, рост омада, ӯ рӯзгори нобасомонеро дар овони бачагӣ ба сар бурдааст.

Аҳли хонадони Ҷалолуддини хурдсол аз бими таҳоҷуми маргбори чингизиёни дадсират дар оғози даҳаи дуввуми асри XIII аз Балх рахти иқомат кашида, дар зимни саргарониҳо озими ҷавониби Нишопур (ҳангоми нахустин дидорбинии Ҷалолуддини хурдсол бо Шайх Аттор ва эҳдо шудани китоби «Асрорнома» бар ӯ дар ин асно ба вуқуъ пайваста буд, Ф. Х.), баъдан ба Шому Бағдоду Ҳалаб ва Маккаву Димишқу Арзинҷону Лоранда ва билохира Қуния, яке аз марокизи фарҳангиву илмии замони Рум (Византия), ки аллакай пойтахти Кайқубоди Салчуқӣ буд, рост омад.

Аммо, новобаста бар саромади чунин парешонҳоливу саргарониҳо, Ҷалолуддин Муҳаммад дар овони наврасӣ тамоми улуми ирфонии замони хешро фаро гирифта, муддате дар Шому Ҳалабу Димишқу Қуния такмили таҳсил карда, касби донишро азбар намуда, таълимот сӯфияро бо баррасӣ ва таҳқиқи ҳамбастагии фалсафа ва ирфон ба сароҳат меомӯзад ва сазовори мақоми устодӣ дар мадорис мегардад.

Натиҷаи чунин заҳамот ва дарёфти фазилат буд, ки баъди вафоти қиблагоҳи бузургвораш Баҳоуддини Валад ва устодаш Бурҳониддин Муҳаққиқи Тирмизӣ умури сарварии мадраса, иршоди шогирдон ва пайравони қиблагоҳ, таълиму тадрис ва воъизиву суханрониҳо дар масоҷиду минбарҳои аҳли илму дониш ва маърифат бар ӯҳдаи ӯ вогузошта мешавад.

Хулосаи эътирофи умум буд, ки ӯ дар як муддати кӯтоҳ бо бардоштҳои маънавӣ аз таълимоти сӯфиёни варзидаву орифони писандида, шинохти амиқи матлабу мароми фирқаву равияҳои гуногун, аз ҷумла ошноӣ бар аъмоли Мансури Ҳаллоҷ, Боязиди Бастомӣ, Ҳасани Ҳараҷонӣ, Абӯсаиди Абулхайр ва дигарон, инчунин равияҳои тасаввуфӣ монанди кубравия, сӯҳравардия, дарвешия, қаландария, ҷаҳрия ва ба тариқи омӯзиши кутуб ва дастрасии мероси ирфонӣ, дар

ҷустуҷӯи асрори замону макон саъй кард ва бо дарёфти дараҷаи камолоти ирфонӣ ва бархурдорӣ аз мероси маърифатии падар ва устодону шогирдон, тариқаи маъруфи ирфониву тасаввуфии худ, равиши аҳли футуввату ҷавонмардӣ ва ҷамъи ахиёни содиқу қаввол, «Мавлавия»-ро болои кор овард, ки пас аз муддати кӯтоҳе дар мамолики Руму Юнону Эрон, Арабу кишварҳои бузургу хурди Осиёи Марказӣ, Қафқоз ва Ҳинду Чин шӯҳратёр гардид.

Мутобиқи тақозои ин тариқат, ҳамчунон гоҳе ба сифати «мазҳаб» низ ёд шудааст, раҳпӯёни равияи «Мавлавия» эътиқоду қавлу бовар бар ҳама рафтору гуфтору аъмоли кофии «Пир»-и хешро доштанд, ки танҳо ибратомӯзи соликони ҷодаи футуввату ухувват буд ва вуҷудаш аз таҷаллои нури тақдисии маърифати Паёмбари Худо баҳраманд. Ба ин тавсиф Эмомалӣ Раҳмон овардааст, ки: «Ин «мазҳаб»-и эҷодкардаи Мавлоно дархури ниёзмандиҳои намояндагони тамоми дину мазҳаб, ирқу нажод, фарҳангу тамаддун, синну сол ва ҷинсият, дорову нодор, умуман кулли инсонияти ташнаи ҳақиқат аст» [8, с.73].

Ин ҳолат аз овони бар ҳаёт будани Мавлоно Ҷалолуддин то кунун идома дорад ва мутобиқи ин суннати дилписанду побарҷойи адабӣ- фарҳангии марсум мардум имрӯзҳо дар саросари дунё ин рӯзро ҳамчун рӯзи ёдбуди Мавлоно гиромӣ медоранд ва бавижа дар Қуния, дар Қуббаи Хазро, ки оромгоҳу маъвои абади ин орифи бузург аст, марбут ба мисраъи сароғози «Маснавии маънавӣ»-и ӯ «Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад…» шаборӯзӣ ва беист садои най танинандоз аст.

